# ТАШКИЛИ КОР БО НАФАРОНЕ, КИ БО ҶУРМИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТҲОИ ТАБИАТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТИГАРОИДОШТА МАҲКУМ ШУДААНД

## МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе – 2018

Дастури таълимии мазкур бо мусоидати Намояндагии Институти □амкории байналмилалии Ассотсиатсияи донишкада□ои мардумии Олмон дар То□икистон дар доираи лои□аи «Ҳимояи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшуда дар Тоҷикистон» бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупова Вазорати федеролии Олмон оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд, таҳия ва нашр гардидааст. Моҳияти маводи мазкур дар асоси модули таълимии кормандони Хадамоти давлатии иҷрои ҷазои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қиргизстон, ки соли 2017 аз тарафи Барномаи Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятКорӣ дар мамолики Осиёи Марказӣ дар доираи Зербарномаи 2 “Адлияи ҷиноӣ, пешгирии ҷиноятКорӣ ва коррупсия”, ки бо дастгирии молиявии Ҳукумати Ҷопон омода шудааст, таҳия шудааст.

Модули таълимии мазкур барои омӯзгорони Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Модул ба омӯзгорон дар амали сохтани барномаҳои таълимӣ барои кормандони системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак мерасонад. Барномаи таълимии мазкур маводи шахшуда намебошад, ва омӯзгорон мувофиқи талаботу эҳтиёҷоти иштирокчиёни курси таълимӣ метавонанд мавзӯъҳоро иваз намоянд. Мавод фасеҳ мебошад, ва мавзӯъҳоро якҷоя кардан мумкин аст.


Мураттибон:

Осмонова Н.Н.
Маркази таълимии Хадамоти давлатии иҷрои ҷазоназди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизстон

Абдунабизода Ш.А.
Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷаҳон», Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Мазмуну мундариҷаи нашрияи мазкур масъулияти мураттибон буда, нуқтаи назари маблағгузоронро инъикос намекунад.**

**МОДУЛИ КУРСИ ТАЪЛИМӢ**

**“ТАШКИЛИ КОР БО НАФАРОНЕ, КИ БО ҶУРМИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТҲОИ ТАБИАТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТИГАРОИДОШТА МАҲКУМ ШУДААНД”**

**МУНДАРИҶА**


Мухтасарот 4

Муқаддима 5

Хадафҳо ва вазифаҳои курси таълимӣ 7

Барнома ва нақшаи методии курси таълимӣ 8

**БОБИ I. Стандартҳои кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд** 15
1.1. Стандартҳо ва меъёрҳои байналхалқӣ ва миллии кор бо нафароне ки боҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд.

**БОБИ 2. Тайёрии равонӣ (психологӣ) оид ба кор бо нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд** 22
2.1. Ҷанбаҳои ичтимоӣ-равонии бунёдгароии динӣ: омилҳои хатар(зо).
2.2. Рӯҳияи нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд. Имконоти ислоҳи маҳкумшудагон.
2.3. Ислоҳкунӣ: маълумоти умумӣ, марҳилаҳо, васоит.
2.4. Усулҳои безараргардонии фирефтани равонӣ (психологӣ).
Таълим додани афкори таҳлилӣ/ интиқодӣ.

**БОБИ 3. Таълими диншиносӣ ва худошиносӣ дар кор бонафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд** 50
3.1. Муқаддима ба таърихи ислом. Ҷараёнҳои мазҳабӣ дар ислом.
3.2. Бунёдгароии диниву мазҳабӣ: ифротгароӣва терроризм.
3.3. Идеология (мафкура)-и гурӯҳҳои ифротгарова террористӣ.

Замима (саволҳои мусоҳиба) 63

Луғат 64

Адабиёт 70

**МУХТАСАРОТ**

| | |
|---|---|
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СММ | Созмони Милали Муттаҳид |
| ОМ | Осиёи Марказӣ |
| АБҲШС | Аҳдномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ |
| ҚҶТ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВА ҶТ | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СИҶҶ | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ |
| КҶҶТ | КодексиҷиноятииҶумҳурии Тоҷикистон |
| КИҶҶҶТ | Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятииҶумҳурии Тоҷикистон |
| МИ | Муассисаи ислоҳӣ |

## МУҚАДДИМА

Айни замон бисёре аз кишварҳо рӯбарӯи таҳдидҳои ҷангҷӯёнаи ифротгароиҳо қарор доранд; ягон ҳафтае нест, ки бе хабари амалиётҳои ҷангии ифротгароёна дар ин ё он нуқтаи дунё гузарад. Дар бисёре аз кишварҳо сатҳи чунин хатароти ифротгароӣ “баланд” арзёбӣ мешавад; аксар минтақаҳои ҷаҳон минтақаи оқибатҳои фаъолият ва шаклҳои гуногуни ифротгароии ҷангӣ гардидаанд. Ҳамлаҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро бавуқуъомада на танҳо ба ҳалокати одамону хисороти иқтисодӣ оварда мерасонанд; онҳо ҳамзамон метавонанд миёни гурӯҳҳо тухми ихтилоф кошта, ба паҳншавии ақоиди тафриқаандоз ва ифротгароӣ миёни қишрҳои дигари ҷомеа мусоидат намоянд.Чунин вазъ барои ифротгароии ҷангӣ бо мақсади нигаҳ доштани фазои таъмини ифротишавӣ, пайдоиши хушунат, ҷаҳолат ва зӯроварии ҷавобӣ заминаи хеле мусоид мегардад.

Масъалаҳои паҳншавии мафкура (идеология)-и терроризм ва ифротгароӣ дар Тоҷикистон ҳам мавҷуд ҳастанд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки *«ин сол дар қитъаҳои гуногуни ҷаҳон низоъҳо ва нооромиҳо идома ёфтанд, ки ба туфайли онҳо соли ҷорӣ барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як давраи душвор ва ихтилофҳо гардидааст. Дар ин давра, беш аз сад кишвари ҷаҳон мавриди ҳамлаҳои ғайрибашарӣ ва ваҳшиёнаи террористону ифротгароён қарор гирифтанд. Воқеият он аст, ки ҳудуди паҳншавии низоъҳобеш аз пеш васеъ шуда, айни замон мушкилоти глобалӣ ба омилҳои асосҳои низоми ҷаҳонӣ ва принсипҳои муносибатҳои байналмилалӣ фишор оварда истодаанд. Идомаиминбаъдаи чунин вазъият метавонад ба густариши таҳдидҳо ва чолишҳо дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ, ҳамчунин дар соҳаи амният дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон оварда расонад. Дар айни замон, кишвари мо дар самти ташаккули зарфияти бояду шояди дохиливу беруniяш оид ба вокуниши саривақтӣ ба чолишҳо ва хатарҳои умумиҷаҳонӣ чораҳои самаранок андешида истодааст».*

Вазифаи асосии маҳбасҳое, ки дар онҳо нафарони гумонбаршуда, айбдоршуда ва ё маҳкумшудагон- аз ҷумлаи ифротгароёни ҷангӣ нигаҳ дошта мешаванд, ҳамон тавре, ки дар муассисаҳои дигари ислоҳӣ ҳаст, таъмини амнияти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Маъмурияти маҳбасҳо ҳам бояд тадбирҳоеро ба кор баранд, ки барои дар оянда аз амалҳои зӯроварӣ даст кашидани маҳбусон нигаронида шуда бошанд ва дар айни замон аксари онҳоро барои ба ҷамъият баргаштан тайёр намоянд.

Бо назардошти хавфе, ки зиндон метавонад макони ташаккули зӯроварӣ ва ифротгаро шудани маҳбусоне гардад, ки бо ҷиноятни ифротгароии ҷангӣ алоқамандӣ надоранд, маҳбасхонаҳо бояд чораҳои иловагӣ андешанд, ки аз тавлидихушунат ва ифротгароии дигар маҳбусон пешгирӣ карда шавад. Ҳамзамон, бояд маъмурияти зиндонҳо дар назар дошта бошад, ки маҳбасҳоҳам метавонанд барои аз хушунат рӯй гардондани маҳбусон имкониятҳо фароҳам оранд. Вақти дар маҳбас дар ихтиёрдоштаи маҳбусон ба онҳо имкон медиҳад, ки нигоҳи худро дигар кунанд ва аз ақоиди ифротгароёнаи ҷангӣ баргарданд ва шояд ҳатто вақти пухта расидани тағйироти мусбат гардад[1].

---

[1] Ҷоунсs, С. (2014). “Вақте ки ҷангиёни хориҷӣ бармегарданд: идоракунии террористҳои пинҳонӣ”, Суханронӣ, 1 сентябр, 2014. Иқтибосҳо аз: маълумотнома оид ба кор бо маҳбусон аз ҷумлаи ифротгароёни ҷангӣ ва пешгирии радикализатсия дар маҳбасҳо. УНП ООН, Вена. ООН, Ню-Йорк, с 2017.// Дастрасӣ дар сомонаи:https://www.unodc.org/pdf/criminal_justice/Handbook-on-VEPs-RU.pdf

Модулитаълимии мазкур барои кӯмак ба кормандони саридораи муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар банақшагирӣ ва ташкили корашон бо нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротгароидошта маҳкум шудаанд, таҳия шудааст. Он дар муайян кардани дараҷаи иштироки маҳкумшуда дар гурӯҳи ҷинойкумак мекунад ва инчунин барои омӯхтани кор бо тарзи тафаккури интиқодӣ (таҳлилӣ) муфид аст.

Айнизамон низоми системаҳои маҳбасҳои Осиёи Марказӣ бо як қатор проблемаҳо рӯ ба рӯ шудааст:

- Дар давраи иҷрои ҷазо барои маҳбусон дастгирии ҳирфаии иҷтимоӣ ва равонӣ (психологӣ) вуҷуд надорад;
- Мӯҳлати маҳрумият аз озодӣ барои маҳкумшудагони марбут ба ифротгароии динӣ (аз 15 то 27 сол);
- Мавҷуд набудани усулҳои коршиносона таҳияшудаи кор бо нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд, бо дарназардошти принсипҳои тавонбахшӣ ва азнавгардӣ ба ҷамъият(реабилитациява ре-социализация);
- Кор оид ба маърифати динӣ ва диншиносии маҳкумшудагон ва кормандони маҳбасҳо ҳамчун номуносиб арзёбӣ карда мешавад.

Илова бар ин, мушкилоти маҳдудияти захираҳо, шароитҳои пасти будубош ва амният вуҷуд доранд. Ин омилҳо барои ба хушунат гаравидани маҳбусон вазъияти мусоид фароҳам меоранд. Норасоии мутахассисони касбӣ ва таълимшудаи иҷтимоӣ, равоншиносон ва умуман, кормандони муассисаҳои ислоҳотӣ самаранокии иҷрои барномаҳои тавонбахширо мушкил мегардонанд; заминаи сусти техникӣ ва моддӣ имкон намедиҳад, ки маҳбусон пурра бошуғл ва таҳсил фаро гирифта шаванд.

## Ҳадафҳо ва вазифаҳои курси таълимӣ

Хадафи курси таълимӣ ин ташаккули кордонии касбии кормандони саридораи муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ оид ба кор бо нафароне мебошад, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд. Системаи малакаҳои касбии кормандони шабакаи маҳбасҳо дар нақшаи зерин дода шудааст.

**Малакаҳо дар бахши диншиносӣ**

- Донишҳои ибтидоӣ оид ба ислом ва равияҳои мазҳабӣ дар он.
- Малакаҳои муайянкунии афкори бунёдгароёнаи исломӣ
- Дониш оид ба хусусиятҳои зуҳуроти идеяҳои радикалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ

**Малакаҳо дар бахши равоншиносӣ**

- Дониш оид ба омилҳои равонии ба хушунат гаравидан (радикализация)
- Малакаҳои ташхиси хусусиятҳои равонии маҳбусон
- Қобилиятҳои коммуникатсионӣ, аз ҷумла малакаҳои муайян кардани имову ишора ва истифодаи чораҳои ҷавобӣ ба онҳо
- Донистани хусусиятҳои офиятбахшӣ бо нафарони барои ифротгароӣ ва терроризм маҳкумшуда

**Малакаҳо дар бахши меъёрҳои ҳуқуқӣ**

- Дониш оид ба стандартҳо ва меъёрҳои байналхалқӣ ва миллии марбут ба ифротгароӣ ва хушунат (радикализм)
- Маҳорати муайян кардани маҳдудиятҳои иҷозатдодашуда ба озодии эътиқоди динӣ
- Малакаи истифодаи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба муносибат бо маҳкумшудагон дар кори ҳаррӯза

## Нақшаи курси таълимӣ

Дар поён барнома ва нақшаи методии таълимии дурӯза барои кормандони системаи иҷрои ҷазо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст. Ин барнома метавонад ҳамчун намунаи ташкили имконпазири омӯзиш оид ба баланд бардоштани зарфияти касбии кормандони муассисаҳои ислоҳӣ истифода шавад.

## БАРНОМА

| | |
|---|---|
| **Рӯзи яккум** | |
| **Бахши 1. Стандартҳои кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротгароидошта маҳкум шудаанд** | |
| 08.30-09.00 | Бақайдгирии иштирокчиён |
| 09.00-10.00 | Ифтитоҳи машғулият<br>Муаррифии иштирокчиён<br>Ҷамъоварии интизориҳо |
| *10.00-10.30* | *Танаффус* |
| 10.30-12.30 | Стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд. |
| *12.30-13.30* | *Танаффуси пешин* |
| **Бахши 2. Тайёрии равонӣ оид ба кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд** | |
| 13.30-14.30 | Ҷиҳатҳои иҷтимоӣ- равонии радикализатсияи динӣ: омилҳои хатарзо |
| 14.30-15.30 | Ҷиҳатҳои равонии нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда.Имконот барои офиятбахшии маҳкумшудагон |
| 15.30 – 16.00 | Танаффус |
| 16.00 – 17.00 | Офиятбахшӣ (реабилитатсия): маълумоти умумӣ, марҳилаҳо, васоит.<br>Усулҳои безараргардонии таъсири равонӣ (психологическая манипуляция).<br>Машғулиятитаълимӣ оид ба тафаккури интиқодӣ/ таҳлилӣ |
| 17.00 – 17.30 | Муҳокимаи натиҷаҳои рӯзи якуми кор<br>Фикру ақидаи иштирокчиёни курс |
| **Рӯзи дуввум** | |
| **Бахши 3. Таълими диншиносӣ ва худошиносӣ дар кор бо нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда** | |
| 09.30-10.30 | Муқаддима ба таърихи ислом. Равияҳои мазҳабӣ дар ислом |
| 10.30-12.30 | Хушунатгароии динӣ (радикализатсия): ифротгароӣ ва терроризм |
| *12.30-13.30* | *Танаффуси пешин* |
| 13.30-15.30 | Афкори (идеологияи) гурӯҳҳои террористӣ ва ифротигаро |
| 15.30-16.30 | Саволу – ҷавоб<br>Фикру ақидаи иштирокчиён<br>Муҳокимаи натиҷаҳои машғулият |

**Нақшаи методии курси таълимӣ**

## «ТАШКИЛИ КОР БО НАФАРОНЕ, КИ БО ҶУРМИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТҲОИ ТАБИАТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТИГАРОИДОШТА МАҲКУМ ШУДААНД»

**МАҚСАД**
Такмили дониши иштирокчиёни омӯзиш доир ба ташкили кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд, доир ба стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ ва меръёрҳои кор бо ин гурӯҳи маҳкумшудагон, дар бораи тайёрии динӣ ва теологӣ барои кор бо ин гурӯҳи маҳкумшудагон.

**МАСЪАЛАҲО БАРОИ БАРРАСӢ ВА ОМӮЗИШ**
1. Стандартҳои кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротгароидошта маҳкум шудаанд
2. Тайёрии равонӣ оид ба кор бо нафарони ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда
3 Таълими диншиносӣ ва худошиносӣ дар кор бо нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда

| **РӮЗИ ЯККУМ** | **РӮЗИ ДУВВУМ** |
|---|---|
| 8соат 30 дақиқа:<br>• 5 соати таълимӣ<br>• 1 соат барои таоми пешин<br>• 1 соат барои танаффус (2 танаффус 30 дақиқагӣ)<br>• 1 соат 30 дақиқа – кушодашавӣ, шиносоӣ, ҷамъбаст<br><br>5 соати академӣ (1-ум ҷаласа - 2 соат, 2-юм ҷаласа - 3 соат ) | 7 соат:<br>• 5 соати таълимӣ<br>• 1 соат барои таоми пешин<br>• 1 соатбарои ҷамъбасти натиҷаҳо<br><br>5 соати таълимӣ - 3юм ҷаласа (1ум қисмати ҷаласа - 1соат, 2ум қисмати ҷаласа - 2 соат, 3юм қисмати ҷаласа – 2 соат) |
| **Ҳамагӣ**: **15 соат 30 дақиқа** (10 соати таълимӣ\такадемӣ, 2 соат барои таоми пешин, 1 соат 30 дақиқа барои танаффус, 2 соат - кушодашавӣ, шиносоӣ, ҷамъбаст) | |

**ВОСИТАҲОИ ЗАРУРИ ОМӮЗИШ ВА ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ**

- флипчартҳо ва маркерҳои ранга,
- дафтару ручкаҳо,
- LCD проектор  и экран

**МАВОДҲОИ ТАҚСИМШАВАНДА**

**РМ 1-1.**Барнома барои иштирокчиён.

Омӯзгор метавонад маводҳоро вобаста ба сатҳи дониши гурӯҳ ва эҳтиёҷоти иштирокчиён интихоб намояд

**УСУЛҲОИ ОМӮЗИШ**

- мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ)
- кр мбо маводҳои тақсимшаванда
- презентатсия (дар формати*Power Point Presentation)*
- муҳокимаи умумӣ
- ҳуҷуми зеҳнӣ
- мини-лексия
- машқҳои амалӣ доир ба пур кардани бланкҳо

| **Вақт** | **Мавзӯъ** | **Усулҳо** | **Маводҳои тақсимшаванда ВТО. Вазифаҳои кори гуруҳӣ (МГХ).** |
|---|---|---|---|
| **РӮЗИ ЯКУМ** | | | |
| 08.30-09.00 | Бақайдгирии иштирокчиён | | |
| 09.00-10.00 | Ифтитоҳи машғулият<br>Шиносоӣ бо иштирокчиён<br>Ҷамъ кардани интизориҳои иштирокчиён | Истифодаи усулҳои интерактивии таълим тавсия мешавад («сабад», намудҳои гуногуни шиносоӣ бо истифода аз машқҳои интерактивӣ, истифодаи карточкаҳои ранга ва ғ. ) | Барномаи курси таълимӣ, карточкаҳои ранга, флипчартҳо, маркерҳо |
| 10.00-10.30 | Танаффус | | |
| **Ҷаласаи 1.Стандартҳои кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротгароидошта маҳкум шудаанд** | | | |
| 10.30-12.30 | Стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд. | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гурӯҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия. | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ (иштирокчиёнро ба гуруҳҳои хурд тақсим намудан вобаста ба шумораи онҳо)*:<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Шумо кадом стандартҳои кор бо ин гурухи маҳкумшудагонро медонед<br>2. Оё стандартҳову меъёрҳои алоҳидаи махсус барои ин гуруҳи маҳкумшудагон лозим мебошанд, боасосноккунии ҳар як варианти ҷавоб |
| 12.30 -13.30 | Танаффус барои таоми пешин | | |
| **Ҷаласаи 2.Тайёрии равонӣ оид ба кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд** | | | |
| 13.30- 14.30 | Ҷиҳатҳои иҷтимоӣ-равонии радикализатсияи динӣ:<br>омилҳои хатарзо | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокимабо иштирокчиён<br>Намоиш ва муҳокимаи видео наворҳо доир ба мавзӯъ | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14.30 – 15.30 | Ҷиҳатҳои равонии нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда. Имконот барои офиятбахшии маҳкумшудагон. | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима боиштирокчиён<br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br>Ҷамъбасти муаррифии кори гурӯҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия<br>Машқ «Модар ва духтараш»<br>Муҳокима ва натиҷагирӣ аз машқ | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br><br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Ба фикри шумо фарқияти нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда аз дигар маҳкумшудагон дар чист?<br>2. Фарқияти байни сарвар аз иҷрокунанда (дар ин гуруҳи махсуси маҳкумшудагон) дар чист?<br>Вазифа ба иштирокчиён, аз рӯи ихтиёрӣ дар машқ иштирок варзидан, 2 иштирокчӣ даъват мешаванд, дар давоми бозӣ иштирокчиён метавонанд иваз шаванд |
| *15.30 – 16.00* | *Танаффус* | | |
| 16.00 – 17.00 | Офиятбахшӣ (реабилитатсия): маълумоти умумӣ, марҳилаҳо, васоит.<br>Усулҳои безараргардонии таъсири равонӣ (психологическая манипуляция).<br>Машғулияти таълимӣ оид ба тафаккури интиқодӣ/ таҳлилӣ | Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br><br>Муҳокима боиштирокчиён<br><br>Мубоҳиса дар гуруҳҳои хурд (МГХ, 15 дақиқа)<br>Муаррифии кори МГХ (5 дақиқа ба ҳар гурух)<br><br>Бозии «Кур ва Раҳнамоҳо»<br>Муҳокимаи натиҷаҳои бозӣ<br><br>Ҷамъбасти муаррифии кори гурӯҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия | Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>*Вазифа ба ҳар як гурӯҳ*<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1. Ба фикри шумо, оё корҳои офиятбахшӣ бо маҳкумшудагони ин гурӯҳ гузаронидан лозим аст? Кадом марҳилаҳо ва воситаҳоро истифода кардан мумкин аст?<br>Вазифа ба иштирокчиён, аз рӯи ихтиёрӣ барои иштирок варзидан дар машқ 5 иштирокчиён даъват мешаванд |
| 17.00 – 17.30 | Ҷамъбасти рӯзи якум<br>Фикру ақидаҳои иштирокчиён | | |

<table>
<tr><th colspan="4">РӮЗИ ДУВВУМ</th></tr>
<tr><td colspan="4">Ҷаласаи 3.  Таълими диншиносӣ ва худошиносӣ дар кор бо  нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда.</td></tr>
<tr><td>09.30 – 10.30</td><td>Муқаддима ба таърихи ислом.<br>Равияҳои мазҳабӣ дар ислом.</td><td>Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (15 дақиқа)<br><br>Муаррифии МГХ  ( 5 дақиқа ба ҳар гурӯҳ)<br><br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст</td><td>Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Кадом равияҳои мазҳабии исломро номбар карда метавонед</td></tr>
<tr><td>10.30 – 12.30</td><td>Хушунатгароии динӣ (радикализатсия): ифротгарой ва терроризм.</td><td>Мини – лексия бо ҷӯршавии слайдҳо<br>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар гуруҳҳои хурд (15 дақиқа)<br>Муаррифии МГХ  ( 5 дақиқа ба ҳар гурӯҳ)<br><br>Ҷамъбасти муаррифии кори гурӯҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия</td><td>Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.  Кадом сабабҳои хушунатгароии диниро номбар карда метавонед</td></tr>
<tr><td>12.30 – 13.30</td><td colspan="3">Танаффус барои таоми пешин</td></tr>
<tr><td>13.30 – 15.30</td><td>Афкори (идеологияи )гурӯҳҳои террористӣ ва ифротигаро</td><td>Муҳокима<br>Ҷамъбаст<br>Муҳокима дар 2 гуруҳи хурд (15 дақиқа)<br>Муаррифии 2 МГХ  ( 5 дақиқа ба ҳар гурӯҳ)<br><br>Ҷамъбасти муаррифии кори гурӯҳҳо, бо иловаи мини-лексия ё презентатсия</td><td>Презентатсия - слайдҳо дар формати Power Point<br>Вазифа ба ҳар як гурӯҳ<br>Тайёр намудани далелҳо доир ба мавзӯъ:<br>1.Фарқияти байни идеологияи ифротигарой ва идеологияи ҷиҳод</td></tr>
<tr><td>15.30-16.30</td><td colspan="3">Саволу – ҷавоб<br><br>Ҷамъбасти натиҷаҳои омӯзиш<br><br>Фикру ақидаҳои иштирокчиён</td></tr>
</table>

**БОБИ I.СТАНДАРТҲОИ КОР БО НАФАРОНЕ КИ БО ҶУРМИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТҲОИ ТАБИАТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТИГАРОИДОШТА МАҲКУМ ШУДААНД.**

**1.1. Стандартҳо ва меъёрҳои байналхалқӣ ва миллии кор бо нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд.**

**Вазифаҳоимашғулият:**

1. Иштирокчиёни тренинг оид ба нақши ҳуқуқҳои инсон дар мубориза бо хушунатгароӣ (радикализатсия) дар маҳбасҳо ва ҷомеа фаҳмиш мегиранд;
2. Иштирокчиён оид ба стандартҳои асосии ақаллӣ ва қоидаҳои СММ оид ба муносибат бо нафарони бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароӣ маҳкумшуда маълумот мегиранд.




Ҳуҷҷати асосии байналхалқӣ, ки барои баррасии ҳуқуқҳои инсон дар маҳбасҳо ҳамчун санади асосӣ дониста мешавад, Қоидаҳои (меъёрӣ/стандартӣ) ягонаи минималии Созмони Милали Муттаҳид оид ба рафтор бо маҳбусон (Қоидаҳои Нелсон Манделла) ба шумор меравад, ки аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ қабул гардидааст[2].

---

[2] Дар сомона: https://www.unodc.org/documents/justice-and-prison-reform/Nelson_Mandela_Rules-R-ebook.pdf. Матни пурраи қоидаҳои Нелсон Манделадар замимаи электронии №3 дода шудааст.

**"Мегӯянд, ки ҳеҷ кас кишвареро ба таври ҳақиқӣ шинохта наметавонад, то он ки маҳбасхонаҳои вайро набинад. Кишвар бояд на аз рӯи муносибат бо шаҳрвандони нисбатан пурнуфузаш, балки аз рӯи муносибат бо шаҳрвандони табақаи поёниаш арзёбӣ карда шавад"**

**Нелсон Мандела**




Сурат.Бахшҳои мавзӯии қоидаҳои Нелсон Мандела.

Ин ҷо баъзе қоидаҳоеро дида мебароем, ки барои аз мафкураи зуроварӣ даст кашидани нафарони ба ҷурми террористӣ ва ё ифратгароӣ ҳабсшуда мусоидат карда метавонанд.

***Қатъиян манъ кардани шиканҷа ва муроҷиати дағал. Чораҳои интизомии бе зӯроварӣ.***Дар моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистоноварда шудааст: "Дахлнопазирии шахс аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа, муносибати ғайриинсонӣ ё зӯроварӣ қарор дода шавад". Мувофиқи аҳдномаҳои байналхалқӣ, ҳуқуқи озодӣаз шиканҷа ва шаклҳои дигари муроҷиати бераҳм мутлақ аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи мазкур дар ягон ҳолат набояд вайрон ё маҳдуд карда шавад. Қоидаи 43 қайд мекунад, ки як қатор чораҳои интизомие мавҷуданд, ки бояд манъ карда шаванд, зеро онҳоро метавон бо шиканҷа ва дигар шаклҳои муроҷиати бераҳмона баробар донист.

***Қоидаи 43.***

*1. Дар ягон ҳолат маҳдудият ё тадбирҳои интизомие, ки ба шиканҷа ё дигар намудҳои муносибати бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи шахс баробар дониста мешаванд, набояд ба кор бурда шаванд. Махсусан, истифодаи намудҳои зерини чораҳоро манъ кардан зарур аст: а) Ҳабси алоҳида ба мӯҳлати номуайян; б) Ҳабси алоҳида ба мӯҳлати дароз; в) ҷой кардани маҳбусдар камераи бе рӯшноӣ ва ё доимо равшан; (г) Ҷазои ҷисмонӣ ё кам кардани хӯрок ё оби нӯшокии маҳбус; (е) Ҷазои гурӯҳӣ.*

*2. Ҳеҷ гоҳ-барои вайронкунии интизом воситаҳои оромкунандаро ба сифати чораи муҷозотӣ истифода кардан мумкин нест.*

*3. Манъ кардани вохӯрӣ бо оила набояд ба қатори ҷазоҳои интизомӣ ва ё чораҳои маҳдудкунандаворид карда шавад. Маҳдудиятҳои робита бо оила метавонанд танҳо барои ягон муддати кӯтоҳ ва дар мавриди зарурати халалдор накардани амният ва тартибот таъинкарда шаванд.*

Принсипи инсонгароии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он нигаронида шудааст, ки ҷазо ва дигар тадбирҳои табиати ҳуқуқи ҷиноидоштае, ки дар муносибат бо шахси ҷиноят содиркарда истифода бурда мешаванд, набояд мақсадашон расонидани азобу укубати ҷисмонӣ ва паст задани шаъну шарафи инсонӣ бошад (моддаи 9-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

*Муроҷиат бо маҳбусон.* Тавре ки қаблан зикр гардид, муроҷиат бо маҳбусон, ки дар заминаи эҳтироми ҳисси шаъну шарафи онҳо ба роҳ монда шудааст,,барои дарки масъулият, барои хоҳиши мутобиқшудан ба ҳаёти нав пас аз озодшавӣ ва риояи қонунҳо мусоидат менамояд. Бо ин мақсад, маъмурияти муассисаҳои иҷрои ҷазо ва ҳамаи кормандони он бояд тадбирҳои гуногун, аз ҷумла таълим, бакортаъминкунӣ, тарбияи ҷисмонӣ, имконияти ибодат, чораҳои тиббӣ ва равонӣандешанд. Стандартҳои мазкур дар Қоидаҳои 91-92дода шудаанд.

Нафароне, ки тибқи моддаҳои марбут ба терроризми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 179, 1791 - 1793, 181, 182, 184, 1841-1844, 185, 187, 193, 194, 1941, 1942, 1943, 1944, 1945, 310 ва 402) ) ва иҷрои амалҳои табиати ифротгароӣ ҳам (моддаҳои 3071-3074) маҳкумон зери принсипҳои умумии қонунгузории миллӣ оид ба иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ, қонунҳои ҷиноӣ ва дигар қонунҳо ва Қоидаҳои ҳадди аққали Созмони Милали Муттаҳид оид ба муомила бо маҳбусон (Қоидаҳои Нелсон Мандела) қарор мегиранд.

Масъалаҳои марбут ба озодиҳои динӣ (ибодат) дар маҳбасҳо дар боби 3.1.2-и дастури мазкур баррасӣ карда мешаванд. Масъалаҳои барқарорсозӣ ва бозгашти маҳбусон ба ҷамъият (реинтегратсия) дар боби 3.2 баррасӣ карда мешаванд.

*Дигар ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ оид ба стандартҳои муносибат бо маҳбусон, аз ҷумла маҳкумшудагони ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротгароидошта:*

1. Аҳдномаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Дастрасӣ дар сомонаи: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml ва ду адад протоколҳои факултативӣ ба ҳамин Аҳднома.
2. Қоидаҳои СММ марбут ба муомила бо занони маҳбус ва тадбирҳои муҷозотӣ нисбат ба занони ҳуқуқвайронкунанда, бе маҳрум сохтан аз озодӣ (Қоидаҳои Бангкок). Дастрасӣ дар сомонаи:http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/bangkok_rules.shtml
3. Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда. Дастрасӣ дар сомонаи: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/juveniles_liberty.shtml
4. Принсипҳои асосии муносибат бо маҳбусон. Дастрасӣ дар сомонаи: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/prisoners_treatment.shtml
5. Аҳднома зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф. Дастрасӣ дар сомонаи: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/torture.shtml
6. Кодекси рафтори кормандони мақомоти ҳифзи тартиб ва ҳуқуқ. Дастрасӣ дар сомонаи: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/code_of_conduct.shtml
7. Ёддошти тафоҳуми Рум оид ба таҷрибаи хуб барои барқарорсозӣ ва бозгашти шахсоне, ки ҷиноятҳои зӯроварии табиати ифротгароидошта содир кардаанд.Дастрасӣ дар сомонаи:

https://www.thegctf.org/Portals/1/Documents/Framework%20Documents/Rome%20Memorandum%20-%20RUS.pdf
8.Ёддошти тафоҳуми Сидней оид ба мушкилот ва (усул) стратегияҳои кор бо маҳбусон аз ҷумлаи ифротгароёни ҷанговар (соли 2012).
9. (Аҳдномаи Гаага) "Принсипҳои асосӣ ва таҷрибаҳои мусбӣ оид ба барқарорсозӣ ва бозгардонии нафароне, ки ҷиноятҳои зӯроварии табиати ифротгароидошта содир кардаанд". (соли 2012)



**ТЕРРОРИЗМ.** Дарқонунҳои байналмилалӣ ин мафҳум таърифи умумӣ қабулшуда надорад. Дар қатъномаи рақами 49/60-и Ассамблеяи генералии СММ «Тадбирҳо оид ба бартараф намудани терроризми байналмилалӣ», ки соли 1994 қабул карда шудаст, он чунин шарҳ ёфтааст: "амалҳои ҷиноие ки ба мақсадҳои сиёсии дар миёни ҷомеа, одамон, ё нафарони алоҳида ба миён овардани муҳити таҳдид (террор) ба амал бароварда мешаванд ва сарфи назар аз ҳама гуна далелу мулоҳизаҳои сиёсӣ, фалсафӣ, идеологӣ, нажодӣ, қавмӣ, динӣ ва ғайра, ки барои сафед кардани он оварда мешаванд, асоснок ҳисобида намешаванд". Таърифи мазкур баъдан борҳо дар дигар ҳуҷҷатҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди терроризм истифода бурда шудааст.

**ҚОИДАҲОИ НЕЛСОН МАНДЕЛА** - ҳуҷҷати байналмилалӣ, ки қоидаҳои ҳадди ақали (стандартӣ) меъёрии муносибат бо маҳбусонро дар бар мегирад ва аввалин маротиба дар соли 1955 дар Конгресси аввалини Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноятkорӣ ва муомила бо ҷинояткорон қабул шудаанд. Қоидаҳои мазкур барои таҳияи қонунҳо, сиёсатҳо ва амалияи фаъолияти муассисаҳои ҳабсӣ аҳамияти калон доранд.

**ШИКАНҶА** - ҳама гуна амале ки тавассути он бакасе қасдан дарду азоби сахти ҷисмонӣва ё маънавӣ расонда мешавад. Мақсад- аз шахси шиканҷашаванда ва ё тавассути вай аз нафари сеюм ба даст овардани ягон маълумот ё иқроршавӣ; ҷазо додан барои амал ё гумони ягон амали вай ва ё шахси сеюм иҷрокарда; тарсондан ё маҷбур кардани шахси шиканҷашаванда ва ё нафари сеюм; ё барои ягон сабаби дигаре ки бо табъиз (дискриминатсия), анҷом дода мешавад. Чунин амал (шиканҷа) аз тарафи шахси мансабдори давлатӣ, ё шахси дигари расмӣ, ё бо дархости чунин шахсон, ё бо огоҳии онҳо, ё бо розигии хомӯшонаи онҳо ба амал бароварда шуда бошад.

---

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсифи зерини мафҳумҳои "терроризм" ва "экстремизм" қабул карда шуданд:

**ТЕРРОРИЗМ -** яъне зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони воқеъӣ, маҷбур кардан ё таҳдиди истифодаи он нисбати шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчунин нобуд сохтан (зарар расонидан) ё таҳдиди нобуд сохтани (зарар расонидан ба) амвол ё дигар объектҳои моддии шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, ки боиси хавфи ҳалокати одамон, расонидани зарари басо ҷиддӣ ба амвол, ё ба миён омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарори барои террористон мақбул, ё қаноатбахш намудани манфиатҳои ғайриҳуқуқии амволӣ ва (ё) дигар манфиати онҳо, инчунин таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ бо мақсади суст кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ё амнияти давлат, ҳамчунин бо мақсади қатъ гардидани фаъолияти давлатӣ ё дигар фаъолияти сиёсӣ ё содир намудани чунин кирдор, бинобар интиқом барои чунин фаъолият, инчунин сӯиқасд ба ҳаёт, расонидани зарари ҷисмонӣ ба ходими давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ё намояндаи ҳокимият, вобаста бо фаъолияти давлатӣ ё ҷамъиятии онҳо; бо мақсади ноором сохтани вазъият ё расонидани таъсир ҷиҳати қабули қарор аз тарафи мақомоти давлатӣ, ё

монеъ шудан ба фаъолияти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ, инчунин ҳамла ба намояндаи давлати хориҷӣ ё корманди ташкилоти  байналмилалии таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта, ё аъзои оилаи бо ӯ истиқоматкунанда, инчунин ба биноҳои хизматӣ ё истиқоматӣ ё воситаи нақлиёти ашхосе, ки таҳти  ҳимояи байналмилалӣ қарор доранд, агар ин ҳаракатҳо бо мақсади барангехтани ҷанг ё мураккаб сохтани муносибатҳои байналмилалӣ содир шуда бошанд, мебошад(моддаи 3-уми ҚҶТ "Дар бораи мубориза бо терроризм").

**ЭКСТРЕМИЗМ** - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноором̣ӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва хусумати мазҳабӣ (моддаи 3, ҚҶТ “Дар бораи мубориза бо экстремизм”).

---



**Ғояҳои асоси**

1.Эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, шароитҳои инсониинигаҳдошти маҳбусон, таваҷҷӯҳи доимӣ ба масъалаҳои барқарорсозӣ ва аз нав ба ҷомеа ҷалб намудани маҳкумшудагон; шароитҳои арзандаикор барои ходимони шабакаи маҳбасхонаҳо бешубҳа, ба пайдоиши эътимоди маҳбусон ба худ, ба фароҳам овардани шароити эҳтироми шаъну шарафи инсон, ба афзоиши ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ва шахсӣ мусоидат мекунад. Доштани чунин як «ярок» дар маҳбасҳо дар мубориза бар зидди радикалзм (хушунатгароӣ)воқеан муассир мегардад.

2.Як қатор ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои маҳбусон мавҷуданд, ки дар онҳо стандартҳои ҳадди ақалл ва қоидаҳои нагаҳдошт ва муносибат бо маҳбусон, азҷумла барои нигоҳубин ва табобати маҳбусон; аз ҷумла нафароне ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкумшуда дода шудаанд. Дар бахши ҳуқуқҳои маҳбусон Қоидаҳои Нелсон Манлела ки дорои 9 боби мавзӯӣ мебошанд, ҳуҷҷати асосӣ ба шумор меравандӣ[3].

### 1.1.Озодии дин дар ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ

### 1.Озодии дин: муқаррароти умумӣ



**Вазифаҳои машғулият:**

1. Баландбардоштани сатҳи дониши иштирокчиён оид ба муқаррароти асосии марбут ба озодии дину эътиқод, ки аз ҷониби шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ кафолат дода мешаванд;
2. Муаррифии намудҳои иҷозатдодашудаи маҳдудиятҳо оид ба озодии дин ва эътиқод;
3. Баландбардоштани сатҳи дониши иштирокчиён дар боби амалияи байналхалқии додгоҳӣ оид ба риоя ва маҳдуд кардани озодии дин дар маҳалли маҳрумият аз озодӣ.

**“Ҳуқуқҳои инсон”** ҳамчун мафҳум, танҳо дар асри XIX ташаккул ёфтааст. То ташаккули он бошад, таърихи тӯлонии ҷанг ва зӯроварӣ маълуму мавҷуд буд. Ҷангҳоиҷаҳонӣ нишон доданд, ки инсоният барои даст ёфтан ба қудрат ҷӣ корҳое намекунад: (генотсид) қиркунии яҳудиён, ҷӯгиҳо, арманиҳо ва ғайра; истифодаи силоҳҳои химиявӣ ва атомӣ; несту нобудкунии қавмҳо/ қабилаҳо- ҳамаи ин танҳо як қисми намунаҳои даҳшати ҷанг мебошанд.

---

[3]Дастурамал оид ба кор бо маҳбусон аз ҷумлаи ифротгароёни ҷангӣ ва кор оид ба пешгирии хушунат ва хушунатгароӣ дар маҳбасҳо. УНП СММ, Вена. СМИ, Ню-Йорк, соли 2017. // Дар сомона:https://www.unodc.org/pdf/criminal_justice/Handbook-on-VEPs-RU.pdf

Баъди анҷоми ҷанги ҷаҳонии дуюм, аъзоёни Созмони Милали Муттаҳиди навтаъсис ба як қарори умумӣ омаданд, ки меъёрҳои ҳуқуқи инсонро бояд муқаррар намуд, ки риояи онҳо аз ҷониби ҳар як давлати аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар назар дошта шуда бошад.



*Ҳуқуқҳои инсон*–ин ҳуқуқҳои ҳатмии ҳар як шахс, новобаста аз миллат, ҷои зист, ҷинс, қавмият, ранги пӯст, дин, забон ё хусусиятҳои дигар мебошанд.

Яке аз ҷузъҳои таркибии ҳуқуқҳои инсон- ҳуқуқ ба озодии дин аст. Дарамалияи байналхалқӣ он бо номи *ҳуқуқи озодии дин ва эътиқод*маълум аст. Азбаски мафҳуми юридикии "дин"-ро шарҳ додан қариб ғайриимкон аст, ба ҷои шарҳи мафҳумҳои худи озодиҳо як рӯйхати ҳуқуқ ва воситаҳои ҳимояи он озодиҳо, зери унвони мувофиқашудаи "озодии афкор, виҷдон ва дин"таҳия шуд[4]. Илова бар ин, бо пешниҳоди Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР), як қатор эътиқодҳо- аз қабили агностикӣ, атеистӣ, ратсионалистӣ ва дигар ақидаҳое, ки дин ва меъёрҳои диниро инкор мекунанд, низ ворид карда шуданд.

Принсипи озодии виҷдон ва озодиҳои динӣ, ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосии шахс дар боби дуюми Сарқонуни ҶТ шарҳ дода шудааст. Моддаи 26 Сарқонуни ҶТ ин мавзуъро чунин мушаххас мекунад: **"Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд".**

Дартанзими масъалаҳои таъмини озодии виҷдон ва озодиҳои динӣ пас аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба шумор меравад, ки дар он гуфта шудааст:

– *озодии виҷдон*– ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайяннамудани муносибати худ ба дин, дар танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣнакардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ, инчунинбаён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ мебошад;
– *озодии пайравӣ ба дин*– ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои озодона ва мустақилонаинтихоб кардани ягон дин ва пайравӣ намудан ба он, иштирок дар ибодати динӣ, адоимаросимҳои динӣ ва таълими динӣ мебошад;

## 2. Ҳуқуқи маҳбусон оид ба озодии пайравӣ ба дин[5]

Тавсифи умумии № 22 Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон[6]қайд намудааст, ки шахсоне ки нисбати онҳо баъзе маҳдудиятҳои қонунӣ муқаррар шудааст, масалан, маҳбусон, метавонанд истифодаи ҳуқуқҳои худро оид ба пайравӣ ба дин ё эътиқодба қадри имкон, бо дарназардошти мувофиқат бо намуди маҳрумиашон аз озодӣ, пурра давом диҳанд.

Мутобиқи моддаи 21 "*Таъмини озодии виҷдон ва озодии эътиқоди динии маҳкумшудагон*" дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.08.2001 № 32 омадааст: **"Ба маҳкумшудагон озодии виҷдон ва озодии эътиқоди динӣ кафолат дода мешавад. Ҳаряк маҳкумшуда ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян кунад, дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо дигарон ба ҳар як дин эътиқод оварад ва ё ба ҳеҷ яке аз он эътиқод надошта бошад, дар таҷлили маъракаҳои динӣ, расму оинҳои динӣ иштирок намояд, ақидаи динӣ ё атеистиро озодона интихоб намояд ва ё дошта бошад ва мутобиқи он рафтор кунад".**

---

[4]Лернер Н.Намуд ва стандартҳои ҳадди аққали озодии дин ва эътиқод/ Озодии дин ва эътиқод: принсипҳои асосӣ. М.М, 2010 - с. 137.

[5]Озодии дин ва қайди адолати судӣ: дастур барои додситонҳо. Бишкек, соли 2016, с. 87.

6. Тавсифи умумӣ №22 (48) ба моддаи 18-и ПБҲФС/ Маҷмӯаи шарҳҳои умумӣ ва тавсияҳои умумӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳуқуқи инсон қабул шудаанд. HRI/ GEN/ 1/ Rev.9 (ч. I), 27 маис 2008,саҳ. 264,http://www2.ohchr.org/english/bodies/icm-mc/docs/8th/HRI.GEN.1.Rev9_en.pdf

Ба назди шахсоне, ки дар иҷрои ҷазо - дар намуди маҳрумият аз озодӣ мебошанд (ба истиснои маҳбусоне, ки дар ҳуҷраҳои ҷазо, дар боздоштгоҳҳои ҷазоӣ ва интизомӣ, дар биноҳои навъи камерава ҳуҷраҳои яккаса дошта мешаванд), дар асоси дархости онҳо, тибқи қайд ва тартиби муқарраргардида, ходимони иттиҳодияҳои динӣдаъват карда мешаванд. Дар маҳбасҳо ба маҳкумшудагон қайд намудани оинҳои динӣ, истифода аз чизу чораи ибодатӣ ва адабиёти динӣ- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистониҷозат дода мешавад. Маъмуриятимуассиса бо ин мақсад ҳуҷраи мувофиқ ҷудо мекунад.

Ба маҳбусони бемори вазнин ва маҳкумшудагон пеш аз иҷрои ҳукм, дар асоси дархости онҳо имкон дода мешавад, ки ҳама гуна фароизи зарурии диниашонро бо иштироки ходимони динӣ иҷро кунанд.

## 3. Маҳдудиятҳои имконпазир дар ҳуқуқи озодии пайравӣ ба дин

Бояд қайд кард, ки дар маҷмӯъ вазифаи таъмини озодиҳо ва эътиқоди динӣ ҳифзи дин ва зарфияти некӯкории он, инчунин муқаррар намудани баъзе маҳдудиятҳо бо мақсади пешгирии хатарҳои манфии марбут ба динро низ дар бар мегирад[7].Масалан банди 3-имоддаи 18-и ICCPR/ АБ□ШСмаҳдудиятҳои озодии динро муқаррар кардааст ва он танҳо он маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунро дар бар мегирад, ки барои ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ва ахлоқ, инчунин ҳуқуқу озодиҳои асосии дигарон зарур мебошанд.

Озодӣ аз маҷбуркунӣ ба диндорӣ ва ё қабули дин ё эътиқод ва озодии волидонупарасторон оид ба таъмини таълими динӣ ва ахлоқиро маҳдуд кардан мумкин нест. Маҳдудиятҳоро метавон танҳо нисбати он мақсадҳое муқаррар намуд, ки онҳо ноил шуданиянд. Ва маҳдудиятҳо бояд бевосита ба мақсади мушаххасемарбут бошанд, ки онҳо ба иҷрои он кӯшиш мекунанд ва боядмутаносибу арзанда ба он бошанд. Маҳдудиятҳоро набояд бо мақсадҳои табъизомез (дискриминатсия)ва дар шакли поймол кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои дигарон истифода бурд. Кумита қайд мекунад, ки мафҳуми ахлоқ дар асоси бисёр анъанаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва динӣ шакл мегирад ва бинобар ин, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ба озодии пайравӣ ба дин ё эътиқод бо мақсади ҳифзи ахлоқ набояд бо принсипҳои аз танҳо як анъана бароянддаташаккул ва асос ёбад[8].

Аз маъмурияти маҳбасҳо интизор меравад, ки эҳтиёҷоти динии аз озодӣ маҳрумшудагонро эътироф карда, ба маҳбусон барои иштирок дар қайду ҷашни маросимҳои динӣ имкон диҳанд. Масалан, агар дин ва ё эътиқодепарҳези ягон хӯрока ва ё рӯзадориро талаб намоянд, ҳукуматдорон ба шарте, ки чунин талабот бемаънӣ ва риояи он зиёд гарон набошад,набояд ба ин мамониат кунанд[9]. Дар қазияи **“Якубский бар зидди Лаҳистон**” (Jakóbski vs Poland)[10]вақте ки ба маҳбуси бутпараст додани хуроки (вегетарианӣ) гиёҳиро, ки дини вай талаб мекард, рад карданд, ин воқеа ҳамчун нақзи моддаи 9-уми Аҳдномаи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (минбаъд Аҳднома) маънидод шуд[11].

---

7Озодии дину эътиқод: принсипҳои асосӣ. – М., с 2010 – с. 18.

8Қайдҳои тартиби умумӣ №22 (48) ба моддаи 18-и ПБҲФС/МПГПП/ Маҷмӯаи қайдҳои тартиби умумӣ ва тавсияҳои умумӣ, ки аз ҷониби мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон қабул шудаанд.- HRI / GEN / 1 / таҳрири 9 (ҷилди l. I), 27 майи 2008, саҳ. 264; http://www2.ohchr.org/english/bodies/icm-mc/docs/8th/HRI.GEN.1.Rev9_ru.pdf

9Ин ҷо ва минбаъд, парвандаҳои судие оварда мешаванд, ки аз ҷониби Гулшор Абдурасулова, соли 2017 интихобу таҳия кардаанд.

10Якубский бар зидди Лаҳистон (Jakóbski v. Poland), сархатҳои 42-55; ниг. ҳамчунин парвандаи “X зидди Британия Кабир” (X v. the United Kingdom), қарор аз моҳи марти соли 1976.

11 Эзоҳ. таҷрибаи Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва Додгоҳи Аврупо қонуни мурофиавӣ мебошанд. Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон риояи Аҳдномаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ назоратмекунад. Он як мақоми умумӣ буда, доираи ҳуқуқии он ба КР, Додгоҳи Аврупо оид ба ҳуқуқҳои башар, мақомоти минтақавӣ буда, иҷроиши Аҳдномаи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосиро назорат мекунад ва салоҳияташ КР-ро дар бар намегирад. Бо вуҷуди ин, ҳарду мақомот ҳам дар сабқат фаъолият мекунад; ҳар ду ҳам аз васоити далелу исботи яхкела истифода мекунанд ва вазифаҳо оид ба исботу далел ба ҳар ду тақсим карда мешаванд.

Риояи талаботҳоигигиенӣ набояд барои таъин намудани ҷазои интизомӣ ба сифати далелу асос истифода бурда шавад. Масалан, банди №16-и Қоидаҳои меъёрии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон набояд барои пурра тарошидани мӯи маҳбусон ҳамчун асос дониста ва ё истифода шавад. Дар қазияи “**Биржетис муқобили Литва”**, ки дар он маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ба мард риш монданро иҷозат надодааст, вайрон кардани моддаи 8 Аҳднома ба назар мерасад. Додгоҳи Аврупо ҳукм баровард буд, ки Литва ҳуқуқи дахолатнопазирии шаҳрванди худро вайрон кардааст ва далелҳои овардаи ҳукумат барои иҷозат надодани ришмонӣ- новобаста аз талаботҳои санитарию гигиенӣ, эстетикӣ ва муқарраротидигар, ва набудани ягон мавриди истисноӣ, мутаносиб ва кофӣ мебошанд. Коллегияи иборат аз ҳафт нафар додситонон қайд кард, ки чунин таҳримҳо ба мӯйлаб, зулф ва мӯйҳои дигар қисмҳои бадан дахл намекунанд[12]. Шароитҳои санитарӣ бояд ба қадри кофӣ таъмин бошанд. ки ҳар як маҳбус, дар ҳар мавриде ки вай зарур шуморад, эҳтиёҷоти табиии худро дар шароити тозаву шоиста қонеъ гардонида тавонад[13].

# БОБИ 2. ТАЙЁРИИ ПСИХОЛОГӢ ОИД БА КОР БО МАҲКУМШУДАГОН БАРОИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРОИДОШТА

## 2.1. Ҷанбаҳои иҷтимоию психологии (радикалишавӣ) бунёдгарои динӣ шудан: омилҳои хавф/ хатарзо

**Вазифаҳои машғулият**

Дар анҷоми машғулият иштирокчиён:

1. Оид ба ҷанбаъҳои психологии (радикалишавӣ) бунёдгарои динӣ шудан, оид ба омилҳои хатарзо маълумоти умумӣ мегиранд;
2. Малакаҳои муайян кардани омилҳои (радикалишавӣ) бунёдгарошавиро тавассути кор бо парвандаҳои шахсии "мизоҷ"-он аз бар мекунанд.



**Мафҳумҳои асосӣ**

***Радикализм*** (бунёдгароӣ) - мақсад ё муносибати шахс(ият) ба ҳалли пурра (радикалӣ), зуд ва қатъии проблемаҳо мебошад. Зери мафҳуми радикализми сиёсӣбаъзан даъват ба сарнагункунии маҷбурии сохти ҷамъиятии мавҷуда, қотеият ва ғайри қобили таҳаммул будани доктринаи идеологӣ; баъзан ифротӣ/зиёдарав будани сохтори сиёсӣ фаҳмида ва ё маънидод карда мешавад. Ғалабаи радикалҳо ва ё бунёдгароҳо танҳо дар ҳолатҳои каму истисноӣ имконпазир аст. Дар чунин мавридҳо одатан мавзӯъҳои то ин дам аз мадди назар берунмондаи ҷамъиятӣ боло мегиранд ва сифатан ба мавқеи аввал мебароянд (агар ин гуна ҳолатҳо мавҷуд набошанд, онҳоро метавон таъсис дод).

***Терроризм*** - усулест, ки тавассути он гурӯҳи муташаккили (зиддиҷамъиятӣ) бунёдгаро барои ноил шудан ба мақсадҳои эълонкардааш, асосан, тавассути истифодаи мунтазами зӯроварӣ кӯшиш мекунад.



**Муқаддима ба мавзуъ**

Узвият дар гурӯҳи бунёдгарои динӣ натиҷаи ду нерӯҳои ҳамкор мебошад: яке-(усули кор) тактикае, ки даллолон/ ташвиқгарон барои ҷалб, моилкунӣ, коркард ва нигоҳ доштани пайравонистифода мекунанд; ва заъф ё “нуқтаҳои заиф”-и шахсии аъзои нави эҳтимолӣ.

[12]“Биржетис муқобили Литва”, қазияи шикоятии № 49304/09).
[13]Қоидаи 15, Қоидаҳои меъёрии ҳадди ақали СММ оид ба муносибат бо маҳбусон.

Аз омили дуюм сар мекунем. Даллолон, ки дар баҳо додан ва шинохти “муштариён”-и эҳтимолӣ маҳорати хеле хуб доранд, аксаран ба нафароне рӯй меоранд, ки айни замон дар вазъи ғайриоддӣ, ноустувор ва ё ногувориичтимоӣ ва психологӣафтидаанд ва ё қарор доранд.

Инҳо мумкин аст нафароне бошанд, ки дар истироҳатанд (рухсатӣ, таътил, саёҳат, ҷойҳои вақтхушӣ), донишҷӯёни мактабҳои олӣ (махсусан дар солҳои аввал ва охири таҳсил), пиронсолон (онҳое ки ба қарибӣ банафақа баромадаанд ва ё муддати зиёд дар танҳоӣ ба сар мебаранд), наврасони соддалавҳ, ки дар марҳилаи бӯҳрони ҳувият/ худшиносӣ қарор доранд; ҳама гуна касе, айни замон таҳти ягон фишор (стресс) қарор дорад (беморӣ, марги наздикон, талоқ, ва ғайра); муҳоҷирон, гурезагон, бекорон, маҳбусон, ки қариб ҳамагӣ ба муносибати дӯстона, дилгармӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои хуб ниёз доранд.

Гурӯҳи хатар(нок)и махсус (яъне ба дасиса осон додашаванда) бештар нафаронеанд, ки ба таҳқиқоти масоили рӯҳонӣ сахт дода шуда, дар кӯшиши дарёфти «ҳақиқати комил ва мутлақ»-анд (аксаран дар маънои ҷавоби содда ва якмаъно ба саволҳои мураккаб); инчунин шахсоне, ки дорои тафаккури бадеӣ мебошанд.

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки дар баъзе мавридҳо, бигзор барои як вақти кӯтоҳ ҳам бошад, ҳама гуна шахс метавонад, ба чунин фиреб дода шавад.

Аъзоиояндаро дар чаҳор марҳила “коркард” мекунанд:

**Марҳилаи 1. Гумроҳкунӣ ва фирефтан**

- Бавоситаи ҷавобҳои оддӣ ё ҳатто содда ба саволҳои мураккабиҳастӣ (ҳаёт, марг, беморӣ ...) дар фазои гурӯҳи самимӣ ҷавоб додан;
- Оид ба мавзӯъҳои доғи замони муосир: муҳити зист (экология), фасод, озодӣ гап задан;
- Тавассути фиребу таъриф: «Ту зебоӣ, ақли қавӣ дорӣ, ту ба мо барои як рисолати бузург даркорӣ»;
- Кафолат додани хушбахтӣ,озодӣ ва донишбааъзои оянда/нав.

**Марҳилаи 2: Нобудсозии қобилияти танқиду таҳлил ва саркӯб кардани сифатҳои шахсӣ**

- Тавассути хаставу бемадор кардан: рӯзи дароз кор фармудан, маърӯза кардан, хона ба хона ва ё ба ҷойҳои ҷамъиятӣ равон кардан (барои ёфтаву ҷалб кардани аъзоҳои нав ба гурӯҳ), таълими сиёсат;
- Тавассути созмон додани чунин шароитҳои зиндагие ки аъзои нав натавонад истаду фикр кунад, ки вай чӣ кор карда истодааст у чӣ тавр зиндагӣ дорад;
- Тавассути то ҳадди имкон нест кардани вақт ё ҳаёти шахсӣ: ғайриимкон гардондани танҳо мондан, маҷбур ва хоҳаму нохоҳам танҳо оид ба мавзӯъҳои додашудаи “насиҳату роҳнамоӣ” фикр кардан;
- Тавассутитағйир додани луғат: узви ояндаи гурӯҳ бояд нутқеро омӯзад, ки форам бошад, аз лиҳози илмӣ ё динӣ ҷиддӣ ба назар расад, вале он танҳо дар ҳамон гурӯҳ маъно дошта бошад. Ин технологияи қалбакӣ соҳиби худро аз робита бо ҷамъият ҷудо мекунад ва дар асл вайро аз ақл дур мекунад (натиҷаи ин марҳила комилан зидди натиҷаест, ки дар марҳилаи якум ваъда карда шуда буд).

**Марҳилаи 3: Таҳким бахшиданиузвиятдар гурӯҳ ва таҳрик додан ба кандашавӣ аз ҷамъият**

- Ташвиқнамудани тарки мактаб/ кор;
- Сафар ба хориҷа (барои давом додани таҳсил, иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ);
- Кандани робитаву муносибат бо оила, бо дӯстон, бо ҷомеа. Ҳама гуна маълумоте ки аз хориҷ меояд, шубҳанок эълон карда мешавад. Ҳамаи онҳое, ки ин гурӯҳро танқид мекунанд, ҳамчун шахси бад, хатарнок ва зидди пешрафти инсоният муаррифӣ карда мешаванд. Маслиҳати қатъӣ дода мешавад, ки дигар бо онҳо вохӯрӣ накунанд, ба онҳо тӯҳмат бофанд, ва агар имкон бошад, онҳоро ба (суд) додгоҳ диҳанд. Баъзан

оилаи узви гурӯҳро барои ҳама душвориҳое, ки вай қаблан рӯ ба рӯ шуда буд ва ё айни замон рӯ ба рӯ аст, айбдору гунаҳкор мебароранд;

- Ҷамъият танҳо ҳамчун ҷои маҳвшавӣ, тиб- бефоида, равонпизишкӣ- хатарнок, динҳои гуногун- ҳамаашон ҳамчун намояндаи қувваҳои шайтонӣ ҳисобида мешаванд. Ягона гурӯҳе, ки онро мураббӣ/ шайх роҳбарӣ мекунад, метавонад одамонро ба хушбахтӣ расонад;
- Аъзоёнигурӯҳ ба рисолати растагориву кафорати худ эътимод пайдо мекунанд. Вале ба онҳо фаҳмонда мешавад, ки *«ҷомеаи мо муқобили шумо аст; ҷамъият урфу одатҳо ва манфиатҳои худро дорад, ба шумо бовар намекунанд; шуморо таъқиб хоҳанд кард. Худи ҳамин далолат ва нишонаи он аст, ки шумо дар роҳи ҳақиқат ҳастед. Магар бо аксари пайғамбарон ҳамин тавр нашуда буд?»*. Ин як далели хеле зиракона баровардашуда аст: ҳар қадаре ки як аъзои гурӯҳ аз ҷамъият(и берун) муқовимат бинад, ҳамон қадар худро ба гурӯҳ чуқуртар ҷой мекунад.

**Марҳилаи 4: имконнопазир карданибозгашт (ба ҷамъият)**

- Набудани даромад (ё вобастагии молиявӣ), набудани дастгирии иҷтимоӣ, таҷрибаи назарраси касбӣ бозгаштанро мушкил мегардонад;
- Тағйиротҳоизуд-зудимакон имкон намедиҳанд, ки кас бо ҷаҳони берун аз гурӯҳ алоқаи устувор барқарор кунад, ки эҳтимол ба бозгашти вай мусоидат карда тавонад;
- Набуданидӯстони кӯҳна;
- Муносибатҳои оилавӣ ё канда шудаанд, ё то ба ҳадди муноқиша расидаанд;
- Никоҳ танҳо дар дохили гурӯҳ (бо узви гурӯҳ), ки алллакай фарзанд ҳам таваллуд шудааст. Ин партофта рафтанро номумкин мегардонад, чунки барои рафтан акнун хоҳиши якхелаи ду нафар зарур мешавад;
- Тарс: тарбияи сахт, тарс аз дунёи беруна;
- Хубаш истода “ба рафти об шино кардан” аст;
- Хушбахтӣ, озодӣ, сарвати шахсӣ ё дониш дар ҳар як марҳила ваъда дода мешавад, фақат ба шарте ки аъзои гурӯҳ ба азобҳои аз пештара (аз азобҳои то ба гурӯҳ омадан доштааш) зиёдтар розӣ шавад. Ҳар бор вай ба худ мегӯяд, ки *“вақте ки ин қадар ба мақсад наздик ҳастӣ; вақте ки ин қадар азоб кашидӣ, вақте ки ин қадар пул сарф кардӣ, партофта рафтан аблаҳӣ аст”*.Ҳар қадар ки аъзои гурӯҳ азобу уқубат кашида бошад, вай ба аз ин зиёдтар ҳам тайёр аст.

Ҳамаи чор марҳилаи дар боло тафсиршуда: гумроҳкунӣ ва фирефтан, нобудсозии қобилияти танқиду таҳлил ва саркӯб кардани сифатҳои шахсӣ, таҳким бахшидани узвият дар гурӯҳ ва таҳрик додан ба кандашавӣ аз ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва маданӣ, имконнопазир кардани бозгашт (ба ҷамъият) ба он нигаронида шудаанд, ки шахс дар як вақти кӯтоҳ бебозгашт ба гурӯҳ даромезад ва мафкураи вай хароб карда шавад. Танҳо дар ҳамин сурат аъзоён ба тасарруфи пурраи роҳбари гурӯҳ медароянд ва метавонанд ба мухлиси ашаддӣ ва хатарнок табдил ёбанд.

**Омилҳои зерин метавонанд ҳамчун сабабҳои зухуроти ифротгароии динӣ хизмат кунанд:**

- Муддатизиёд бе ягон идеология ва ақидаи маънавӣ/динӣмондани чамъият;
- Сатҳи рӯзафзуни фасод (коррупсия) дар сохторҳои давлатӣ;
- Кори бесамари хадамоти махсус ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки барои ҳалли вазифаҳои нав дар шароити тағйирёфта омода набошанд;
- Тарғибнамудани ғояҳои ифротгароии исломӣ дар Интернет;
- Афзоиш ёфтани фарқияти иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ- табақаҳои камбизоат ба ақидаҳои ифротгароӣ бештар рӯмеоранд;

- Афзоишишумораи ҷавонони бекоре, ки дорои ихтисос нестанд ва дар артиш ё дигар сохторҳоҷамъиятшиносиро наомӯхтаанд;
- Сатҳи пасти маърифати динӣ ва таълими умумии ходимони идораи динй. Шумораи зиёди мусулмонҳо азсатхи дониши пешвоёни динии исломи анъанавӣ қаноатманд нестанд ва аз ин рӯба дигарон, аз он ҷумла ба пешвоёни равияҳои ифротӣ рӯ меоранд;
- Сатҳи пасти маърифати динии аксарияти мусулмонон, ноқобилии онҳо дар шинохти дини ҳақиқӣ аз равияхои тундгароӣ ва ифротгароӣ;
- Таназзули фарогири системаи маориф. Ин омил ба ташаккул ва инкишофи тафаккури таҳлилии хатмкунандагони мактабҳо ва донишгоҳҳо, аз ҷумла қобилияти муқовимат ба ташвиқоти экстремистӣ монеъ мегардад;
- Бекор мондани хатмкардагон, набудани талабот ба мутахассисоне, ки таҷрибаи корӣ надоранд; набудани омӯзиш ба ихтисосҳои зарур; дар сурати набудани хешовандони бонуфуз, амалан номумкин будани рушд ва болоравии иҷтимоӣ;
- Паст будани сатҳи даромадиаҳолӣ дар мукобили нархҳои мунтазам афзоянда. Маблағҳои калон бароигирифтани маълумоти олӣ мераванд, ки пас аз гирифтани диплом хамҳеҷ даромаде намеоранд, чунки бо он диплом ё кор ёфта намешавад, ё кор бошад хам маошаш ночиз аст;
- Ҳолатҳои табъизӣ (ноилоҷӣ, стресс), бӯҳронҳои рӯҳӣ (психологӣ).



**Маърузаи хурд (мини-лекция).**

**Ҷанбаҳои психологии тундгаро шудан (радикализатсия)**

Ҷангбо холӣ кардани як тир аз силоҳи оташфишон оғоз намешавад. Кабл аз хама накшаи вай дар майнаи касе пайдо шуда, танҳо пас аз ин дар амал татбик карда мешавад. Тарбияи пайравони гурӯххо тавассути усулҳои коркарди психологии тафаккур гузаронида мешавад. Баъд аз коркарди касбӣ шахс куллан тағйир меёбад. Вай,агар ташкилоташ инро талаб кунад, аллакай ба дурӯғгӯӣ, роҳзанӣ, дуздӣ ва кушторомода аст.

Одамоне, ки ба гурӯҳҳои тундгаро ҳамроҳ мешаванд, аз табакаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва соҳаҳои ҳаёт мебошанд. Як қатор сифатҳои шахсие хаст, ки аксар аъзоёни гурӯҳҳои тундгаро (радикалӣ)онҳоро доранд.

Конвей (Conway,1978) тағйироти чиддии шахсиятро марбут ба мансубияти вай ба ягон равия ва қабули системаи меъёрию ҳуқуқии он гурӯҳ тафсир кардааст. Ба ҳамин монанд, тағйиротхоро олимони олмонӣ (Байер, Кетл ва дигарон) дар сарбозон муайян намуда, инро ҳамчун "ҷаҳиш" маънидод намудаанд. Хамин гуна тағйиротхои зуд дар мавриди ба созмонҳои террористӣ дохил шудан ҳам ба вуҷуд меоянд, чунки шахс дар чунин маврид аз мансубият ба ягон гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоӣ даст мекашад; муносибатхояшро бо ҷомеъа катъ мекунад ва ба хаёти пинхонӣмаҷбур ё водор карда мешавад (Конвей, 1978).

Гурӯҳҳоигуногуни иҷтимоиро омӯхта, мушовирон оид ба ёфтани рохи пешгирӣ ва равоншиносони иҷтимоӣ ба хулосаи зерин омаданд. Катори зерини хусусиятҳои иҷтимоию хислатии шахсони ба чунин гурӯҳҳо пайвастшаванда мавчуд аст. (истилоҳи илмй- "индоктринизатсия"- яъне кабул кардани ягон доктрина ё сиёсат; ба ҳамин маъно дар боло мафхуми "ҷаҳиш" ҳам омада буд):

- Шахсони зуд ба воҳима (истерика) меомадагй;
- Шахсони ба хаёлпарастӣ(параноя)моил;
- Шахсони психикаи ноустувордошта (психастеник);
- Шахсони (фикран) номустақил;
- Шахсони аз оилаҳое, ки фарзандонро аз ҳад зиёд назорат мекунанд;
- Шахсони аз оилаҳои нопурра (бо яке аз волидайн);
- Шахсони аз оилаҳои носоз (бебарор, бетартиб);

- Шахсонидорои маълулият (норасоии чисмонӣ);
- Шахсоне, ки зарар ва ё зарбаи шадиди рӯҳӣ хӯрдаанд;
- Шахсоне, ки дар назарашон ҳар чизи будаву набуда тофтан мегирад(галлютсинатсия);
- Шахсони ба хаёлбофӣ моил (нафароне ки дар онхо «хотироти бардурӯғ» ва ё хотироти чизхои набудаву нашуда» (галлютсинатсия) пайдо мешавад);
- Фарзандон, наберахо ва хешу табори тундравон (ифротиён, террористон).

Ҳар қадаре одам хурдсолтар бошад, ҳамон қадар ба ташвиқи кабул кардани ягон сиёсат (индоктринизатсия) камтар муқобилият мекунад, чунки дар ин марҳилаи умр вай муҳити атрофро хамчун муҳити омӯзиш мефаҳмад ва меҳисобад. Дар давраи аввали балоғат(и ҷинсӣ) майл ба намудхои муоширати гурӯҳӣ бештар мешавад яъне, дарки қоидаҳои бозии бисёрӣ зарур мешавад. Ин синну сол аз сабаби ҳассосияти баланд ба тарзи рафтори шахс, ки дар гурӯҳи мазкур пешниҳод шудааст, хеле мархилаи осебпазирӣ аст. Зиёда аз ин, махз дар ҳамин синну сол, аҳамияти доштани як раҳбар ва ё пешво дар симои ягон нафари атроф ва ҷустуҷӯи чунин кас якбора баланд шуда меравад.

Мархилаи дигари умр, ки ҳассосияти баланд дорад, давраи ҷавонии 17-19 солагӣ- яъне даврае аст, ки кас мехоҳад дар ҷамъият мавқеашро собит кунад, аммо қувваташ ба ин намерасад. Аз ҳамин сабаб ба вай ягон нафари роҳбар зарур мешавад, ки аз худаш бешубха қавитар ва донотар бошад. Дар чунин маврид ба нафари чавон як бор нишон додани самарабахшии модели рафтор дар ягон вазъи душвор кофӣ аст, ки барои вай шахси идеалӣ шавед.

Дар наврасӣ, барои ташаккули образи худ («Ман»)тавассути гаравидан ба тарзхои рафтори ба дигарон номаъқул кӯшиши зиёд карда мешавад. Яъне худмуайянкунӣ ва худсобиткунӣ тавассути худро аз дигарон мутафарриқ нишон додан;тавассути зиёдтар нишон додани ҳувияти худ дар нисбати тақдир ва тарзҳои мавҷудаи ҳаёти воқеӣ сурат мегирад. Равоншиносии сиёсатхое, ки ба ҷалби ҷавонон кӯшиш мекунанд, махз бо назардошти хамин хусусиятхо тартиб гирифтааст: онхо ба ҷавонони бетаҷиба тарзи зиндагии аз дигарон фарқкунандаро пешниҳоду ваъда мекунанд. Шахси баркамол ҳаётеро, ки ҷавони наврас хамчун як чизи маъмулӣ, мукаррарӣ, дилгир, “хокистарранг”, аз истифода баромадагӣ, беоянда ва мурда/ беҳаёт меҳисобад, воқеъбинона дарк мекунад.

Дар созмонҳои террористӣ, одатан шумораи (параноикхо) хаёлиҳои тундхӯ зиёд аст. Аъзоёни гурӯҳҳо ба худро берун дидан аз хама чиз(экстернализатсия); ба вазъият ҳавола кардани ҷавобгарӣ барои гуноҳҳояшон ва ба ҷустуҷӯи омилҳои беруна барои маънидод кардани номувофиқатиҳои худ моил мебошанд.

Ин комилан бо хулосаҳои рисолаи Эрик Хоффер бо номи "Имондор», мувофиқ меояд. Дар ин рисола гуфта шудааст, ки аксарияти равияҳои динӣ(образ) симои як душмани умумиро доранд, ки онро барои тамоми мушкилоти дохилии ташкилоти динӣ гунаҳкор мекунанд. Чунин як душман метавонад иблис, хукумат, ё дигар мазхабхо бошанд (Хоффер, 1951).

В. Волкам дар инҷо падидаи ногузири ҳаётро мебинад. Умуман, одам ниёзе дорад, ки баъзе одамонро ба катори дӯстон, дигаронро ба қатори душманонаш нависад. Ва ин эҳтиёҷнатиҷаи кӯшишҳо барои ҳифзи ҳисси худшиносиву худогоҳии вай аст. (Волкам, 1986). Ҷои ҳайрат нест, ки террористон рӯҳияи ҷангиёни худро тавассути тарсондан аз таҳдиди “Тоғут”- хукуматҳои дунявӣ нигоҳ медоранд.

Дар робита ба ин, Джон Мак мафхуми «худпарастии таъқибкунандаи сайд (курбонӣ)»-ро кор карда баромадааст. Ин мафҳум- раҳм надоштани таъқибкунандаро нисбат ба сайдаш ифода мекунад. Харчанд, ки азоби сайд аз азоби таъқибкунанда ва ё одамони бо вай алоқаманд зиёдтар ҳам бошад (Мак, 1979; Олсон, 1988).

Дар ин худпарастии таъқибкунандагон эҳтимол шарҳи он ёфта шавад, ки чӣ тавр амалҳои даҳшатноки террористон бо он хунсардӣ, қасдан ва тибқи нақша ба амал бароварда мешаванд (Миллер, 1988). Истифодаи хушунату зӯроварӣ аз шахс худсафедкунии дохилиро талаб мекунад.

Вазифа- ҷалби одамонизиёде мебошад, ки барои онҳо ҳадафҳои террор ончунон баланд аст, ки барои ба онҳо расидан тамоми воситаҳоро ба кор мебаранд, ё то он дараҷа оиди воситаҳо беаҳамиятанд, ки барои иҷрои ҳама гуна вазифа омодаанд.

Баъдтар Лифтон консепсияи дар мақолаи "Ислоҳоти тафаккур ва психологияи тоталитаризм (худкомагӣ)" овардаашро рушд дода, онро дар мақолаи дигараш «Духтуронинатсист: куштори тиббӣ ва психологияи наслкушӣ (генотсид)" бо модели "дугонашавии шахсият», ки (протсесс) раванди "худсафедкунӣ"-ро тафсир додааст, пурратар кардааст.

Ӯ кӯшиши фаҳмондани механизмҳои психологиеро кардааст, ки духтурони касбиро ҷузъи як дастгоҳи хеле самараноки одамкушӣ, ки назирашро тамаддунибашарӣ надида буд-яъне лагерҳои одамкушии фашистонкарда буданд.

Тадқиқоти мазкур фаҳмиши бештар аниқи онро ба миён овард, ки чӣ тавр одамони рӯҳан ва ҷисман солим, бомаърифат ва боақида, ба ин зудӣ метавонанд мухлиси ашаддии ягон равияе шаванд, ки тамоми ақидаву фаъолияташ хилофи бевоситаи нуқтаи назари пешинаи онҳо оид ба ҷаҳон аст.

Чунин як тағйироти зуд ва чуқури шахс натиҷаи як аксуламал ё вокуниши махсуси мутобиқшавӣ дар зери таъсиру фишори шадиди гурӯҳӣ ва сӯистеъмол аз эҳтиёҷоти аввалияи инсон мебошад. Лифтон онро "дугонашавӣ" номидааст.

Дугонашавии шахсият маънои тақсим шудани системаи шахсии "Ман"-и кас ба ду ҳиссаи аз ҳам новобаста фаъолияткунандаро дорад. Дугонашавӣ аз он сабаб ба миён меояд, ки узви гурӯҳи террористӣ дар ягон мавриди муайян худро дар вазъияте мебинад, ки рафтори наваш бо рафтори то ба гурӯҳ пайвастанаш комилан зид аст.

Рафторе, ки гурӯҳи (тоталитарӣ) худкома онро талаб мекунаду мукофот медиҳад, то дараҷае аз «Ман"-и аввала» фарқ мекунад, ки барои фаъолияти ҳаётӣ худсафедкунии (психологӣ) равонии муқаррарӣ (ратсионализатсия, берун кардан, ва ғайра) нокифоя мешавад.

Ҳамаи фикрҳо, эътиқодот, амалҳо, ҳиссиёт ва нақшҳои марбут ба аъзогӣ дар гурӯҳи радикалӣ ба як системаи мухтору мустақиле мубаддал мешаванд, ки "Ман"-и шахсӣ бо талаботи гурӯҳпурра мутобиқ гардонда мешавад. Аммо ин на бо ихтиёри озодонаи худи шахс, балки ҳамчун аксуламали инстинктии худнигоҳдорӣ дар шароитҳои қариб тоқатнопазири психологӣ сурат мегирад. "Ман"-и нави нопурра ҳамчун "Ман"-и ягона амал карда, ихтилофоти дохилии психологиро аз байн мебарад.

Дар Освенцим духтур тавассути дугонашавӣ метавонист на танҳо кушад ва ба куштормусоидат кунад, балки хомӯшона ба манфиати ин раванди шум тамоми сохтори «Ман»-и худ ва тамоми ҷанбаҳои рафтори худро сафарбар кунад.

Дугонашавӣ аз консепсияҳои анъанавии тафаккури «пароканда» ва системаҳои психологии "парокандагӣ"-и шахсӣ (яъне шахсиятҳои таркибӣ/ ғайриягона) фарқ мекунад. Ин равандҳо моделҳои якумрие дониста мешаванд, ки дар давраи барвақти кӯдакӣ сар мешаванд- одатан дар вокуниш ба силсилаи рӯйдодҳои зараровар ва бархӯрдҳои хеле хусуматбор, ки психикаи навзод наметавонад онро дарк ё қабул кунад ва дар айни замон безарар ва "бутун" монад.

Зиёда аз ин, системаҳои ҷудошуда ва ё бисёри шахсӣ одатан, аз ҳамдигар ақлона шубҳа намекунанд ва мустақилона амал мекунанд.

Аммо дар мавриди дугонашавӣ ҳар ду "Ман" якдигарро медонанд ва чӣ тавре набошад, амалҳои "Ман"-и бад барои "Ман"-и хуб, ки дар худ бадие надорад, ҳеҷ оқибати ахлоқӣ намеоранд. Даркӯдакон, ҳатто дар ҳолате, ки онҳо бо ягон вазъи зараровар ҳам дучор мешаванд, дугонагӣ пайдо намешавад. Дугонашавӣ дар калонсолон рух медиҳад, чунки онҳо ба вазъияти ногувор, вале идоранашаванда рӯ ба рӯ шуда, бояд вокунише нишон диҳанд (масалан, рӯи кор омадани ягон ҳукумати худкома).

Зиёда аз ин, дар одамони калонсоле ки ду "тақсим" мешаванд, унсури иштироки фаъол ва мутобиқат- ҳамчун воситаи мутобиқшавӣ ба вазъияти ногувор мавҷуд аст.

Дугонашавӣ раванди тағйироти назарраси рӯҳиро ба кор медарорад, вале он метавонад нисбатан муваққатӣ ва нисбатан осонтар (баргаштпазир)бошад. Худ ба худ дугонашавиро на бад гуфта мешавад, на хуб. Умуман, қобилияти эҳтимолии мутобиқшавӣ ба дугонашавӣ ба психикаи одам хос буда, бо мурури вақт метавонад наҷотбахши ҳаёт шавад: масалан, сарбоз дар ҷанг, ё қурбонии шиканҷа аз қабили маҳбуси Освентсим барои зинда монданашон маҷбур бояд ягон тавре дугона мешуданд (яъне олами ботинӣ дигару амал дигар).

Аммо дугонашавӣ барои мутобиқатметавонад аз ҳад гузаштахатарбор шавад, чунончӣ бо духтурони натсист шуда буд. Гузашта аз ин, дар илова ба хатари иҷтимоии «дугонашавӣ» -и оммавӣ ин падида дар ҳар сурат боиси зарари вазнин ба шуур ва психикаи шахсе мегардад, ки гирифтори чунин вазъ шудааст (чуноне ки аз таҷрибаи маҳбусони лагерҳои куштор ва собиқадорони ҷангҳо маълум аст).

Махз шиддат ва хусусиятҳои таъсиррасонӣ дар "ташкилот"-ҳои радикалӣ чунонанд, ки онҳоро бо усулҳои оддии ба ҷамъият ҷалбкунӣ ва ҳаёт баробар кардан мушкил аст. Он чӣ ки ба вазъи "ташкилот"-ҳои радикалӣ наздик монандӣ дорад- тайёриву омӯзиши навдаъватшудагон ба артиш; ба ҷанг, маҳбас ва лагерҳои марг омадани одамон аст.

Фавқулоддагии таъсироти яктарафа, ки аз рӯи қувват ва шароитҳои махсус созмондодашуда, аз раванди мутобиқшавии муқаррарӣ назаррас фарққунанда- дар шароити набудани илоҷ (рақобат)-и дигар ва интихоби баробаридигар- ин аст маънои гурӯҳи террористӣ аз лиҳози иҷтимоӣ-равонӣ (психологӣ).

Агар дар ҷомеаи муқаррарӣ ғояҳои гуногуни каму беш баробарқувва пешниҳод карда шаванд, гурӯҳи террористӣ баръакс, аз ин нуқтаи назар, як системаи мақсаднок барои таъмини таъсироти танҳо яктарафа аст, ки дар он имкони интихоб куллан истисно карда шуда, барои тобеият ба як кас ё як (идея) ғоя то ҳадди имкон аз қувваи зӯрӣ истифода карда мешавад.

Тавассути «ниятҳои бузург» аксаран ҷавононе ки аз сабаби ноболиғии маънавӣ идеяҳои (радикалӣ) бунёдгароёнаи миллӣ, иҷтимоӣ ва диниро қабул мекунанд, ҷалб карда мешаванд. Муддати дароз дар шароити махфӣ будани аъзоҳои гурӯҳҳои террористӣ ва истифодаи технологияҳоимахсуси коркарди (психологӣ) равонӣ боиси таъсиси муҳите хосе мешавад, ки онро муҳити террористӣ номидан мумкин аст ва дар он нафарони дорои як навъ шуури махсус аъзоянд.

Ибтидои ташаккул ва афзоиши рафтори шахси аъзошуда ба чунин омилҳо- аз қабили тарбия, таълим, ҷаҳонбинӣ, имкониятҳои худифодакунӣ дар ҳаёти муосир ва ҷомеа, ки шахси мазкурро иҳота кардаанд, вобастагии бевосита дорад. Механизми террор дар шахсият хеле чуқур ҷой гирифтааст ва бо қабатҳои зиёди далелҳои шифоҳӣ рупӯш карда шудааст.

Бештар амалҳои террористиро ҳисси ноумедӣ аз он вазъиятетакон медиҳад, ки ягон ақкалияте дар он дармондааст; нороҳатии (психологӣ) равонӣ он ҳисси ноумедиро ба он бармеангезад, ки вазъи худро ҳамчун фоҷиа арзёбӣкунад.

Аз ҳамин ҷост, ки ҷалб ба гурӯҳ бо нафароне сурат мегирад, ки дар вазъи бади эҳсосӣ қарор доранд: одатан ин (стресс) вазъи бӯҳрониест, ки аз сабаби ғаму ғуссаи вазнин, ҳодисаҳои фоҷиавӣ, талоқ, марги шахси наздик, аз даст додани кор ва ғайра ба миён омадааст.

Бераҳмии оташину якбора, зулм ба хотири ба даст овардани ягон чиз, зулми гурӯҳиро,аз ҷумла, аз даст додани боварӣ ба оянда, таҳдиди бекорӣ, паҳншавии ҳисси ҳасади иҷтимоӣнисбат ба соҳибкорон ва сарватмандон сабаб мешаванд. Дар сурати фарҳанги пасти умумӣ ва ҳуқуқӣ ин омилҳо дар байни "берунмондагон"-и иҷтимоӣ, бахусус ҷавонон, фазои доимии нороҳатӣ, қаҳру ғазаб ва ҷустуҷӯи "душман"-ро ба миён меоранд.

Аъзоёни гурӯҳҳои террористӣ ба ташкилот, вазифаҳо ва идеалҳои он кӯр-кӯрона дода шудаанд. Шояд фикре пайдо шавад, ки ҳамин мақсадҳо ва идеалҳо одамонро ба созмон мекашанд. Вале чунин мебарояд, ки ин тамоман ҳатмӣ нест. Сабаби воқеӣ- эҳтиёҷи қавӣ ба иштирок ва мансубият ба ягон гурӯҳ ва таҳкими ҳисси худшиносиву худогоҳӣ будааст.

Одатан, ба ташкилотҳои радикалӣ шахсони оилаҳои нопурра (танҳо падар ё модар), нафароне, ки бо ягон сабабеба туфайли сохторҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ба мушкилот афтодаанд; кор надоранд ё онро аз даст додаанд, аъзо мешаванд. Ҳисси аз ҷамъият берун афтидан, ки дар чунин мавридҳо пайдо мешавад, шахсро ба ҳамроҳ шудан ба чунин гурӯҳҳое, ки дар назари он нафар монанди худаш бечора метобанд, водор мекунад. Хислатитеррористон он аст, ки онҳо эҳтиёҷи сахти ба ягон гурӯҳи одамони ба худашон монанд- яъне одамони бо проблемаҳои шахсии худшиносиву худогоҳӣ алоқаманд пайвастанро доранд (Миллер, 1988).

**Харитаи шахсӣ то пайвастан ба муҳити радикалӣ:**




**Харитаи шахсӣ пас аз пайвастан ба муҳити радикалӣ:**



**Дар гузаронидани ин машғулиятистифодаи мисол-машқи (парвандаи) зерин,ки он мӯҳтавои мавзӯъро бештар равшан мекунад, тавсия дода мешавад. Барои осонӣ, ҳамчунин мумкин аст, аз он якчанд нусха чоп ва ба гурӯҳҳо тақсим карда шавад (Машқи мазкур бо салоҳдиди омӯзгор истифода карда мешавад).**



**Баранда мундаричаи машқро хонда медиҳад.**

Хонум А. 30 сола аст; қаблан маҳкум нашудааст;бева (ҷудошуда);як духтари ноболиғ дорад. Ба мӯҳлати панҷ соли дар маҳбаси низомаш умумӣ ҳукм карда шудааст. Мувофиқи маводҳои парванда, ҳангоми дар озодӣ буданаш мансубияти вай ба гурӯҳи экстремистӣ муайян ва исбот шудааст.

Тавассути алоқа дар шабакаҳои иҷтимоӣ, вай бо шахсе, ки дар Туркия зиндагӣ мекард, ба алоқа баромада, кӯшиши ба назди вай рафтанро кардааст, то он ки сипас аз он ҷо ба минтақаи ҷанги Сурия равад.

Дар рафти корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фаъолияти ғайриқонунии ин шахс оид ба тарғиб намудани идеяҳои терроризм ва ифротгароии динӣ тавассути Интернет муқаррар карда шудааст. Азҷумла, дар саҳифаи қалбакии худ дар шабакаи иҷтимоии "Вконтакте", як навори видеоии тарғибгари фаъолияти ДИИШ-ро гузоштааст.

Аз руи далели мазкур парвандаи ҷиноӣ кушода шуд. Экспертиза нишон дод, ки дар ин саҳифа маводҳои ба экстремизм ва терроризм алоқаманд мавҷуд буданд.

Дар оилаи пурра ба воя расидааст- падар, модар, апа ва додар дорад. Оилааш диндор. Модараш намозхон;, бародараш дар мадрасаи назди масҷид (-и мазҳаби Абу Ҳанифа) таҳсил кардааст. Зеритаъсири (асосан) модарашхонум А. ба намозхонӣ (тибқи мазҳаби Абу Ханифа)сар карда, баъдтар ҳиҷоб пӯшидааст.

Аз сӯҳбат: *"Ман Исломро пеш аз издивоҷ қабул карда будам. Танҳо намозам буд. Ғайри намоз, чизе набуд... Он замон модарам намозхон буд, бародарам дар мадраса таҳсил мекард. Онҳо ҳар рӯз ба ман мегуфтанд, ки ман намоз хонам, аммо ман гӯш намекардам. Баъдтар аз рӯи ҳавас намозро саркардам; аз он пас оиладор шудам".*

Дар оила аз сабаби он ки кор ёфта наметавонист, доим таҳти фишор буд. Вайро аксар вақт бо апааш, ки кор мекарду тамоми аҳли оилаашро мехӯронд, муқоиса мекарданд. Аз ҳамин сабаб ҳоло ҳам метарсад, ки аз волидонашфиристодани хӯрока ва ё ашёҳои гигиениро пурсад.

Дар 25-солагияш хонум А ба муддати якчанд рӯз коре ёфт (ба ҷои як шиносаш): ба сифати фурӯшанда дар бозори молҳои мусулмонӣ. Ҳамон ҷо китобҳо хонда, маърӯзаҳое гӯш мекард, ки табиати ифротгароӣ доштанд. Яке аз духтарони фурӯшанда рақами телефони вайро барои эҳтимоли пайдо шудани кори доимӣ навишта гирифт.

Баъдтар апааш вайро ба кори техникие монд, ки дар он ҷо чанд муддате кор кард. Дар айни замон, дар ин кор (дар ҳаммом) имкони намозхонӣ ва ҳиҷобпӯшӣ набуд. Аз рӯи гуфти худаш, аз ҳамин сабаб виҷдонаш вайро азоб медод.

Ҳамин вақт он духтари рақами вайро навиштагӣ (аз бозор) занг зада, ба вай шавҳар карданро пешниҳод кард. А барои тамоси телефонӣ бо шавҳари эҳтимолӣ розигӣ дод. Пас аз як ҳафтаи муошират, вай ба издивоҷ розигӣ дод. Якҷо бо шавҳараш ва волидони вай зиндагӣ мекарданд. Вақте ки ҳомиладор шуд, фаҳмид, ки шавҳараш нашъаманд (ва дар давраи ремиссия) аст ва якчанд бор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст. Сипас ӯ табобат гирифта, ба намозхонӣ сар кардааст ва ба як ҷамъияти тундгаро аъзо шудаасту ин занро ҳамон ҷамъият ба вай ёфта дода будааст. Аммо давраи ремиссия дароз тӯл накашид ва пас аз издивоҷ, ӯ аз нав ба нашъакашӣ сар кардааст.

Ниҳоят оила вайрон шуд. А расман аз вай ҷудо шуда, ба назди волидони худ баргашт. Пас аз муддате, шавҳари қаблии ӯ барои фурӯши маводи мухаддир дастгир ва барои ҷазо ба маҳбас гирифта шуд.

Ба назди волидайн баргашта, вай бо "хоҳарон" аз ҷамъият робитаро давом медод. Яке аз он занҳо дар кӯчаи ҳамсоя бо шавҳар ва ду фарзандаш зиндагӣ мекард. А аксар вақт ба назди онҳо мерафт. Ҳангоми ин ташрифҳо бо вай корҳои тарғиботӣ гузаронида мешуд.

Пас аз чанд вақте дугонаи вай ва духтари калонии ӯ аз беморие фавтиданд. (фикр мекунад, ки менингит буд). Шавҳари дугонааш ба воситаи як шиноси худ вайро хостгорӣ кард. Модараш боисрор издивоҷи вайро мехост.

**Аз сӯҳбат**: *"Вай ба ман тамоман маъқул набуд. Ба вай нафрат доштам. Аммо модарам мегуфт, ки феъли хуб дорад, намоз мехонад, ҳамеша динро меомӯзад. Вай фармони издивоҷро доду ман итоат кардам. Аммо гуфт, ки агар чизе шавад, вай гуноҳашро ба гардан мегирад".*

Ин издивоҷ 4 рӯз давом кардааст. Шавҳар пас аз шаби аввал дар хона нахобида, мегуфтааст, ки кор дорад. Хонум А тасодуфан гуфтугӯи вайро шунидаст, ки ба касе шикоят карда гуфтаст, ки бо ӯ зиндагӣ кардан намехоҳад. Баъди ин А ба назди волидони худ баргашта, аз шавҳараш талоқ пурсидаст. Шавҳар бо хурсандӣ розӣ шудааст.

Баъд аз муддате, зан дар интернет бо нафаре бо номи К шинос шуд, ки зани вай шудан ва ба хонаи вай гузаштанро пешниҳод кард. Инникоҳ 5 моҳ давом кард. Шавҳар вайро «талоқ» дод, зеро андозаи синаи зан ба ӯ маъқул нашуд. Дар давоми зиндагиияякҷоя, шавҳар ба ӯ иҷозат намедод, ки дар ҳузури вай бо кӯдак бозӣ кунад. Барои он ки духтарчааш ба вай наздик мешуд, мард бо сӯзан ба сурини кӯдак хала мезад, ки ҷои сӯзанҳо кабуд шуда аз онҳо хун ҷорӣ мешуд.

Вай тарафдори такфирия буд ва ба ДИИШ ҳамроҳ шудану ба Сурия рафтанро ташвиқ мекард. Инро фаҳмида, волидонаш А-ро аз дасти вай гирифта, ба хона оварданд. Аммо дугонаҳояш тарғиботро давом медоданд. Онҳо талқин мекарданд, ки ба бародарони мусулмон дар Сурия кӯмак ва ақидаи онҳоро дастгирӣ кардан зарур аст.

Вай дар интернет ваъзҳо гӯш мекард, клипҳои ДИИШ-ро сабт карда, онҳоро дар саҳифаи шабакаи иҷтимоии худ мегузошт.

**Аз сӯҳбат:***«Шавҳарам ҳама чизро дар бораи Ҳиҷра ва Сурия мефаҳмонд. Ман сарфаҳм намерафтам. Онҳо ба ман ҳадисҳои саҳеҳ оварда мегуфтанд: «Агар Ҳиҷра анҷом диҳед, тамоми гуноҳҳои шумо бахшида мешаванд». Ин ҳадис барои ман такони сахт буд. Онҳо истифода кардани маро сар карданд. Ман пурра дода шудам. Ман мехостам донам, ки дар Сурия чӣ гузашта истодааст. Мехостам донам, ки оё ин дуруст аст ё дурӯғ. Ман фақат донистан мехостам, на фикр намекардам ва на пуштибонӣ. Ман ба модарам занг зада, пурсидам, ки инро чӣ тавр гӯям. Бомодарам ҷанҷол шудем. Сипас падарам занг зада, маро ба хона даъват кард. чизҳоямро ғундошта рафтам".*

Ҳамзамон ӯ дар интернет бо нафаре бо номи Абдураҳмон шинос мешавад. Маълум аст, ки вай аз уйғурҳои Чин буда, ба Қазоқистон кӯчидааст, дар Алмаато зиндагӣ мекунад ва оиладор аст. Ин мард пешниҳод кардааст, ки барои ӯ зани дуюм шавад. Зани якумаш ин фикрро пурра дастгирӣ карда, бо А худаш мукотиба сар кардааст. Аммо пеш аз ба назди онҳо сафар кардан А тасодуфан фаҳмидаст, ки Абдураҳмон ва занаш ба Сурия занҳоро мефурӯхтаанд.

А издивоҷро рад карда, ба омӯзиши равияи такфирия давом медиҳад ва дар саҳифаи худ клипҳои ДИИШ-ро ҷамъ кардан мегирад. Дар анҷом, А барои тарғиби (экстремизм) ифротгаройба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, барои адои ҷазо ба колонияи низоми умумӣ фиристда шудааст.

Тамоми гуноҳҳои худро эътироф мекунад. Ҳабси худро аз тақдири Аллоҳ мебинад, ки бо ин роҳ вайро аз иштирок дар амалиётҳои низомӣ дар Сурия ҳифз кардааст.

Дар айни замон, ботинан вайон қадар ҳам диндор нест. Вай шароитҳои дар муассисаи ислоҳотӣ будаpo баҳона карда, аз намозгузорӣ даст кашидааст.

Дар рафти тадқиқоти хислатномаи намуди иҷтимоию психологии вай (натиҷаҳои санҷиши психологӣ (Гарбузова В. ва Миниярова В.) маълум карда шуд, ки:

Дар таҳқиқшуда ба ҳадди баланд инстинктҳои (модаронаи) таваллуд ва озодӣ (ҳар ду баробар) ва садоқат/алтруизм (дараҷаи бештар) бартарӣ доранд. Ининстинктҳо дар якҷоягӣ, ба раҳмдилӣ, боэътимодӣ, эътирофи арзиши ҳаёти инсон мусоидат мекунанд.

Хислатҳои ҳалимӣ, ризоият, ҳамдардӣ, диққати махсус ба хешовандон ва дӯстон ҳам мавҷуданд.

Худро ба он айбдор мекунад, ки аксар вақт вайро роҳбариву истифода мекунанд.“Не” гуфтан ба вай душвор аст. Аз ин рӯ, вақти зиёдро ба манфиатҳои одамони дигар мегузаронад. Мақсадҳои вайро шароит ва ё одамони наздикаш муайян мекунанд.

Натиҷаҳои санҷишҳо гуфтаҳои вайро тасдиқ мекунанд: *«Ман то ҳол аз падарам метарсам, вақте ки ӯ ҷанг мекунад, ман хеле метарсам. Дар хона падару модари ман роҳбаранд".*

Дар санҷиши намуди иҷтимоию психологии шахсияташ нишонаҳои (профил) хислатномаи созанда/ мусбӣ хеле баръало мавҷуд аст: ҳамоҳангӣ (75%), ҳассосият (62,5%), дарунгароӣ/ хештангароӣ (интраверт)(68,8%) мебошад. Дар робита ба ин гуфтаҳои болоро тасдиқ кардан мумкин аст: яъне қайд кардан, ки вай одамдӯст, нисбати дигарон бодиққат, меҳрубон, фаъол, зираку кордон буда,ба ҳаёти дигар одамон бепарво нест, ба дарёфти адолат кӯшиш мекунад, мӯҳтоҷон, заифон, таҳқиршудагон ва бечорагонро ҳифз мекунад.

Ба ҳамгироӣ/ ҳамбастагӣ эҳтиёҷ дорад (манфиатҳои дигаронро аз манфиати худ боло мегузорад). Дар танҳоӣ худро хуб ҳис мекунад. Аммо мехоҳад, ки вайро бинанд, қадр кунанд ва ба вай диққат диҳанд.

Дар робита бо хешовандон эҳсосӣ нест, яъне якранг аст. Мувофиқи гуфтаи худаш: *«Ман бо ҳамаи онҳомуносибати хуб дорам, аммо ягон нафари хеле наздик надорам, ки ба вай ҳама гапамро гуфта тавонам".*

Аммо, қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои санҷиши Лэнгле “Ҷадвали экзистенсия”-и хонум А нишон медиҳанд, ки рафтори А одатан эҳсосӣ, беандеша ва якбора/ оташин буда метавонад. Азбаски қобилиятҳои «фаҳмидан», «ҳис кардан», «интихоб кардан», «иҷро кардан», «фикр кардан», «фаҳмидан»-и вай хеле заифанд, нишондиҳандаҳои онҳо аз сатҳи ҳадди ақкали рушд поёнтаранд.

Ин нишон медиҳад, ки вай дар инкишофи психологӣ ба сатҳи фикр, огоҳӣ ва шуур баромада натавонистааст. Принсипҳои мусбии ҳаётӣ ҳам дорад, вале онҳоробо қаҳр ва ғазаб ҳифз мекунад. Яъне дар ҳолати "безор кардед", "ба ҷонам расондед", "дигар хомӯш истода наметавонам". Аз назари психологӣ- норасид аст, ки сабаби ин-норозигии дарунӣ, диққати дарунӣ ба эҳтиёҷоти қаноатманднашуда (доим пеши назар будан), фикрҳо ва хоҳишҳои васвосӣ аст. Оқибати мушкилот дар худдорӣ кардан (фосилагирӣ)он аст, ки вай наметавонад чизҳоро воқеӣ дарк ва андеша кунад.

Ба вай хислатҳои ҳавоспарешонӣ, ташаннуҷ (шиддат), вобастагӣ ваноозодии дохилӣ хеле хос аст.

Афзунии нишодиҳандаи паст дар ҷадвали «масъулият» аз ҷудоӣ ё канорагирии шахсӣ-ноқобилӣ барои то охир расондани қарори қабулкарда, дар ҳаёт татбиқ кардани нақшаҳои худ ва қобилияти тоб овардан ба душвориҳо шаҳодат медиҳад. Вай қобили ба нақша гирифтани ҳаёти худ нест. Ғайрифаъол назорат кардани рӯйдодҳои атрофро афзалтар мешуморад. Ӯ аксаран ба ёрӣ ниёз дорад ва рафтораш беихтиёр (автоматӣ) аст. Ҳамзамон, шиори асосии фаъолияташ- кафолат ва меъёрҳое аст, ки дигарон ба вай медиҳанд ва ҳам умед ба интизориҳои дигарон.

Афзунии нишондиҳандаи паст дар ҷадвали «шахсият» ва «мавҷудият» аз “пӯшидагӣ”-и вай, яъне халалдории сифатҳои маърифатӣ ва эмотсионалӣшаҳодат медиҳанд, ки фаҳмиши асли худ, қабули мавқеъ, қарорҳо ва иҷрои амалҳо аз он сифатҳо вобаста аст.

Қобилияти қабул кардани қарорҳо суст ифода ёфтааст ва (реаксия) аксуламалаш низ оҳиста ва бо таъхир аст.



**Хулосаҳо оид ба «нуқтаи саршавӣ»-и ба равия ҳамроҳ шудани А, пешгӯӣ ва тавсияҳо оид ба барқарорсозии вай ҳангоми муҳокима бо иштироки ҳамаи иштирокчиёни машғулият баррасӣ карда мешаванд.**

Диққати маҳкумшуда бештар ба мушкилоти мавҷудаи моддии оилааш ва норасоиҳои ҷисмонии худаш нигаронидашудааст. Мақсади аввалиндараҷае, ки барои худ гузоштааст, издивоҷ аст.

Дар асл, воридшавии вай ба гурӯҳҳои радикалӣ ҳам бо ҳамон хоҳиши издивоҷ вобаста буд. Дар ҷомеаи дунявӣ зан барои шавҳар ёфтан бояд рақобатпазир- соҳибмаълумот, дорои сифатҳои хуби шахсӣ ва зоҳирӣ (ҳусн) бошад. Вале агар сухан дар бораи никоҳ тавассути интернет равад, он ҷо танҳо як ёддошти кӯтоҳе буд, ки дар он маълумот оид ба ҳамкории ин зан бо гурӯҳи радикалӣ буду халос. Ин равандро хеле соддатар мегардонад. Шавҳар ва зан танҳо ҳангоми никоҳ шинос мешаванд.

Тамоюл дар мавриди қазияи ин зан хатарнок аст, чунки вай тамоми аблаҳӣ ва фоҷиабории вазъиятро медонад, ва ҳам мефаҳмад, ки ҳамаи ин бошариати ислом ҳеҷ робитае надорад; вай медонад, ки гуноҳи хеле бузург содир кардааст, ки паи ҳам (дар дохили як ҷамъият) бо якчанд мард алоқа кардааст. Ва ана ҳамин вақт "некӯкорон" метавонанд ба саҳна баромада, пешниҳод кунанд, ки вай имкон дорад, гуноҳашро бо хуни худ шӯяд. Бо дарназардошти вазъи душвори молиявӣ ва сатҳи пасти рушди ақлу идрокаш, эҳтимоле ҳаст, ки пас аз озодшавӣ(агар боз ба ягон гурӯҳи экстремистӣ ҳамроҳ шавад)метавонад ҷиноятҳои боз ҳам вазнинтари бо фаъолияти террористӣ алоқамандро содир кунад,

Дар кори азнавгардонии вай ба ҷомеа бояд диққати махсусро ба гирифтани таҳсилоти умумӣ, ба рушди тафаккури таҳлилӣ/ интиқодӣ тавассути машғулиятҳои махсуси психотерапевтӣ ва хониши адабиёти бадеӣ.равона намуд.

**Таъсири хуб дошта метавонад:**

- Ҷалби доимӣ ба намудҳои ҷисмонии фаъолият;
- Ташкили шароити муошírати фаъоли ғайрирасмӣ бо атрофиён;
- Ташкили шароитҳое, ки зарурати иҷрои корҳои зеҳнӣ талаб карда шавад;
- Баъзан таъриф кардани қобилияти вай, то он ки эътимодаш ба худ зиёдтар шавад;
- Фароҳам овардани шароит барои фаъолона ифода кардани мавқеи худ ва барои ҳимояи фикру андешаҳои худ;
- Тақвияти худ боварӣ, эътимод, қатъият, ва нотарсиву далерии вай; бовар кунондани вай ба он ки танҳо аз сабаби "пӯшида ё маҳкам" буданаш ва бо одамон робита накарданаш дӯст ё каси наздик надорад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ташкилотҳои муосири радикалӣ метавонанд барои пайравони ба сафи худ ҷалбкардаашон як навъ лагерҳои консентратсионии равонӣ таъсису ташкил кунанд, ки дар онҳо тағйироти куллии шахсият барои онҳо қариб ноаён ба амал меояд.

Чуноне ки маълум мегардад, маҳз дарҳамин механизми дар боло тавсифшуда вазнинии осебрасонии равонии шахс, ки дар шакли (синдром) аломати стресси баъди зарба пайдошудадар қисме аз нафарони аъзои гурӯҳҳои тахрибкор, ҳамчунин дар одамони дар пинҳонхонаҳо шиканҷашуда, ё ба шароити ҷанг афтида дида мешаванд.

Вале ҷиҳати умедворкунанда ҳам ҳаст: ҳатто баъд аз ҳамин гуна хушунатҳои зиёд ҳам, ҳувияти воқеии одам (агар он дар аввал дар муҳити муқаррарии иҷтимоӣ ташаккул ёфта бошад)қобилияти онро дорад, ки худро барқарор кунад ва ба зиндагии муқаррарӣ баргардад. Аз ин рӯ, барои кӯмаки муассир ба қурбониёни гурӯҳҳои радикалӣ ҳама заминаҳо мавҷуданд ва ин кор арзанда аст.

**2.2. Психологияи нафарони ба ифротгароӣ ва терроризм маҳкумшуда. Имкониятҳо барои барқарорсозии ин маҳкумшудагон.**

**Вазифаҳои машғулият:**
Дар охири ин машғулият иштирокчиён:
1. Оид ба шахсияти нафари барои ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ маҳкумшуда маълумоти умумӣ мегиранд;
2. Малакаҳои таҳия кардани таърих ва харитаи “мизоҷ”-ро, ки хусусиятҳои психологӣ ва иҷтимоии ӯро инъикос мекунанд, аз бар мекунанд;
3. Дар асоси парванда/ харитаи "мизоҷ" таҳияи стратегияи барқарорсозии вайро машқ мекунанд.



**Мафҳумҳои асосӣ**

***Ҳамкории харобиовар*** - (“деструктивӣ”, аз калимаи лотинии "*destruktio*”)- маънояш- хароб ё вайрон кардани сохтори муқаррарии ягон чизе; пинҳонӣ ё ошкоро нақз кардани манфиатҳои як гурӯҳ ба фоидаи гурӯҳи дигар.

***Амалиётҳои равонӣ*** (психологӣ)-яъне идоракунии пинҳонии ҳаракат ва рафторҳои одамони дигар бо истифода аз «нуқтаҳои заиф», яъне аз комплексҳои (неотрефлексӣ) ғайримуқаррарӣ ва нозарур.

***Тафаккури таҳлилӣ/ танқидӣ*** - яъне қобилият ё кӯшиши таҳлили ҳама чиз, арзёбӣ кардан, на ҳама чизро бовар кардан; қобилияти баҳои воқеӣ ва дуруст додан ба амалҳои худ, қобилияти муайян ва муқаррар кардани хатогиҳои худ, таклиф ва андешаҳои одамони дигарро андешаронӣ ё таҳлил намудан.

***Шахси "ҷалбшуда"*** - нафаре ки аъзои оддии ягон ташкилоти радикалӣ (ғайриқонунӣ) мебошад.



**Муқаддима ба мавзӯъ**

Ҳаёти ҳар як инсон як нуқтаи оғозе дорад. Таваллуд шудан баробар, инсон баоламе меояд, ки вобаста ба муҳити он ташаккул меёбад. Ин ҷаҳон аз интизорӣ ва умедҳо, эътимод ва муҳаббат, анъана ва арзишҳо пур аст. Вайро фазои муносибатҳои волидонаву кӯдакона иҳота намудааст.

Тақдири минбаъда/ оянда ва тарзи ҳамкорӣ бо дигарон аз он вобаста аст, ки дар ҳамон олами хурди нахустин ба вай кадом самти рушд дода мешавад.

Дар ин таҷриба чӣ зиёду чӣ кам аст? Муносибати ошкорову самимӣ, ғазаб, таҳқир, усулҳои гуногуни манипулятсия- маҳз ана ҳамин дар зиндагии минбаъдаи калонсолӣ фазои ҳамкориҳои касро муайян хоҳад кард.

Аммо ҳеҷ кадоме аз мо бе иртибот бо дигар одамон зиндагӣ карда наметавонем. Чаро?

*Азбаски одам мавҷуди иҷтимоӣ аст, вай танҳо дар ҳамкорӣ бо одамони дигар метавонад аз назари психологӣ, зеҳнӣ инкишоф ёбад ваақли худро инкишоф диҳад. Маҳз ҳамин иртибот аст, ки шахсиятеро ба ОДАМ табдил медиҳад.*

*Сифати алоқаҳо аз сабабҳои зиёд сифати ташаккули шахсияти инсон, ташаккули шахсияти вайро муайян мекунад.*

*Ва агар кӯдаки хурдсол волидайн, мурабиён, муаллимон ва дигар омилҳои муҳити зисти худашро интихоб накунад ҳам, калонсолон баръакс, «олами муоширати худро» худаш бошуурона бунёд мекунанд. Дар фарқият аз хусусиятҳои хоси шахсият, ки дар оила ва танҳо дар синни хурдсолии то 7-сола гирифта мешаванд ва баъд онҳоро дигар кардан номумкин аст,функсияҳои фикрӣ, аз ҷумла тафаккури таҳлилӣ/ танқидиро инсон метавонад то охири умр ҳам тараққӣ диҳад.*

**Маърӯзаи хурд: Таҳлили хусусиятҳои иҷтимоию равонии шахсони барои ҷиноятҳои вобаста ба фаъолияти экстремистӣва террористӣ маҳкумшуда.**

Таҳлили комплексии иҷтимоиимаҳкумшудагон, ки соли 2014 аз тарафи Маркази барномаҳои амнияти назди Додситонии генералии Ҷумҳурии Қазоқистонбаргузор карда шуд, портрети иҷтимоии террористро муайян намуд.

Ин- ҷавони бекор, 28-сола,маълумоташ миёна. Бе маълумоти махсуси динӣ. Оиладор, якчанд фарзанд дорад.

Аммо сифатҳои иҷтимоӣ ва ё майлу садоқат ба ягон идеология ба саволи он, ки *“Кӣ бинобар мавқеи радикалии ҷаҳонбинияш даст ба қонуншиканӣ зада метавонад?”*, ҷавоби пурра дода наметавонад. Чунки дар чунин ташкилотҳо будани шахс аксаран ба туфайли омилҳои психологӣ ва иҷтимоӣ сурат мегирад.

Тадқиқоти соли 2017, ки аз ҷониби *“Penal Reform International”*дар Осиёи Марказӣ таҳти унвони “Хислатномаи психологиинафарони барои содир намудани ҷиноятҳои марбут ба ифротгароии зӯроварона маҳкумшуда”гузаронида шуда буд, имкон дод, ки на портрети иҷтимоӣ (ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, вазъи касбӣ), балки портрети (психологӣ) равонии шахсияти нафароне, ки дар заминаи радикалишавӣ ҷиноят содир кардаанд, маълум гардад.

Ин, дар навбати худ, имкони муайян кардани онро медиҳад, ки ин гурӯҳ шахсон худрову таҷрибаи ҳаётии худро чӣ тавр мебинанду мефаҳманд;ҳиссиёти худро чӣ тавр дарк мекунанд; интихоби ҷиддироонҳо чӣ гуна ба ҷо меоранд; ҳисси масъулият ва озодиро чӣ тавр ифодаву баён мекунанд.

Ба шахсони ин гурӯҳ бештар рафторҳои харобиву зараровар хос мебошад: айбдор кардаин дигарон, ҳаёт, тақдир;хоҳиши тарк кардани зиндагӣ, зеро ҳама чиз бад, бефоида ва якхела аст.

Дар 82%-и одамони ин гурӯҳ қобилияти «дарк кардан», «ҳис кардан», «интихоб кардан», «иҷро кардан», «фикр кардан» ва «фаҳмидан» суст ифода ёфтаанд.

Дараҷаи баланди тамоюлҳои зиёновар: моил будан ба норозигӣ; ба дараҷаи баланди эҳсосот (аз зуд оташин шудан то пурра холӣ будан аз эҳсосот); айбдор кардани дигарон; бемасъулиятӣ; нафаҳмидани оқибатҳои амалҳои худ ва ғайра.

Ақли худро аксаран бо мақсадҳои фиребу сӯистеъмол, таҳдид, ҳисобу китоб кардан истифода мекунанд.

Барои ин гурӯҳи маҳкумшудагон аксаран бепарвоӣ нисбати дигарон, муносибати бепарво ба танқид, майл доштан ба паҳн кардани овозаҳо хос аст. Аломатҳоиаксаран дар онҳо зоҳирёбанда: дағалӣ, зуд оташин шудан, бетаҳаммулӣ, шубҳа кардан, бемасъулиятӣ, ғайрифаъолӣ, рӯҳафтодагӣ/ ноумедӣ, киноя задан, беҳавасиву беташаббусӣ, маккорӣ ва фиребгарӣ. Онҳо аксаран бо мақсади писанди дигарон шудан ва аз ҷазо гурехтан тамаллуқкориву “боадабӣ”-ро аз ҳад мегузаронанд.

Онҳо беш аз дигарон ба назорат, танҳо нагузоштан ва таъсир аз ҷониби дигарон ниёз доранд. Муносибати бетафовути онҳо ба рӯйдодҳо ва фаъолияти атроф сабаби асосии паст гардидани дараҷаи зиракӣ ва баланд нашудани сатҳи огоҳии онҳо мебошад.

Омӯзишҳоиоморӣ нишон медиҳанд, ки мардон нисбат ба занон бештар ба фаъолияти террористӣ ҷалб (карда) мешаванд.

**Омилҳои тахрикдиҳандае ки барои ворид шудан ба гурӯҳҳо/ташкилотҳоирадикалӣ/ мусоидат мекунанд:**

<u>Барои мардон (асосан):</u>

- Ҷустуҷӯиадолат;
- Хоҳиши ба амал баровардани қобилиятҳои роҳбарӣ;
- Ба даст овардани манфиатҳои иҷтимоӣ ё моддӣ;
- Исботи зарурият ва ё асоснокии фаъолияти ҷиноӣ.

Барои занон (асосан):

- Хоҳиши шавҳардор шудан;
- Ҷустуҷӯимолу мавод (сарватмандӣ);
- Кӯшишбарои пешгирии мунокишаҳо бо хешовандон бо роҳи издивоҷ ва кандани алоқа бо онҳо.

**Тамоюлҳо ба вайронкунии муносибатҳои оилавиро низ бояд қайд кард.** Шумораи мардҳои зандоре, ки дар заминаи бадбинии динӣ ҷиноят содир кардаанд,зиёдаст.

Хос аст, ки бештари онҳо дар оила ҳисси озодӣ ва ҳамдигарфаҳмиро намебинанд. Бояд тазаккур дод, ки маънои мафҳуми оила дар гурӯҳҳои радикалӣ тағйир дода шуда, аз он танҳо маънои қонеъ кардани талаботи ҷинсӣ мондаасту халос.Ба аъзоён талқин карда мешавад, ки ба «занони заминӣ» аҳамият додан даркор нест, чунки ҳамчун мукофоти "мубориза бар зидди кофирон" онҳоро музди калонтар- биҳишт интизор аст. Ба онҳо чунин шиорҳо маъқул меафтад, чунки ақли кӯдаконаашон онҳоро ба роҳате, ки бо на он қадар душворӣ ба даст меояд, дилгарм месозад. Аз ин рӯ, онҳо ба ҷиноят қодиру тайёранд, ҳатто агар ҳангоми иҷро кушта ҳам шаванд.

Масалан, яке аз маҳкумшудагон мегӯяд, ки «дар«Ҳизб-ут-таҳрир» бори зиёд зан гирифтану шавҳар кардан ва талоқ додан ташвиқ ҳам карда мешавад. Ба мардон иҷозат дода шудааст, ки ҳангоми даъват (яъне дурӣ аз хона барои юришу ҷанг), зан гиранд- яъне занони ҳамроҳу ҳамяроқашонро "ба амри хайр" ба никоҳ дароранд.

Маҳбуси дигаре гуфт, ки ӯ тавассути телефон зан гирифтааст (ин ба ташкилотҳои такфирия хос аст). Ин издивоҷ пас аз як вохӯрии кӯтоҳ ва дар асоси тавсияи шиносҳо сурат гирифтааст. Волидони вай, сарфи назар аз он ки аз ин никоҳ дуюним сол гузаштааст, то ҳол бехабаранд.

Баъзе аз занони маҳкумшуда низ бо ҳамин роҳ- тавассути "никоҳ бо телефон" ба шавҳар баромадаанд.

Ҳам инҳо ва ҳам онҳо боз бо ҳамон осонӣ аз ҳам ҷудо мешаванд. Сипас боз никоҳи наву дигар мекунанд.

**Таҳқиқотҳо ҳамчунин фикреро, ки гӯё афроди ба гурӯҳҳои радикалӣ пайваста маълумоти кофӣ надоранд ва мақоми иҷтимоии паст доранд, инкор мекунанд.**

Ҳангоми мусоҳиба дар аксари маврид маҳкумшудагон қайд карданд, ки онҳо зиёд адабиёти бадеймехонанд. Сабаб он будааст, ки барои ба ташкилот ҷалб кардани нафарони нав нутқи худро беҳтару бурро гардонанд. Ҳамаи онҳо аз психология тайёриву омӯзиши махсус гирифтаанд.

Ва баръакс, дар одамоне, ки сатҳи маълумоташон паст аст, инстинкти (алтруизм)шафқат бештар равшан ифода ёфтааст. Барои одамони ин намуд меҳрубонӣ, дилсардӣ, ғамхорӣ нисбати наздикон, хусусан ба пиронсолон хос аст. Онҳо метавонанд пораи охирини нони худро ҳам ба дигарондиҳанд. Онҳо боварӣ доранд, ки то даме ки ягон нафаре ҳоли бад дорад, ҳамагӣ худро хуб ҳис карда наметавонанд.

Аммо дар баъзе ҳолатҳо ин сифатҳои хуб метавонанд аз тарафи шахсони сеюм барои ноил шудан ба ҳадафҳои ғаразнок истифода карда шаванд. Шахсе, ки инстинкти шафқат дорад, "не" гуфта наметавонад. Агар вайро даъват ё таҳрик кунанд, масалан, ба наҷот додани ҳаёти кӯдакон, мазлумон ва ғ. ӯ метавонад, нафаҳмида, мавқеи радикалии гурӯҳҳои террористиро ҳам дастгирӣ кунад.

Дар психология як воқеияти маълум ҳаст:нафаре, ки дар вақти зарурӣ «не» гуфта наметавонад, одатан соҳибишиддати баланди дохилӣ ва хашм аст.Бо мурури вақт чунин хашми дохилӣ ба худбадбинӣ (аутоагрессия) табдил мeёбад ва ниҳоят ба вайроншавии шахсият омада мерасад - ба харобӣ (деструксия), рӯҳафтодагӣ (депрессия), вобастагӣ ва худкушӣ.

Проблемаҳоимаъмулии шахсе, ки дар ягон гурӯҳи радикалӣ/ харобкор аъзо аст, инҳоанд:

- Ҳувияти тамоман "аз роҳ баромада";

- Рӯҳафтодагӣ (депрессия);
- Набудани қобилияти мустақилона қабул кардани қарор (вобастагӣ);
- Аздаст додани озодии ирода ва назорати ҳаёти шахсӣ (и худ);
- Ноҷӯриҳои марбут ба стресси пас аз воқеа/ зарба пайдошуда;
- Рушди таъхирнок (ақибмонда) ва нокифояи психологӣ;
- Аз даст додани беихтиёрӣ (тарзи рафтори бевосита, озод)ва ё ҳисси зарофат (юмор);
- Бадшавииҳолати психологӣ, аз ҷумла дар назар тофтани чизҳои набуда (галлютсинатсия), приступ/ҳамлаҳои воҳима ва тарс, гум кардани тамаркуз (дезориентатсия), васваса/ параноя, дугонашавии шахсият;
- Таъсисдода натавонистани муносибатҳои наздики дӯстона;
- Вайроншавии реҷаи хоб, дидани хобҳои даҳшат;
- Мушкилоти (алоқаи) ҷинсӣ.

Дар чунин мавридҳо ҷалб кардани мутахассисони соҳаи психиатрия зарур аст, чунки доираи фаъолияти равоншиносон танҳо бо ҳалли мушкилоти шахси солим маҳдуд аст.

Танҳо психиатр метавонад тамаркуз (аксентуатсияҳо)-ро ба навъи таҳрикпазири шахсият ва ё (психопатия) тарканда, ки аксар вақт дар аъзоёни ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ вомехӯрад, муайян кунад. Гап дар сари он аст, ки узвият дар гурӯҳи радикалӣ ба психопат имконият медиҳад, ки майли худ ба хушунату зӯровариро ифода кунад ё истифода барад.

Ташхисиибтидоӣ бо иштироки духтури психиатр ҳамчунин барои он муҳим аст, ки барқарорсозии шахсони дорои ин ихтилолё тамоман мумкин нест, ё мумкин ҳаст, вале баъд аз табобати доругӣ.

Дар айни замон, ташхиси равонии шахсони алоҳида аз категорияи тадқиқот бо якчанд сабабҳо гузаронида намешавад:

- Дар ҳайати шахсии хадамоти тиббӣчунин воҳид- духтури психиатр дода нашудааст;
- Ҳаққи хизмати кори психиатрро ҳар бор алоҳидапардохтан номумкин аст, чунки дар буҷа чунин моддаи дахлдор пешбинӣ нашудааст;
- Духтурони муассисаҳои табобати гражданӣ ба маҳбасҳо омадан намехоҳанд;
- Дар маҳалҳои ҷойгиршавии муассисаҳои ислоҳӣ чунин мутахассисон, ҳатто дар муассисаҳои тиббии гражданӣҳам нестанд.

Дар асл, худи раванди барқарор намудани маҳкумшудагон қариб бе иштироки хадамоти психологӣ ва иҷтимоӣ мегузарад, зеро кормандони онҳо тахассуси зарурии дахлдор надоранд.

Аммо вазифаи асосии барқарорсозӣ- раҳнамоӣ кардани шахс ба интихоби созанда бо ёрии усулҳои барқарор кардани тафаккури интиқодӣ, эҷоди нақшҳои иҷтимоии нав, ба ҷои нақшҳои пас аз пайвастан ба гурӯҳи радикалӣ аз дастдода ва ғмаҳз доираи салоҳияти психологҳо ва кормандони иҷтимоӣба шумор меравад.

Танҳо пас аз баланд бардоштани сатҳи мавҷудият ва тафаккури танқидӣимкони ҷалб кардани мутахассисони вобаста ба раванди барқарорсозӣ пайдо мегардад. Дар марҳилаи ибтидоии кор, ҳатто дар чорчӯаи барқарорсозии ҷузъӣ ва ё де-радикалишавӣ (яъне «гузариш ба мавқеи мӯътадил дар эътиқодоти динӣ»), сатҳи фикрронии шахсоне, ки ҷиноятҳои вобаста ба экстремизми зӯроварӣ содир кардаанд, имкон намедиҳад, ки андешаҳои марбут ба мавзӯҳои баланди динӣ “ба гӯш дароянд”.

Албатта, ҳодисаҳои нодири аз конструксияҳои маъмулӣ дур рафтан ҳам мавҷуданд. Масалан, сатҳи рушди психологии роҳбарони гурӯҳҳои радикалӣ, маҳакҳои иҷтимоӣ ва арзишии онҳо аксаран аз аъзоёни оддӣба куллӣ фарқ мекунанд.

Онҳо дар ҷадвали поён дода шудаанд:

| Нишондиҳанда | Хусусиятҳоихос | |
|---|---|---|
| **Нақш дар гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ** | **Ташкилкунанда, роҳбар** | **Иҷрокунанда, аъзои оддӣ/ қаторӣ** |
| **Хусусият** (Характер) | Дар характер ва инстинктҳояш ҳукмфармоӣ дида мешавад. | Инстинкти (алтруистӣ) шафқатпешагӣ равшан ифода ёфтааст; аз рӯи навъи характерашон-кӯдаксират (инфантильные) |
| **Таҳрикҳо (омилҳои ҳавасмандкунанда)** | Хоҳиши ба амал баровардани қобилиятҳои роҳбарӣ;<br>Ба даст овардани манфиатҳои моддӣ; | Ҷустуҷӯи адолат;<br>Ба даст овардани манфиатҳои иҷтимоӣ ё моддӣ;<br>Исботи зарурият ва ё асоснокии фаъолияти ҷиноӣ. |
| **Маълумот** | Олӣ, олии нопурра, курсҳои таълимӣ оид ба психологияи тарғибкунӣ | Миёна, миёнаи махсус |
| **Донистани забонҳои хориҷӣ** | Русӣ ва тоҷикӣ (ба таври комил), англисӣ, чинӣ, туркӣ | Забони муҳити зист (тоҷикӣ) |
| **Афзалиятҳо дар адабиёт** | Адабиётибадеӣ ва динӣ | Фақат адабиёти динӣ |
| **Фаъолияти меҳнатӣ** | То ба ҳабс гирифтан кор мекарданд. Таҷрибаикор дар марказҳои таҳлилӣ ва таълимиро доштанд. Тайёрии ҳарбиро дар артиш, ҳангоми хидмати низомӣ дар сохторҳои низомӣ гирифтаанд. | То ба ҳабс гирифтан, кори каммаош доштанд ва ё бекор буданд. |
| **Муносибатҳои оилавӣ** | Арзишҳои марбут ба мафҳуми оила мавҷуданд.<br>Бисёрзанӣ иҷозат дода мешавад, аммо афзалият ба якзанагӣ дода мешавад.<br>Мехоҳанд, ки бо як зан баҷаннатдароянд. Арзиши муассисаи оилавӣ вуҷуд надорад. | Арзишҳои марбут ба мафҳуми оила мавҷуд нестанд.<br>Ба ҷудошавӣ муносибати бад надоранд, якчанд бор ба никоҳ даромадаанд.<br>Ба мукофоте ишора мекунанд, ки барои иштирок дар ҷангҳо ба даст меояд: ҳурони биҳиштӣ. |
| **Муносибатҳо бо хешовандон** | Хуб | Бад |

Дар банақшагирии барномаи барқарорсозӣ бояд на танҳо ин омилҳои номбаршуда, балки хусусиятҳои инфиродии шахси маҳкумшуда, сатҳи умумии фарҳанг ва маълумот, вазъи иҷтимоӣ, эътиқоди динӣ, ва бисёр омилҳои дигар ба назар гирифта шаванд.

Ба туфайли фаҳмиши боз ҳам амиқтари раванди радикалишавӣ ва сабабҳое, ки одамонро ба роҳи терроризм мебароранд, инчунин- дар маънии боз ҳам васеътар- ба туфайли фаҳмиши шароитҳои асосие ки ба терроризммусоидат мекунанд, имкони он пайдо мегардад, ки тадбирҳо оид ба мубориза бо мафкураи ифротгароии зӯроварона муайян карда шаванд.

Таҳияи усулҳои ягонаи консептуалӣдар методикаи барқарорсозӣ, ки таҳкурсии он кори амиқ оид ба «бакордарорӣ»и тафаккури интиқодӣ ва пешниҳод намудани интихоб/ алтернативаҳои дигар ба ҷои нақшҳои иҷтимоииқалбакӣдар гурӯҳи радикалӣ зарур аст.

Шояд чизи аз ҳама муҳим- дар ибтидо муайян кардани мақсади мушаххаси барнома аст: оё ҳадафтағйир додани ақидаҳои маҳбусон аст, ё танҳо рафтори онҳо(яъне, дерадикализатсия ва ё аз радикализатсия берун шудан).

Усули барқарорсозие ки бо мақсади дуюми дар боло зикршуда нигаронида шудааст, ба муваффақият имкони бештар дорад. Бо вуҷуди ин, дар (дурнамо) перспективаи дарозмуддат, он метавонад дар паст кардани ҷозибаи мафкураҳои ифротӣ ва коҳиш додани имконоти амалҳои минбаъдаи зӯроварӣ ва терроризм самаранокии камтар дошта бошад.

Саволи дуюме ки бояд дида баромада шавад он аст, ки барномаи барқарорсозиро ба аъзоёни оддии гурӯҳҳои экстремистӣ нигаронидан зарур аст, ё ки ба роҳбарони онҳо (яъне, ба баргардонидани нафарони алоҳида ё коллектив) ва ё ба ҳар ду.

Кор бо пешвоёни гурӯҳҳодар перспективаи дуртар таъсири бештар назаррасро таъмин арда метавонад, ҳарчанд ки ноил шудан ба ин мушкилтар аст. Як нишондиҳандаи оморие, ки аксаранва беш аз дигарон барои муайян кардани муваффақияти чунин барномаҳо истифода мешавад, фоизи баргашти такрорӣ ва ё такрори амалиётҳои террористӣ мебошад.

Корбо одамони ба муддатикӯтоҳ ва дароз ҳабсшуда, инчунин кор бо роҳбарони экстремистҳо ва пайравони онҳо метавонад усулҳои гуногунроталаб кунад.

Раванди барқарорсозӣ бояд бетанаффус- шаш моҳ қабл аз озодшавӣ сар шуда, баъди анҷоми мӯҳлати маҳбусӣ давом дода шавад. Аз ин рӯ, дар воқеияти имрӯза кӯмаки босифатро асосан кормандони муассисаҳоиислоҳӣ (равоншиносон,кормандони иҷтимоӣ) дода метавонанд, зеро ки онҳо бо зиндониён дар тамоси мунтазам мебошанд.

Сифатҳоишахсияшонбояд ба онҳо имкон диҳад, то бо ҳамаи маҳбусон, аз ҷумла, бо маҳбусони душвор, хатарнок ва қобили фиребу найранг (манипулятсия) ҳам дар заминаи муомилаи беғараз, башардӯстона ва одилона кор карда тавонанд.

Диншиносон, теологҳо, мутахассисон оид ба кор бо маҳбусони озодшуда, ҳатто аъзоёни оила ва ҳамсояҳо ҳам метавонанд барои самаранокии барномаҳои барқарорсозӣ нақши муҳим бозанд.

Кормандони дигар, аз ҷумла кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазо ва ҷиноятӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ дар ин давра метавонанд бо маҳбусон ҳамкорӣ кунанд. Дар чунин маврид барои он ки самаранокии то ҳадди имкон баланд таъмин карда шавад, вазифаҳои ҳамаи онҳо бояд хуб ба нақша гирифта шуда, танзим ва бо ҳамдигар ҳамоҳанг карда шаванд.

Психологҳо бояд дар раванди барқароркунӣ яке аз нақшҳои асосиро ба ӯҳда гиранд. Ба зиммаи онҳо ҳамчунин вазифаи муайян намудани омилҳои гуногунимуҳити иҷтимоӣ ва (сохт) структураи психологӣ, ки боиси таъсирпазирии нафари мушаххас ба идеологияи радикалӣ гаштааст («нуқтаи саршавӣ/истинод»), инчунин муайян кардани омилҳои таҳрикдиҳанда (рӯҳбаландкунанда), ки нафареро ба қарори пайвастан ба фаъолияти террористӣ овардааст, гузошта мешавад. Чунин маълумот барои тасниф ва таҳияи нақшаи инфиродии баргардонидани маҳбусони мушаххас муфид аст.

Боз як ҷанбаи дигари муҳими ба ҷамъият баргаштан- барқарор кардани робитаҳои самимии оилавӣ бо хешовандон мебошад. Аъзоёни оила дар татбиқи бомуваффақияти ин тадбирҳо, махсусан дар раванди ба ҷамъият баргаштани шахсони ба озодибаромада ва дар пешгирии баргашти онҳо ба ақидаҳои радикалӣнақши муҳим бозида метавонанд.

Бинобар ин, барқароркунӣ бояд бо иштироки фаъоли аъзоёни оилаҳои маҳбусон сурат гирад. Вале, ҳолатҳое ҳам ҳастанд,ки аъзоёни оила худашоннафари ҳабсшуларо ба хушунат водор кардаанд, ё ин ки сардори оила, ки ҳама дигарон аз вай вобаста ва ба вай тобеанд, худ узви гурӯҳи радикалӣ мебошад.

Ва маъмурият бояд масъалаи иштироки эҳтимолии аъзоёни оилаҳоро дар чунин ҳолатҳо- дар асоси арзёбии хатарҳо,бодиққат омӯхта барояд.

Дар марҳилаи минбаъдаи барқарорсозӣ бояд барои ташкили як муколамаи васеъ бо иштироки диншиносони қаблан тайёркардашудаи дорои маълумоти апологетикӣ (яъне оид ба афв)ва маҳбусон шароит фароҳам овардан зарур аст, то он ки нисбат ба мумкин набудани истифодаи зуроварӣ дар маҳбусон ягон шубҳае боқӣ намонад.

Аммо, азбаски ин теологҳо метавонанд худ ҳадафи террористон шаванд, барои таъмини бехатарии онҳо дар давоми тамоми раванд бояд чораҳо андешида шаванд.

Бараванди барқароркунӣ зарардидагон/ қурбониёни амалҳои террористӣ ва ё шахсонеро, ки дигар намуд вобастагиҳо (масалан, одати истеъмоли моводи мухаддир, нӯшокиҳои спиртӣ)-ро паси сар кардаанд, ҷалб кардан мумкин аст.

Маълумоте, ки оид ба таъсири манфии амали зӯроварӣ ба шаҳрвандони оддӣ аз сарчашмаи якум- бевосита гирифта шудааст, метавонад ба ивази ақидаҳоимаҳбусон-ифротгароёни ҷангӣ (хушунаткунанда) оварда расонад.

Муколамаи миёни маҳбусон ва одамони дар ҳолати вобастагӣ қарордошта бошад, метавонад шиддати психологиро коҳиш дода,барои барқарорсозии бомуваффақияти маҳбус мусоидат кунад, зеро аломатҳое, ки ҳангоми будубош дар гурӯҳи тахрибкор будан зоҳир мeёбанд, айнан ва пурра ҳолати нафарони вобастаро инъикос мекунанд.

Яке аз шартҳои асосии мутобиқсозии иҷтимоӣ- фаъолияти меҳнатӣ, гирифтани ихтисос ё бозомӯзӣ мебошад. Мавҷудияти кор ба баландшавии сатҳи мавҷудият (экзистенсия) ва фаъолияти фикрӣ таъсириназаррас мерасонад.

Масъалаи ҷалби созмонҳои ғайриҳукуматӣ (СҒҲ)-ро ҳам дар ин раванд дида баромадан зарур аст. Ин созмонҳо аксар вақт ҳамчун ҷузъи система ё давлат ҳисобида намешаванд ва бинобар ин барои онҳо бо маҳбусони экстремист (ифротгаро)ба роҳ мондани робита осонтар хоҳад буд.

Арзиши иштироки чунин гурӯҳҳо дар он низ ҳаст, ки онҳо метавонанд муттасилии раванди ба ҷамъият пайвастани маҳбусонро пас аз озодшавӣ таъмин намоянд.

Дар чунин мавридҳо таърихи фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ, инчунин ҳайати кормандони онҳо бояд пешакӣ омӯхта шавад. Мақсади ин- пешгирӣ намудани имкони робитаи маҳбусон бо сохторҳои марбут ба фаъолияти ифротгароӣ аст- дар кадом намуде ки набошад,. Худи раванди кори ТҒҲ дар муассисаҳои пӯшида бояд доимо таҳти назорати мунтазам бошад ва аз ҷониби (сохторҳои коллективӣ/ дастҷамъона) ҳайати намояндагони на фақат мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки ҳамчунин намояндагиҳои ҷамъиятӣ, (корпуси депутатӣ, шӯроҳои ҷамъиятӣ, комиссияҳои назоратӣ ва ё коршиносони мустақил) арзёбӣ карда шавад.

Одамоне, ки ба ҷиноятҳои марбут ба экстремизм ва терроризм маҳкум шудаанд, бояд на танҳо аз нуқтаи назари иҷтимоӣ ва диншиносӣ (теологӣ), балкиаз лиҳози хусусиятҳои психологӣ низ таҳти омӯзиш қарор гиранд. Ин кор барои он зарур аст, ки хусусиятҳои деструктувии тағйирнопазири устувори шахсӣ муайян карда шаванд ва сипас, воситаҳои самарабахши кор барои ҷараёни барқароркунии онҳо муайян намуда шаванд.

### 2.3.Барқароркунӣ: маълумоти умумӣ, марҳилаҳо, воситаҳо

**Вазифаҳои машулият:**

1. Огоҳгардонӣ ва машқи амалии усулҳои машваратӣ ва барқароркунӣ дар раванди кӯмак ба қурбониёни таъсироти шадид ба психика;
2. Таълими усулҳои мушаххаси ҳамкорӣ бо аъзоёни гурӯҳҳои радикалӣ.



**Мафҳумҳои асосӣ:**

***Барқароркунӣ*(реабилитация)**- аз лотинӣ “re”- аз нав; “habilis”- қувват ё тавон; якҷоя маънои “бозгардонӣ ба тавону қувват” гирифта шудааст. Дар ин мавзӯъ маънои “барқарор кардани мақоми иҷтимоии шахс” ва ё ”барқарор кардани ҳолати хуб ё ҳолати муносиби ҳаёт”-ро гирифтааст.

***Зӯроварии психологӣ*** - таъсири иҷтимоию психологӣ бо мақсади маҷбур кардани шахси дигар ё гурӯҳи одамонба рафтору амалҳое, ки худи онҳо нияти онро надоштанд; таъсире ки марзҳои психологии фардӣ ё гурӯҳи иҷтимоиро вайрон мекунад; бидуни розигии огоҳонаи онҳо ва бе кафолати амнияти иҷтимоию психологӣ, инчунин бе риояи ҳуқуқҳои

қонунии шахс ё гурӯҳи одамон ба кор бурда мешавад; боиси хисорот ё зарари иҷтимоӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ё моддӣ мегардад.

***(Манипулятсия) сӯистеъмол кардан***-як намуди таъсири психологӣ мебошад, ки иҷрои моҳиронаи он боиси пинҳонӣ ба таҳрик овардани нияти ягон шахси дигар ба коре, ки худаш дар асл ба он хоҳиш надорад. (яъне бе огоҳии кас тавассути ягон усули психологӣ касеро ба иҷрои ягон амал таҳрик додан, ки худи н шахс агар ҳамин таъсир намебуд, он корро иҷро намекард).

***Фирқа/ волоият (культ)***- гурӯҳеро меноманд, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, ё вазъи иқтисодӣ ва инчунин иҷтимоии шаҳрвандонро муқаррар намуда, ё таҳти назорати худ дароварда ба ҳамин тариқ ба ҳуқуқу озодиҳои ҷамъият ва шаҳрвандон таҳдид ба миён меорад.

***Фаъолияти тахрибовари динӣ*** (деструктивӣ (лотинӣ)- яъне тахрибовар/ тахрибкор) гуфта,фаъолияти дар асоси дин таҳрикёфтаро меноманд, ки ҳам нисбати шахс ва ҳам нисбати ҷомеа тахрибу зиёновар буда, зидди қонун аст, ба давлатдорӣ хатарнок ҳисобида мешавад ва дар он ҳеҷ хислати созандагӣ дида намешавад.Фаъолияти тахрибовари динӣ ба фарҳанги анъанавии халқ, меъёрҳои иҷтимоии рафтор ва манфиатҳои шаҳрвандон мухолифат мекунад; вай нисбат ба ақида ва рафтори аъзоёни худ аз зӯроварии пинҳонии психологӣ истифода мекунад, ки бо принсипҳои ахлоқӣ мувофиқат намекунад; ба ҳаёт ва саломатии инсон хатар эҷод мекунад.



**Муқаддима ба мавзӯъ**

Агар назорати психологиро ба роҳ мондан мумкин бошад, онро қатъ кардан ҳам мумкин аст- сарфи назар аз давомнокӣ ва қувваи раванди он. Психотерапевтҳо усулҳои гуногуни озодкунӣ аз назорати психологиро таҳия карда баромадаанд. Дар чунин мавридҳо мушовир ба худ вазифа мегузорад, ки ба одамон на танҳо дар даст кашидан аз гурӯҳҳои радикалӣ/ харобкор кӯмак расонад, балки инчунин барои барқарор кардани саломатии рӯҳии онҳо пас аз тарки гурӯҳ мусоидат намоянд.Ин раванди мураккаб, дарозмуҳлат ва заҳматталаб аст, ки бо он бояд мутахассис сару кор гирад. Дар ин ҷо мо ба хусусиятҳои кори вай диққат намедиҳем, вале танҳо кӯтоҳ дар хусуси технологияи аз назорати психологӣ озодкунӣ сухан меронем.



**Маърӯзаи хурд. Хусусиятҳо ва марҳилаҳои машварат оид ба баромадан**

(барои аёният таҳия намудани слайдҳо бо нуктаҳои асосӣ зарур аст).

Пеш аз ҳама, бо узви гурӯҳ ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона ва эътимодбахш зарур аст. Барои ин кор, баъзан истифодаи танҳо робитаи ғайришифоҳӣ- масалан тақлид кардани ҳаракатҳои вай кофӣ аст. Сухангӯӣ набояд оҳанги таҳдидомез дошта бошад; агар саволе пурсида шавад, оҳанги он бояд ором ва меҳрубонона бошад.Хулосаву баҳоҳои қатъӣ баровардан маслиҳат нест. Ин маврид усулҳои барномарезии нейролингвистӣхеле муфид хоҳанд буд.

Мусоҳиба/робита бояд «мақсаднок» бошад- чуноне ки соҳибкорон (бизнесменҳо) мекунанд. Одатан аъзоёни оила ва дӯстон байни ҳам хеле эҳсосӣ муоширaт мекунанд ва ҳама чизро бо якдигар ошкоро гуфтан мегиранд. Воқеан, дар ҳаёти ҳаррӯзаи муқаррарӣ одамони ба ҳам наздикдар сӯҳбат мақсади ба якдигар таъсир кардан намегузоранд. Баръакси ин, мусоҳибаи мақсаднок имкон медиҳад, ки барои ба самти дилхоҳ равона кардани шахсони зарурӣ таъсир расонда шавад.

Мақсади машваратҳои психологӣ дар ин маврид- аз гурӯҳи радикалӣ баровардани шахс аст. Барои ин на танҳо нақшаи мушаххаси амалиёттаҳия кардан, балки ҳамзамон муайян кардан зарур аст, ки он нафари шумо ба вай таъсир кардани кист. Вайро "аз дарун/дохил" фаҳмидан зарур аст.

Вақте, ки (актёр) ҳунарманди бузург банақш омодагӣ мегирад, қабл аз ҳама вай феъл ё характери шахси мебозидаашро бодиққат таҳқиқ мекунад ва бо ин мақсад вай ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоот муроҷиат мекунад, то фаҳмад, ки (шахси нақш) персонажи вай чӣ зиндагие дорад. Ҳунарманд хаёлан симо/ образи он шахсро меофарад ва сипас эътиқоду арзишҳои шахсии худро фаромӯш карда, "ба он қолаб медароядˮ. Сипас вай ба саҳна баромада, нигоҳ мекунад, ки оё образи офаридаи вай дар назар ва дили тамошобинон ягон эҳсосоте бедор карда тавонист, ё не. Принсип ҳамин аст: кореро кун, ки ба кор равад. Агар ҳунарманд хато кард, вай бояд образашро тағйир диҳад ва дигар усулҳоро санҷад, аммо ҳамеша дар хотир дорад, ки ҳадафаш чист.

Машваратчӣ бояд донад:

- Дар бораи шахсияти ин нафар пеш аз ба гурӯҳ пайвастан;
- Аъзои маъмулии ин гурӯҳ чӣ гуна аст;
- Шахсияти ин нафар дар гурӯҳ чӣ гуна аст?

Сипас бояд кӯшиш кард, то нафари аъзои гурӯҳ ба гап даровwarда ва таҳрик дода шавад, ки то ба гурӯҳ пайвастан кӣ буданашро ба хотир орад. Дар ин маврид нуқтаи ибтидоии хотироти вай бояд тағйир дода шуда, ба он системаи координатҳо баргардонда шавад, ки фаҳмишҳои қаблии вайро оид ба воқеият муайян мекард. Ӯро дар ҳамин системаи баҳисобгирӣ, ки дар он на "культ, яъне волоияти шахсият" вана назорати психологӣ мавҷуд набуд, қайд намуда, ба он ноил шудан мумкин аст, ки шахс ба хотир овардани чӣ фикр кардану чӣ ҳис карданашро дар ҳар як марҳилаи ба гурӯҳ тарғиб шуданаш сар мекунад. Вай метавонад шубҳаҳои дар он вақт пайдошуда ва саволҳое ки вай ҳангоми дар ташкилот буданаш пурсида наметавонист, ба хотир орад.

Мушоҳидаи бодиққати узви гурӯҳ, ки ба системаи тофирқавии нуқтаи ибтидоии хотирот ворид карда шудааст, ба мушовир имкон медиҳад, фаҳмад, ки шахси мазкур барои тарки гурӯҳ ба кадом калимаҳо, ҳиссиёт ва далелҳо эҳтиёҷ дорад.Ба яке танҳо нишон додан кофист, ки чӣ тавр роҳбари ташкилоти онҳо Китоби Муқаддасро ба манфиати худ нодуруст шарҳ медиҳад; ба дигарӣ- нишон додани номувофиқатиҳо дар сиёсату тартиботи ташкилотро.

Агар пеш аз гузариш ба идеологияи радикалӣ, шахс худро бадбахт ва бемор ҳис мекард, лаҳзаҳои мусбати гузаштаи вайро, ки ба онҳо "часпиданˮ мумкин аст, ёфтан зарур мешавад. Агар чунин хотирот ёфт нашавад, пас чунинҳоро "ихтироъˮ намуда, нақл кардан зарур аст. Барои эъҷоди "лаҳзаҳоˮ-и мусбӣтахайюлотро ба кор бурдан зарур аст.

Баъдан, ба нафари аъзои гурӯҳ кӯмак расондан зарур аст, ки аз доираи сиёҳу сафеди воқеияти «хуб ва бад» берун шавад, то ин ки воқеиятрoранга,(объемный)мураббаъва бисёртарафа бинад. Ӯ бояд ба ёд орад, ки ин ҷаҳон сермаъно ва гузаранда аст. Агар ҷаҳон ба шумо маъқул нест, онро тағйир диҳед; агар тағйир дода натавонед, пас муносибати худро нисбат ба он тағйир диҳед.Ҳар як аъзо он тавр барнома карда мешавад, ки дар бораи роҳбар, сиёсат ва ташкилот фикрҳои «манфӣ»-ро тарк ё қатъ кунад. Раванди қатъ кардани фикрҳо ҳар бор вақте ба кор медарояд, ки ягон касе ба аҳамияти иҷтимоии гурӯҳи ӯ ва рисолати вай бо шубҳа менигарад; гурӯҳро танқид мекунадва ё ҷиддияти онро зери шубҳа мегирад. Ин раванд нақши паноҳгоҳеро мебозад, ки дар он вақти «ҳамла» -и душман паноҳ бурдан мумкин аст.

Аммо вақте ки нафари аъзои гурӯҳ хатаре ҳис накунад ва шахси дигарро ҳамчун «душман» наҳисобад, ӯ барои ба кор даровардани раванди боздоштани фикр кӯшиш намекунад. Ӯ боварӣ дорад, ки гурӯҳаш як сохтори мазҳабӣ (секта) нест, бинобар ин, бо ӯ метавон дигар ташкилотҳои шабеҳро муҳокима намуд ва вай инро ҳамчун ҳамла ба роҳбараш ё гурӯҳаш намеҳисобад. Бинобар ин, дар мавриди ҳамкорӣ бо нафари аъзои гурӯҳ беҳтар аст, ки усулҳои иттилооти ғайримустақим ва ишораҳои ғайримустақимистифода карда шаванд, то он ки ӯ ягон шубҳа накунад ва ба "паноҳгоҳˮ-аш надарояд.

Дар ин гуна суҳбатҳои беғараз/ бемавзӯъ(отвлеченное)вайро бо методҳо ва усулҳои ба мафкураи одам таъсиррасонидан ва бо технологияи "ислоҳотиˮшуур дар дигар ташкилотҳо

шинос кардан мумкин аст. Ба вай бояд мафҳуми “назорати психологӣ” фаҳмонда шуда, тавсифи дақиқи гуруҳҳои тахрибкор дода шавад. Вақте ки ин маълумот ба зершуури вай ворид мешавад, шахсияти «ҳақиқӣ» системаи ҳисоби нуқтаи ибтидоиро соҳиб мешавад, ки метавонад минбаъд барои таҳлили ҳар чизе, ки бо ӯ рух додааст,ба он такя кунад.

Ба нафари аъзои гурӯҳ кӯмак кардан зарур мешавад, ки ояндаи хушбахтро берун аз гурӯҳ тасаввур карда тавонад. Барои ин, зарур мегардад, ки ӯ аз ҳама “чизҳои ваҳим”-и ба вай талқиншуда (наҷот) озод карда шавад. Ба хотир меорем, ки вайро бодиққат коркард кардаанд, ба вай нисбати ҷаҳони беруна тарсу ҳарос талқин карда шудааст.

Ҷой кардани сиёсат дар аъзоён тавассути ваҳму тарс одатан дар сатҳи зершуур иҷро карда мешавад. Шахси "воломақом" ҳеҷ гоҳ дар бораи тарк кардани гурӯҳ фикр намекунад: ӯ хушбахт, пур аз ташаббус ва ба дараҷаи гӯшношунид ба роҳбарият итоаткунанда аст. Аммо агар аз узви гурӯҳ пурсед, ки ояндаеро, ки вай дар ҳақиқат дар он худро хушбахт меҳисобад, тасаввур кунад, ба он “ворид” шавад ва ҳамон хушбахтиро ҳис кунад, воҳимаҳои вай дур шудан мегиранд.

Методҳои тасаввуркунӣ барои бартараф кардани аксуламалҳо ба ваҳму тарс (фобия)воситаи самарабахш мебошанд. Тавассути ин методҳошахс аз “нақб”-и торики гурӯҳ бадунёи озод ва беҳудуд мебарояд. Барои он ки вай мансубияти худро ба ин дунё ҳис кунад, ӯро ба ин раҳнамоӣ ва тарғиб кардан зарур мешавад.

Солҳои зиёд далели назорати психологиро аз нуқтаи назари илмӣ натасдиқ кардан мумкин буду на инкор. Ҳеҷ кас наметавонист меъёрҳои илмии дақиқеро номбар кунад, ки тавассути онҳо “коркард” шудан ё нашудани шахс муайян карда шавад. Бинобарин ҳамаи хулосаҳо субъективӣ буданд.

Дар айни замон аллакай “азкорбарорӣ”-ҳои мушаххаси марбут ба “барномакунӣ”-и психологӣ муайян карда шудаанд. Олимон тағйиротҳои мушаххасро дар қаторишуоъҳои электромагнитии мағзи сар ба қайд гирифта метавонанд, ки дар натиҷаи бастани ин ё он минтақаҳо ё марказҳои майна зери таъсири назорати психологӣ пайдо мешаванд.

Пайравони равия (фирқа) аёнан нишонаҳои «ихтилоли марбут ба аз ҷамъият ҷудошавӣ”-иромаҳз дар ҳамон намуде нишон медиҳанд, ки дар Дастурамал оид ба ташхиси Ассотсиатсияи психиатрии Америка (DSM)муайян шудаанд.Рафтори нафари коркардшуда инчунин метавонад ба рафтори нафарони дорои ягон “вобастагӣ” монанд бошад.

Ф.В. Кондратев- профессори маркази давлатии илмии психиатрияи иҷтимоӣ ва тиббӣ, ба номи В.П. Сербский қайд мекунад, ки "раванди ҳамроҳшавӣ ба фирқаҳо ба психотехнологияи ташаккули"синдроми DDD"(аз калимаҳои англисии "deception”- яъне фиреб;“dependency”- яъне вобастагӣ ва “dread”-яъне тарсу ваҳм) мувофиқ аст. Тағиротҳои равонӣ ба нишонаҳое, ки дар таснифоти байналхалқии бемориҳо таҳти номи “бемории вобастагии шахсият» номбар карда шудаанд, мувофиқат доранд.

Вобастагӣ ба фирқаҳоро метавонба бемориҳои дилбастагӣ ё вобастагӣ мансуб донист: дилбастагӣ ба бозиҳо, ба машрубот, ба маводи мухаддир.

Дар марҳилаи ибтидоии кор, ҳатто дар чорчӯбаи барқарорсозии ҷузъӣ/ нопурра ва ё де-радикалишавӣ (яъне «аз мавқеи радикалӣ ба мавқеи мӯътадили эътиқоди динӣгузаронидан»), сатҳи фикрронии аксарияти одамони мубталои ғояҳои ифротгароӣ хеле паст аст.

Аз ин рӯ, **марҳилаи якуми барқарорсозӣ-**номи "Даргирондан ё ба кор даровардани» тафаккуррро гирифтааст, ки раванди тӯлонӣ ва меҳнаталаб аст. Ин марҳила ҳатман бояд аз тарафи психологҳои касбӣ ва дар баъзе ҳолатҳо, аз тарафи психиатрҳо гузаронида шавад.

**Марҳилаи дуюм-** барқарор кардани робитаҳои аввалаи оилавӣ бо хешовандон мебошад. Аъзоёни оила дар татбиқи бомуваффақияти ин тадбирҳо- хусусан дар ҳамроҳшавии шахс ба ҷамъият пас аз озодшавӣ ва дар пешгирии баргашти нав ба ақидаҳои радикалӣ нақши муҳим бозида метавонанд. Бинобар ин, барқароркунӣ бояд бо иштироки фаъоли аъзоёни оилаи маҳбус сурат гирад. Фаҳмидани ин чиз зарур аст: барои он ки шахс баргардад, вай бояд ҳис кунад, ки вайро мунтазиранд, вайро дӯст медоранд.

Аммо ҳолатҳое ҳам ҳастанд, ки аъзоёни оила худашон нафари наздикашонро ба хушунат роҳнамоӣ ва водор кардаанд. Маъмурияти маҳбас бояд иштироки эҳтимолии аъзоёни оиларо дар чунин ҳолатҳо дар асоси арзёбии хатарбодиққат омӯхта барояд.

**Қисмати 3-юми** таркибии баргардондан- ислоҳ намудани фаҳмишоту назарҳои динӣ аст, ки танҳо бо иштироки мутахассисони соҳа мумкин мегардад.

Ва ҳамин тавр раванди ба ҳаёти берун аз гурӯҳҳои экстремистӣ баргаштанромарҳилаи бозгашт ба ҷамъиятба итмом мерасонад. Дар ин марҳила "табобат тавассути шуғл/ меҳнат" ва таълими касбӣ зарур мешавад.

Аммо ҳеҷ кас кафолат дода наметавонад, ки касибозгашта аз нав ба экстремизм намепайвандад. Гап дар сари он аст, ки таҷрибаи қаблӣ пурра аз сар берун намеравад ва агар ягон вазъи душвор (стресс) рӯй диҳад, шахс мумкин аст, ки боз "бандро канда гурезад".

Ҳамин тавр, **вазифаи мушовир**- бо ёрии методҳои барқарорсозии тафаккури интиқодӣ, эъҷоди нақшҳои нави иҷтимоӣ, ба интихоби созанда роҳнамоӣ кардани шахс аст, ки пас аз пайвастан ба гурӯҳи радикалӣ аз даст рафта буданд.

Ҳамин тариқ, кор бо ин категория бояд на танҳо баҳсҳои динӣ, балки бисёртар мавзуъҳои иҷтимоиву психологиро дар бар гирад.

Аммо (терапия) "табобат" танҳо дар ҳолате самара медиҳад, ки ҳамаи марҳилаҳои номбаршуда ба назар гирифта шаванд ва ҳам одамон ҳамчун як гурӯҳ кор кунанд.

Ҳар як ҳолат ба таври алоҳида дида баромада мешавад, ва танҳо пас аз он, агар ин мумкин бошад, системаи барқарорсозӣ коркард/ таҳия мешавад.

Мутаассифона, психологҳо иқроранд, ки дар амал ҳар яки моро ҳам ба гурӯҳ ҷалб карда, сипас ба худ мутеъ гардондан мумкин аст. Аз ҳама асосӣ- ҷой ва вақти муносибро ёфта, ба вазъият дохил шудан аст.

Барои мубориза бо ҷалбкунӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ ягон хел тавсия ё усули ягона вуҷуд надорад. Агар ягон тавсияи ягона мавҷуд мебуд, он гоҳ тамоми ҷаҳон аз рӯи он "пухтани таом"-ро ёд мегирифт. Проблемаи мазкурроҳи ягонаи ҳал надорад. Дар ин росто ҳадафҳои глобалӣ ва кӯтоҳмуддат вуҷуд доранд.

Маълумот ва мисолҳо дар таҳияи нақша кӯмак мекунанд, вале он ҳанӯз нақша нест. Вазъиятро то қадри имкон пурратар омӯзед, сипас малака ва дониши худро дар бораи худ, дар бораи аъзои гурӯҳ ва вазъи мазкур ба таври ҳарчӣ бештар созанда истифода баред.

Аз ҳикмат ва ақли солими худ истифода баред. Ин маънои онро дорад, ки фикр ва эҳсосотро ба кори якҷоягӣ ва ҳамоҳанг маҷбур кардан зарур аст, на ба он ки ҳар яке аз онҳо самтҳои муқобилро гирифта кор кунанд. Пурсабр бошед. Ва аз муносибати эъҷодкорона ба кор натарсед!

## 2.4. Методҳои безараргардонии (манипулятсия) таъсироти психологӣ. Таълим оид ба тафаккури интиқодӣ/ таҳлилӣ.

**Вазифаҳои машғулият**

Дар охири ин машғулият иштирокчиён:

1. Оид ба дарки танқидиву таҳлилии вазъияти ҳамкории таъсиррасонӣ таҷрибаи бошуурона ба даст меоранд;
2. Оид ба усулҳои бекоркунии ҳамлаи таъсиррасонӣ фаҳмиш ба даст меоранд;
3. Малакаҳои таҳлилии худро беҳтар мекунанд.



**Мафҳумҳои асосӣ**

***Манипулятор***–мутахассис оид ба таҳияи вазъиятҳое, ки дар он шахс рафторҳои гумроҳонаи худро амалӣ мекунад.

***Методҳои бекоркунии таъсиррасониҳо (манипулятсия)***- тартиби муайяни амалҳо ва ё рафтори шахсе, ки ҳамлаҳои манипулятор ба вай

нигронида шудааст. Чунин метод дар марҳалаи якум ба он муоидат мекунад, ки шахси таъсиррасон (манипулятор) мақсадашро ба даст намеорад ва вазъиятро таҳти назорат гирифта наметавонад.  Дар баъзе ҳолатҳо он метавонад худ воситаи таъсироти қалбакӣ/ фиребӣ гардад.



**Муқаддима ба мавзӯъ**

Имрӯз, аллакай, шахсе намондааст, ки бавосита ё бевосита бо мушкилоти фаъолияти тахрибкории гурӯҳҳои қалбакии динӣ рӯ ба рӯ нашуда бошад. Шахсро ба он ҷо барои табобат аз бемории равонӣ ва ё ҷисмонӣ мееоранд. Аммо ба ҷои табобат ба вай бемории наверо мечаспонанд, ки аз бемории худаш борҳо бадтар аст. Шахс ба як бозичаи дасти касе табдил меёбад, ки ҳеҷ гоҳ вайро нахоҳад дид, аммо тамоми ҳаёт  барои ӯ кор хоҳад кард. Акнун вай дигар одам нест, балки нафаре аст, ки кӯр-кӯрона ба хоҷаи наваш бовар мекунад, кӯр-кӯрона ба тарафи овози вай меравад; кӯр-кӯрона барои хӯрондани вай тамоми ҷамъкардаҳояшро бароварда медиҳад.

Кори «сайёдони одамон» он қадар мушкил ҳам нест, чунки аксари одамон намефаҳманд, ки онҳоро бе рӯю риё ба гурӯҳ гирифта истодаанд; ва ҳам онҳо намефаҳманд, ки барои ҷалби одамон ба созмонҳои бузурги тахрибкор чӣ миқдор ресурсҳои гӯшношунид ба кор бурда мешаванд.

Фирқаҳо (культҳо) коршиносони маркетингро ба кор ҷалб мекунанд, ки (стратегияҳо ва тактикаҳо)роҳу усулҳои ташкилу гузаронидани маъракаҳои ҷалбкуниро таҳия мекунанд ва ин маврид танҳо аз методу усулҳое истифода мекунанд, ки воқеан самара медиҳанд.

Бароишахси оддӣ имконияти раҳоӣ аз ин макр хеле кам аст. Чун қоида, чунин шахс на дар бораи коркарди психологӣ, на дар бораи методҳои кори “сайёдон” чизе намедонад. Шахси ноогоҳ намедонад, ки кадом саволҳоро пурсидан зарур асту кадом тарзи рафторӯро бояд эҳтиёткор кунад. Аксаран шахс ҳатто намедонад, ки бо “сайёдон” сару кор гирифтааст.

Дар қабули қарорҳо мо одатан ба маълумоте такйя мекунем, ки онро боэътимод меҳисобем. Моро ҳамеша ва ҳама ба чизе бовар кунонданӣ мешаванд- ба  сиёсат, ба иқтисод, ба ахлоқ, дин, масъалаҳои таълим, тарбия, ҳуқуқшиносӣ ё бозоромӯзӣ/ бозордонӣ (маркетинг).

Чунин кӯшишҳои омӯзиши афкори мо ногузиранд. Лекин баъзе аз кӯшишҳо самараи бештар мееоранд, сарфи назар аз он ки аз дигар кӯшишҳо на камӣ доранду на зиёдӣ. Мо барои тафтиши дурустии ҳар як хабар дар ҷараёни умумии маълумот вақт ёфта наметавонем.

Тамғакоғазҳои "хуб" ё "бад"-ро ба хабарҳо мо худамон- вобаста аз мундариҷаи онҳо, мечаспонем. Вақте ки мундариҷаи маводи иттилоотӣ ба мо маъқул шуд, мо бо майли том онро қабул мекунем; вале вақте ки маъқул нашуд, мо ба чунин паёмҳо филтр ё поккунандаҳои ҳимоявӣ гузошта, он паёмро тарғиботӣ меномем.

Мо одатан майл ба он дорем, ки ба ақидаҳои дӯстон ва "коршиносон"-исалоҳиятдор бовар кунем. Миёни мафҳумҳои тарбия ва ҷалбшавӣ, ташвиқот ва иттилоот хеле фарқияти нозук ва шаффофе ҳасту халос. Вақте ки моро бовар кунонданӣ мешаванд, худ ба худ ин на хуб асту на бад. Ин аз мақсад вобаста аст. Қувваи боваркунонӣ ҳам имкони огоҳкуниро дорад, ҳам имкони таъсиррасониро.

Методҳои талқинкуниро аз сабаби имконияти қаллобӣ/ фиреб танқид кардан андаке аблаҳӣ мебуд. Ин ба он монанд мешуд, ки таомеро аз сабаби имконияти пурхӯрӣ танқид кунанд. Таъсири созандагӣ ва ё сузандагии талқин аз мовобаста аст. Агар муаллифи паём дар назари мо ҷолиб ва суханвар тобад;агар чунин намояд, ки вай ниятҳои нек дорад; агар вай барои ҳифзи мавқеи худ далелҳои зиёд орад, мо дар чунин мавридҳо аксаран ба андешаи вай розӣ/ҳамовоз мешавем.

Ҳангоми харид дар мағозамо ба плакатҳое, ки арзон будани ягон молеро дар ин мағоза нисбат ба дигарон талқин мекунанд, бовар мекунем. Мо фикр мекунем, ки фиреб додани мо чӣ зарурат дорад? Мо метавонеммаълумоти плакатро тафтиш карда бозгардем ва маъмурияти мағозаро ба дурӯғгӯӣ муттаҳам кунем. Агар мо ҳеҷ вақт ва ба ҳеҷ кас бовар

намекардем, пас мо (касал) параноик мебудем. Лекин, агар ба ҳама чиз ва ҳама кас бовар кунем, пас моро камақл меҳисобанд, зеро ҳамеша касе пайдо мешавад, ки зудбоварии моро ба нафъи худ истифода кардан мехоҳад. Аз ин рӯ, мо мутобиқи принсипи «миёнаи тиллоӣ» зиндагӣ карда, бояд байни нобоварӣ ва боварӣ як навъ мувозинате ёбем.

Ҳамаи қаллобон- дурӯғгӯёни касбиянд.Қаллобони муваффақтар бошанд, илова бар қаллобиашон, дар чашми дигарон худро ҳамчун одамони хеле арзанда ҳам нишон дода метавонанд. Нақши шахсони «самимӣ» ва «кушода»-ро бозӣ карда, онҳо чобукона монеаҳои ҳифозатии ҳушёрии табиии сайди худро несту нобуд мекунанд. Онҳо сӯҳбаторои хубанд; ба боварӣ даромада метавонанд; одатан чеҳраи дилкаш доранд ва ҳамсӯҳбатонашонро ба худ ҷазб карда метавонанд. “Сайд”-и худро муайян карда, ба вай тамаркуз мекунанд; ӯро коркард мекунанд, пулҳояшро гирифта,ғайб мезананд. Дар чунин мавридҳо ҷабрдидагони қаллобӣ қайд мекунанд,ки "ба ин шахс бовар карданд, чунки ӯ ба ҷинояткор ҳеҷ монанд набуд."

Сайёдоне, ки одамонро ба тамоюлҳои динии шубҳанок ҷалб мекунанд, новобаста аз он, ки шиори дурӯғин марбути ислом аст ё масеҳият, чобукона айнан ҳамин технологияро истифода мебаранд. Қариб ҳамаи онҳо дар вақташ ба доми сайёдон афтида буданд. Онҳо воқеан ҳам самимона боварӣ доранд, ки барои шумо хубӣ карда истодаанд. Аммо ба гурӯҳ ким- кадом як чизи аз пул ҳам боқадртар зарур аст. Ба вай рӯҳи шумо даркор аст! Табиист, ки дар охир, пулҳоятон ҳам ба дасти онҳо хоҳад омад. Аммо кор ҳанӯз бо ин тамом нест. Бо гузашти вақт, шумо бояд ба одамони дигар ҳамон рафторҳоеро кунед, ки нисбати шумо содир карда шуда буданд: шумо бояд “ҳаммаслакон”-и нав ёфта ба гурӯҳ биёред.

Ҳамаи мо, новобаста аз сатҳи фарҳанг, рушди рӯҳонӣ ва принсипҳои ҳаётӣ, осебпазирубеҳифозатем- новобаста аз он ки ин ба мо маъқул аст ё не. Ҳамаи мо метавонем қурбонии барномаҳои психологӣ гардем. Бале, ҳамаи мо мехоҳем, ки хушбахт бошем. Мо муҳаббат ва таваҷҷӯҳ мехоҳем. Мо ҳама барои ноил шудан ба ягон ҳадафекӯшишмекунем: оқилтар шудан, сарватманд шудан, ба даст овардани мақоми баланд, беҳ кардани ҳолати саломатӣ, дӯст доштан ва дӯстдори касе будан. “Сайёдон” бо дарназардошти ана ҳамин умумиятҳо кор мекунанд.

Дар ёд дошта бошед, ки дар аксари мавридҳо одамон худашон ба гурӯҳ рафта ҳамроҳ намешаванд. Гурӯҳҳо онҳоро шикор ва ҷалб мекунанд.

Семинари мазкур кӯмак мекунад, ки иштирокчиён ба саволҳои зерин ҷавоб ёбанд: *Фаҳмидану шинохтани таъсироти хатарнокро чӣ гуна омӯхтан мумкин аст? Чӣ тавр оид ба усулҳои амали онҳо дониш гирифтан мумкин аст? Ва ҳамчунин, бо кадом усулҳоба онҳо муқобилат кардан мумкин аст?*

Роҳи дарозиаш 1000 км ҳам аз як қадами хурд сар мешавад. Дар хотир дошта бошед, ки шахс ҳамин қадами муҳиму тақдирсозро худаш пеш мегузорад. Мо хеле мехоҳем, ки ба дурӯғ бовар кунем. Чунки вай, одатан хеле зебову дилкаш аст. “Сайёди” таҷрибадор нуқтаҳои заъфи шуморо хеле ба зудӣ меёбад ва маҳз дар ҳамон ҷо домҳояшро мегузорад.

**Дар мавриди доир намудани ин машғулият истифодаи тренинги зерин, ки мӯҳтавои мавзӯъро бештар кушода медиҳад, тавсия дода мешавад (тренинг бо салоҳдиди омӯзгор истифода карда мешавад).**



**Тренинг «Нобино ва асокашҳо»**

Осебпазириипсихологии моро бо ёрии тренинги зерин «Нобино ва асокашҳо» осон исбот кардан мумкин аст.

Баранда панҷ ихтиёриро барои гузаронидани бозӣ даъват мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки бозӣ аз ду марҳила иборат аст. Вақте ки ихтиёриён ба марказ (байни давра) мебароянд, дастурро (ба қадри имкон бо матн наздик/монанд) хондан зарур аст

**Дастур барои марҳилаи якум**

**Баранда:** *Ҳоло як бозии хеле шавқовар мегузаронем. Огоҳ мекунам, ки бозӣ аз ду марҳила иборат аст. Аз ин рӯ, хоҳиш мекунам, ки пас аз анҷоми марҳилаи аввал пароканда нашуда, дастури маро барои марҳилаи дуюм интизор шавед. Қоидаи асосии дуюми бозӣ: азон лаҳзае ки ман батафсил ба иштирокчиён шартҳои бозиро баён мекунам, онҳо набояд бо якдигар гап зананд.*

*Марҳилаи якуми бозӣ "Нобино ва асокашҳо" номида мешавад. Нақши «нобино»-ро ____________ (номи иштирокчӣ) иҷро мекунад. Ҳамаи дигарон бошанд, "асокашҳо" хоҳанд буд. Ҳар як «асокаш» як ресмони худро дорад.(ресмонҳоро тақсим кардан зарур мешавад), ки тавассути он «нобино»-ро идора мекунанд (нишон додан зарур ки бо ресмон чӣ гуна ҳалқачаҳо кардан даркор аст, ки ба буҷулакҳи дасту пои "нобино" пушонида мешаванд), мутаносибан, ба ҳар як кас нӯги як ресмони ҳалқадор дода мешавад.*
*Ман чашмони "нобино"-робо рӯймол мебандам. Баъд аз ин, дар ҷойҳои гуногуни ҳамин синфхонаамон ана ин се предметро мегузорам (предметҳоро ба ҳама нишон додан зарур аст- калидҳо, қалам, китобча/ дафтар). Танҳо «асокашҳо» мебинанд, ки онҳо дар куҷо монда шудаанд. Чашмони "нобино" бастагиянд. Ва аз вай хоҳиш мекунем, ки чашмонашро баста нигаҳ дорад. Ба«асокашҳо» низ як дархост ҳаст- илтимос, байни ҳам гап назанед. Ба шумо («асокашҳо») зарур аст, ки «нобино»-робо ёрии ресмонҳоятон, ба ҷои ҷойгиршавии ҳар яки инпредметҳо овaред. Бо ёрии худи ҳамон ресмонҳо, ба «нобино» кӯмак кунед, ки онҳоро ҷамъ карда, ба назди ман биёрад. Такрор мекунам, ки гап задан мумкин нест.*

*Ва бори дигар хотиррасон мекунам:ин бозӣ ду марҳила дорад, барои ҳамин, вақте ки "нобино" ба ман ҳамаи предметҳоро оварда дод, пароканда намешавем. Ҳама кас ҳама чизро фаҳмид? Акнун ман чашмони "нобино"-ро мебандам ва аз ҳамин лаҳза "асокашҳо" байни ҳам гап намезананд. Омода ҳастед?*

Баранда тафтиш мекунад, ки ба дасту пойҳои «нобино» ҳалқаҳои ресмонҳо гузаронида шудаанд ва ҳар як асокаш якто ресмон дорад. Сипас, ӯ чашмони "нобино"-ро мебандад ва ҳар се предметро дар ҷойҳои намоён, вале душворрас ҷойгир мекунад. Ҳамзамон бори дигар хотиррасон мекунад, ки гап задан мумкин нест; "асокашҳо" танҳо бо ёрии риштаҳо амал мекунанд.

Бо фармони баранда, «асокашҳо» «нобино»-ро ба ҷамъоварии предметҳо мебаранд. Ин лаҳзаи бозӣ одатан хеле дилхушкунанда мегузарад. Баранда ин марҳила нисбати бехатарии иштирокчиён бояд хеле бодиққат бошад. Дар охири марҳилаи якум баранда ба мавқеи ибтидоии худ бармегардад ва мунтазир мешавад, ки кай "нобино"-ро ба назди ӯ мееоранд ва он бозингар ҳамаи ашёи ҷамъовардашударо ба вай медиҳад.

Ба иштирокчиён барои иштироки хуб миннатдорӣ ва иҷрои нақшҳояшонро таъриф карда, хоҳиш кардан даркор аст, ки паркоанда нашаванд. Хеле муҳим аст, ки баранда ба саволҳои марбут ба ресмон аҳамият надиҳад.

**Марҳилаи дуюми бозӣ. Дастурҳо**

**Баранда:** *Бозӣ тамом нашудааст. Шумо шояд пай бурдед, ки ман акнун чор чашмбанд дорам. Шумо дуруст пай бурдед: дар марҳилаи дуюми бозӣ ман чашмҳои худи «асокашҳо»-ро мебандам (онҳоро номбар кунед). Ягона шахси бино ин бор ______________(номи иштирокчии «нобино») мешавад. Аз лаҳзаи бастани чашмҳогап задан мумкин нест. "Асокаш" мебинад, ки ман ашёҳоро дар куҷо мегузорам. Огоҳмекунам, ки ман ин бор онҳоро ба ҷойҳои дигар ва душворрас ҷойгир мекунам. Ман аз "асокашҳо" хоҳиш мекунам, ки ин чизҳоро ҷамъ карда, ба ман биёранд. Инак, ман чашмони "нобино"-ҳоро мебандам ...*

Аз ҳамон лаҳза, баранда бояд диққат/ тамаркузи худ ва дигаронро пурра ба бастани чашмҳоҷалб кунад. Ва баръакс, ба ҳама гуна саволҳои имконпазир оид ба он ки *“бо ресмонҳо чӣ кор кунем?”* аҳамият ва ҷавоб надиҳад. Мумкин аст бо овози паст хотиррасон карда шавад, ки гап задан мумкин нест. Ҳангоме ки чашмони чор нафар баста шудаанд, предметҳоро ба ҷойҳои нав ҷойгир кардан зарур аст. Бо фармони баранда амалиёт оғоз мешавад.

Ҳамчун қоида, иштирокчиёни чашмонашон бастагӣ, бо ҳамон ресмончаҳо ба бозингари марказӣ «баста/ пайваста» мешаванд ва «паи ҳам» ва «кӯр-кӯрона» аз пас ӯ- тамоми муддате ки вай кӯшиши предметҳоро ёфтан ва ба баранда овардан мекунад, мегарданд. Дар давоми ҳамаи ин ҳаракатҳо бехатарии иштирокчиёнротаъмин кардан хеле муҳим аст.

Вақте ки ҳамаи чизҳо ҷамъоварӣ ва ба баранда супорида мешаванд, аз иштирокчиёни дигар хоҳиш кунед, ки барои бозигарон чапак зананд. Ва пеш аз он ки бозигаронро иҷозати ба ҷойҳояшон рафтан диҳед, аз онҳо дар бораи ҳиссиёте, ки дар даври якум ва дуюми бозӣ доштанд, саволҳо пурсед.



**Дар ин саволу ҷавоб пурсиши саволҳои зерин маслиҳат аст**

- *Ба шумо кадом нақш роҳаттар буд: иҷрокунанда ё роҳбар? Чаро?*
- *Вақте ки чашмони шумо кушода шуд, шумо чӣ ҳис мекардед? Ҳангоми пӯшида будани чашмонатон чӣ?*
- *Ягон лаҳзаҳое тарснок/ногуворҳам буданд? Агар “ҳа”, тарс аз чӣ буд? Агар “не”, чӣ ба шумо боварӣ мебахшид?*
- *Оё ҳангоми бозӣ дар шафати кӣ будан ягон аҳамияте дошт? Чаро?*
- *Шумо худро ҳоло чӣ гуна ҳис мекунед?*
- *Оё шумо аз иҷрои вазифаҳои ба шумо додашуда қонеъ ҳастед?*
- *Оё шумо умуман аз ин бозӣ қаноатманд ҳастед?*

Вақте ки ҳамаи иштирокчиён оид ба эҳсосоти худ нақл мекунанд, ба муҳокимаи гурӯҳии бозӣ сар кардан мумкин аст. Иштирокчиён ба ҷойҳои худ менишинанд.

Аз ҳамаи шунавандагон пурсидан зарур аст, ки ҳар як марҳилаи ин бозиро бо гурӯҳҳои тахрибкор чӣ тавр монанд ва муқоиса кардан мумкин аст. Одатан, марҳилаи якумроба раванди тарғиб кардани одамон ба гурӯҳ, аз тарафи аъзоёни ботаҷриба ҷалб кардани нафарон монанд мекунанд. Марҳилаи дуюмро бо он ки чӣ тавр аъзои нав барои ба гурӯҳ “кашидан”-и дӯстон ва хешовандони худ кӯшиш мекунад, монанд мекунанд.

Вақте ки ҳамаи иштирокчиён эҳсосоти худро баён мекунанд, шумо метавонед муҳокимаи гурӯҳии бозиро оғоз кунед. Иштирокчиён ба ҷойҳояшон мешинанд.

Аз ҳама иштирокчиён пурсидан зарур аст, ки ҳар яке аз марҳилаҳои ин бозиро бо гурӯҳҳои тахрибкор чӣ муқоисаву монанд кардан мумкин аст. Одатан марҳилаи якумро бо ҷалб ба фирқа тавассути аъзоёни собиқадори созмон монанд кардан мумкин аст. Марҳилаи дуюм бошад, ба он монанд аст, ки аъзои гурӯҳ дӯстон ва хешовандони худро ба ташкилот «кашида оварданӣ» мешавад.

**Ошкор кардани лаҳзаи фитнаангезе, ки дар бозӣ ҷойгир карда шудааст**

**Баранда:** *Илова бар хулосаҳои гирифташуда, ин бозӣ боз як маънои дигари муҳимтар ҳам дорад. Ман пешниҳодмекунам, ки ин маъноро ҳар кас мустақилона фикр карда ёбад. Ба ин хотир, аз шумо хоҳиш мекунам, ки хеле бодиққат бошед. Биёеддастурҳоро барои марҳалаи якум ва дуюми бозӣ ба хотир меорем.*

Вақте ки иштирокчиён дастурҳоро такрормекунанд, аксаранягон касе ба ёд меорад, ки дар марҳилаи дуюм ба истифодаи ресмонҳо ниёзе набуд. Илова бар ин, дар дастурдиҳӣ баранда танҳо ба "асокаш" муроҷиат мекард, бинобар ин ӯ бояд танҳо вазифаро иҷро мекард. Иштирокчиёнро ором кардан зарур аст, ки дар чунин ҳолатҳо қариб сад фоизи одамон ҳамин тавр рафтор мекунанд.

Баранда: *Оё шумо медонед, ки чаро инкор кардани осебпазириро хатогии қариб садфоиза меҳисобанд? Вақте кас боварӣ дорад, ки ӯро «аҳмақ кардан» номумкин аст, ӯ тайёр шуда наметавонад.*

*Ана ҳами гуна худбоварӣ ба нафарони зиёде зиён овардааст.*



Сипас ба бозингари "нобино", аз он баъд- ба "асокаш(ҳо)" саволҳо дода мешаванд ва пас аз он имконият дода мешавад, ки ҳама хоҳишмандон сухан гӯянд. Саволҳо:

- *Ин марҳилаи бозӣ ба кадом вазъияти ҳаёт монадӣ дорад?*
- *Чаро рафторҳои (автоматӣ) беихтиёр ба амал меоянд?*
- *Барои он ки кас ба амалҳои беихтиёр (худкорона) роҳ надиҳаду рафторҳои ақлона кунад, чӣ лозим аст?*
- *Кадом хулосаҳои асосии ин бозиро бо робита бо ҷалбкунандагони гурӯҳҳо муқоиса кардан мумкин аст?*

Модератор: *Гап дар сари он аст, ки хотираи мо аз образҳо ва «суратҳо» иборат аст, ки дар онҳо фаҳмиши мо оид ба соҳаҳои асосии ҳаёт "аккосӣ" шудааст. Ҷалбкунандагон ҳангоми робитаи аввал танҳо дар ба ҳамин "тасвирҳо" такйя мекунанд. Вай ҳангоми сӯҳбат ба ҳар як фикри шумо мувофиқат мекунад. Бигзор он мавзӯи гармшавии сайёра, ё маоши паст ё терроризм бошад.Аммо пас аз 10 бор розӣ шудан ӯ ягон чизи наве мегӯяд, ки шумо оид ба он фикри худро надоред. Ӯ "ин"-ро дар рангҳои равшантарин, бо тафсилоти хурдтарин шарҳ медиҳад ва бо ин дар майнаи шумо сурати даркорияшро "мекашад".Баъд аз он ки дар майнаи шумо тасвирҳои ҳаёти хуш дар рӯи замин ё дар биҳишт ба вуҷуд омаданд, майнаи шумо беихтиёр бо ҷалбкунанда/ ташвиқгар розӣ мешавад. Шумо фикр мекунед, ки "ӯ даҳ карат бо ман розӣ шуда тавонист-ку. Ин гапаш ҳам дуруст будагист". Боэътиноӣ, табассум/ лабханд, нигоҳи соф ва хушфеълии "шикорчӣ"-ро ба хотир биёред. Ба чунин кас "не" гуфтану рафтан хеле душвор аст. Албатта, ба гурӯҳҳои тахрибкору экстремистӣ бо пои худ намеоянд.Ба онҳо касонро меоранд. Нақши ресмонҳоро дар ин маврид тарсу ҳарос, умед ва хатогиҳои мо иҷро мекунанд. Кас худаш мехоҳад, ки фирефта шавад. Ба ин ҳама нигоҳ накарда, аксари одамон ба афсона бовар доранд.*

*Инҷо бояд боз як саволи хеле муҳим пурсида шавад:*

- *Ин «тасвир» аз кадом хислату хусусиятҳои мо сохта шудааст? Чӣ гуна ва чаро одамон ба фармонҳои аблаҳона итоат мекунанд?*

*Ин (манипулятсия) истифодаи мақсадноки маҳз аст- яъне таъсири пинҳонии психологӣ, ки зери он одам чизҳоеро мекунад, ки қаблан намекард. Он ҳангоме ки диққати шахс ба "акс/ тасвир" нигаронда шудааст, бо ӯ амалиёти психикӣ анҷом дода мешавад.*

*Ман махсус ҳамин рафти вазъиятро ташкил кардам, то он ки усулҳои (манипулятсия) идоракуниро беҳтар нишон дода шавад. Тамоми мардуми дунё як навъ (стереотип) фаҳмиши якхелаи фирқавӣ доранд. Ин (асимметрия) яъне гуногунии дарк аст: "охир, ин ба ҳақиқат монанд аст", "ин (ба ҳақиқат) мувофиқ аст"- ин маънои онро дорад, ки бовар кардан мумкин аст. Ҳамон лаҳзаи кор бо ресмончаҳоро ба хотир меорем: савол пурсидан хуб нест, чунки баранда ва ё иштирокчиён хулоса мебароранд, ки ман супоришро намефаҳмам. Агар махсус даъват нашавад, ки барои роҳ надодан ба хато санҷиш даркор аст, мо метавонем осон ба (манипулятсия) идораи дигарон дароем. Мувофиқан, (манипулятор) истифодабаранда ва идоракунанда- "усто"-и хуби таҳияи вазъият/ шароитест, ки дар он шахс хатогиҳояшро амалӣ мекунад. Дарвоқеъ, ман тамоми ин муддат (манипулятор) идоракунандаи воқеӣ будам.*



**Хулоса**

- Ҳамаиодамон дар фикрронӣ беэътиноӣ мекунанд. Маҳз аз ҳамин сабаб дар ҳолатҳои ба ҳам монанд мо рафтори монанд нишон медиҳем;
- Рафтори (автоматӣ) худкор/ бефикр шахсро осебпазир мекунад, зеро амалҳои ӯ пешгӯишаванда/ маълум мебошанд;
- Амалҳоиавтоматӣ (худкор)на ҳамеша беҳтаринанд. Ба ҷои онҳо рафтори огоҳона/бошуурона кардан мумкин аст.
- Барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ дар рафтори худ, бояд ба вазъият аз назари танқиду таҳлил баҳо дод. Ин маънои танқидкунironадорад, балки маънои онро дорад, ки дар сухан хатогиҳовуҳилла таҳлил ва ҷустуҷӯ карда шаванд. Хатогӣ низ баъзан роҳи наҷот шуда метавонад.
- Барои ба “шаст”-и манипулятор наафтидан бояд фиреб ё манипулятсияи вай ёфта ва аз паи он назорат бурда шавад. Муносибатиэҳтиёткорона ба эҳсосот ва (интуитсия) гувоҳии дили худ дар ин кор ба шумо мусоидат мекунанд.

Усулҳои худмуҳофизаткунӣ барои паст кардани хатари таъсироти психологӣ кӯмак мекунанд. Ин усулҳо худи вазъиятро ҳал намекунанд.

Гузариш ба намудҳои дигари муошират бе (манипулятсия) фиреб имконият медиҳад, ки ҳамбастагии психологии идоракунанда ва идорашаванда ба маҷрои кушод ва шаффофи ҳамкорӣ баровардa шавад.

Тарзи беҳтарини ҳифозат аз идоракунии психологӣ- ин шахсан радкардани пешниҳоди чунин ҳамкорӣ мебошад.

# БОБИ III. ТАЪЛИМИ ДИНШИНОСӢ ВА ТЕОЛОГӢ ОИД БА КОР БО НАФАРОНИ БАРОИ ҶИНОЯТҲОИ ТАБИАТИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРОИДОШТА МАҲКУМШУДА

**Вазифаҳои машғулият**

1. Иштирокчиён оид бапайдоиш ва паҳншавии ислом маълумот мегиранд;
2. Иштирокчиён оид ба гуногунии равияҳо ва мактабҳои исломӣ дар Тоҷикистон фаҳмиш пайдо мекунанд.

## 3.1. Муқаддима ба таърихи ислом. Равияҳои динии ислом.

**Мундариҷаи маводи асосӣ**

**1.Ислом** (аз арабӣ “худро ба Худо супоридан», «итоат»)- вобаста аз шумораи пайравон дуюм дини яктопарастии умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад. Дар асри 7 дар нимҷазираи Арабистонба миён омадааст. Ба ташаккулёбии ислом динҳои яктопарастие ки дар сарзамини араб аз замонҳои хеле қадим мавҷуд буданд- яҳудӣ ва масеҳӣ, инчунин баъзе аз фаҳмишоти анъанавии қабилавииарабҳо таъсир гузоштааст.

Таърихи ислом аз паёмбар Муҳаммад(солҳои 570-632) оғоз меёбад. Қарибиҳои соли 610 мелодӣ Муҳаммад эълон кард, ки ҳангоми намоз дар моҳи Рамазон фаришта Ҷабраил (дар Инҷил- Гавриил) ба назди ӯ ҳозир шуд. Мусалмонон ин падидаро "Шаби қадр" ё "Шаби қудрат" меноманд (Лайлат-ул-қадр).

Давоми тақрибан се соли минбаъда оид ба ин ваҳй танҳо якчанд нафар одамон хабардор буданду халос. Баъдтар Пайғамбар фармон гирифт, ки ба тамоми мардумони Макка мавъиза кунад, ки аз бутпарастӣ канор гирифта, ба Худои ҳақиқӣ- Аллоҳрӯй оранд. Он замонҳо дар Макка, дини асосӣ ва ҳукмрон-бутпарастӣ (бисёрхудоӣ) буд ва гуфта мешуд, ки дар Қаъбаи муқаддас 360 адад бутҳо гузошта шуда буданд. Шумораи пайравон дар Макка меафзуд ва ин боиси норозигии ҳокимон мегашт. Ин ҳолат ба он оварда расонд, ки соли 622 Муҳаммад маҷбур шуд бо тарафдоронаш аз Макка ба Ясриб (баъдтар- Мадина) кӯчанд. Ин муҳоҷират бономи “Ҳиҷрат” маъруф аст ва санаи он оғози тақвими шамсии исломӣ шуд. Қариб ҳамаи аҳолии Ясриб исломроқабул кардандва Муҳаммад сарвари ҳамаи ин ҷамоа гашт.

Соли 630 Макка аллакай ба маркази дунёи исломӣ ва масҷиди Каъба, баъд аз пок кардан азҳайкалчаҳои бутпарастон, ба ҷойгоҳи ҳаҷ табдил ёфтанд. Ҳамин солро инчунин соли таъсисёбии давлати феодалӣ-рӯҳониемешуморанд, ки номи Хилофати Арабро гирифт. Муҳаммад пешвои диниву сиёсии ин давлат шуд. Соли632 Муҳаммад аз дунё гузашт ва дар Мадина дафн шуд. Ислом Муҳаммадро Худо намешуморад ва Қуръон вайро ҳамчун "Паёмбари Худо ва баргузидатарини пайғамбарон" меномад. Мусулмонон, одатан ҳангоми номи паёмбарро гирифтан, калимаҳои "саллалоҳу алайҳи васаллам” яъне “сулҳ ва раҳмати Аллоҳ бо вай бод!” мегӯянд. Ҳамин гуна калимаҳои эҳтиром инчунин ҳангоми гирифтани номҳои Исо (дар Инҷил- Иисус) ва Марям (дар Инҷил- Мария) ҳам илова карда мешаванд.

Мувофиқи анъанаҳои исломӣ, ваҳйи ба Муҳаммад нозилшуда ягон чизи наве набуд: ин оёт қаблан ҳам ба Одам, Иброҳим, Мусо, Исо ва дигар паёмбарон нозил шуда буд, вале мувофиқи гуфтаи Муҳаммад, он ваҳйҳо дигар карда шуда буданд. Арабҳоипайрави писари калонии Иброҳим- Исмоил, аз роҳи Худо берун рафта, бутпараст шуданд; ҳамчунон яҳудиён ҳам- чи тавре ки дар қиссаи машҳури гӯсолаи тиллоӣ омадааст. Масеҳиён бошанд, Исоро Худо гуфта, аз роҳ баромаданд. Ба ин нигоҳ накарда, Муҳаммад нисбати яҳудиён ва масеҳиён ҳамчун ба «аҳли китоб» муносибати боэҳтиром карда, онҳоро мардуме мешуморид, ки кӯшиши парастиши Худои якторо мекунанд, гарчанде ки дар баъзе чизҳо хато мекунанд.

Дини нав тамоми ҷомеаро фаро гирифта, ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекард. Дар асоси вай қонунҳои гуногун қабул карда мешуданд: қонун дар бораи издивоҷ (иҷозати на зиёда аз чор зан, ва ин ҳатман дар ҳоле, ки бо ҳамаи онҳо қатъан муносибати

якхела карда шавад); қонун оид ба муомилоти пулӣ (рибохӯрӣ ва аз маблағи қарз фоиз гирифтанро манъ мекунад); гирифтани андоз аз дороён ба дастгирии нодорон; намозҳои панҷвақта; ҳадди ақал як бор ба мавзеъҳои муқаддаси Маккасафари ҳаҷ кардан. Муҳаммад тамоми шаклҳои бутпарастиро манъ карда, риояи қатъии принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва ахлоқро талабмекард. Хушунат, ба истиснои ҳолатҳои худмуҳофизат/ мудофиа ва барқарор кардани адолат манъ карда шуда буд.

Пас аз марги Муҳаммад, ба мансаби **халифа** - ҷойнишин, муовини паёмбар аз қатори ҳамроҳони наздиктарини вай Абӯбакринтихоб шуд, ки як қатор ҷангҳои истилогарона карда, қабилаву қавмҳои зиёдеро мағлубу тобеъ кард ва сарвари Халифагии (хилофат) бузурги Араб шуд. Ҳамин тариқ, Ислом зуд дар саросари Арабистон паҳн шуда,ба дини давлатии арабҳотабдил ёфт.

Пасомадони Абу-Бакр- халифаҳоУмар ваУсмон дар як муддати кӯтоҳ шумораи зиёди кишварҳоиназди баҳри Миёназамин ва Шарқи наздик (Осиёи вусторо)ба тобеъият даров750 дорот. Дарасрҳои VII-IX ислом аллакай дар ҳамаи давлатҳои хилофат, ки қаламрави хеле бузург- аз Испания то Осиёи Марказӣ ва сарҳадоти Ҳиндустонро дар бар мегирифт, ба дини қариб ягона ва ҳоким мубаддал шуд. Ҳамин тавр ислом дар як муддати кӯтоҳ аз дини миллии арабҳо ба дини ҷаҳонӣ табдил ёфт. Дар давоми асрҳои XI-XVIII он дар Ҳиндустони шимолӣ васеъ паҳн шуд. Дар асрҳои XIV-XVI дар Индонезия ҳам (ғайр аз ҷазираи Бали) он индуизм ва бутпарастиро қариб пурра аз саҳна берун партофт. Дар асри XIV ислом ҳамчунин ба қаламрави Олтин Ӯрда, ба кишварҳои назди Баҳри Сиёҳ, каме баъдтар ба кишварҳои Қафқози Шимолӣ ва Сибири Ғарби ворид шуд. Дар давоми 14 аср ҷамъияти муслимин аз як гурӯҳи хурди маскуни Арабистон, ба як ҷомеаибисёрмиллионнафараи иборат аз миллатҳо, забонҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва равияҳои фарҳангии гуногун табдил ёфт.

Минтақаи маъмулии паҳншавии ислом- Шарқи Наздик ва Миёна, Африқои Шимолӣ, Осиёи Марказӣ, Русияи Марказӣ, Қафқози Шимолӣ ва як қисмати Закавказйеро дар бар мегирад. Илова бар ин, ҷомеаҳои мусулмонӣ дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷанубӣ, Амрикои Шимолӣ, Африкои Тропикӣ ва Ҷанубӣ низ мавҷуданд. Айни замон, аз сабаби равандҳои фаъоли муҳоҷират, ҷомеаҳои мусулмонӣ дар Аврупо рӯ ба афзоиш доранд.

## 2. Равияҳо, гурӯҳҳо ва ҷамъиятҳои гуногун дар ислом (хусусиятҳои ақоидӣ)

### Сунниҳо кистанд?

**Суннӣ** (аз забони арабӣ السنة علی Ahl al-Sunnah) пайравони ҷараёни аз ҳама бонуфузтарини ислом мебошанд. Шумораи сунниҳо беш аз як миллиард нафар (зиёда аз 90% аз шумораиумумии пайравони ислом)-ро ташкил мекунанд.[1]

Суннихо ба пайравӣ аз суннати пайғамбар Муҳаммад- амалҳо ва суханони ӯ, ба содиқ будан ба анъана, ба иштироки ҷомеа дар интихоби ҳокимон диққати хос медиҳанд.

Аломатҳои асосии мансубият ба Суннизм инҳоянд:

- Эътирофи эътимод ба шаш маҷмӯаи ҳадисҳо (ки аз тарафи Ал-Бухорӣ, Абу Муслим, Имом Тирмизӣ, Абу Довуд, Ан- Насоӣ ва Ибни Моҷӣ тартиб дода шудаанд);
- Эътироф намудани чор мактаби фиқҳии суннӣ: Моликӣ, Шофеӣ, Ҳанафӣ ва Ҳанбалӣ;
- Эътирофи мактабҳои суннатии ақида: Матуридӣ, Ашарӣ ва Таҳовӣ.
- Эътирофи қонунӣ будани ҳукумати халифаҳои солеҳ (рошидин)- Абу Бакр, Умар, Усмон ва Алӣ (шиъаҳо танҳо Алиро эътироф мекунанд).

Суннизм ҳамчун як ҷараёни муайян дар асрҳои X-XI ташаккул ёфтааст. Дар муқоиса бо шиизм, суннизм дорои мазмуни дақиқтар аст: ин пайравӣ ба роҳи зиндагии паёмбар аст. Шиизм танҳо ҳуқуқи қабули наслҳои Алиро барои мансаби роҳбарии рӯҳонӣ ва дунявии ҷомеаи исломӣ эътироф мекунад.

Дар ҷамъияти суннихо як қатори калони саҳобагон/ дӯстони пайғамбарро ҳамчун паҳнкунандагонисунна (ҳадисҳо) мешиносад. Дар ҷамоаи сунниён маҷмӯаи ҳадисҳои Имом Ал- Бухорӣ ва Муслим мавқеи хоси эътирофро соҳибанд. Масалан, Муҳаммад ибни Исмоил

Ал-Бухорӣ, қариб 700 ҳазор ҳадисро таҳлилу коркард намуда, танҳо 7400-тоашро-яъне каме бештар аз 1%-и онҳороба китоби худ «Ал-Ҷомӣ-ул-саҳеҳ» гирифтааст (ҳадисҳои дигарро Ал-Бухорӣ носаҳеҳ ва заиф шуморид).

Дар фарқият аз шиъаҳо, сунниён имконияти миёнаравии байни Худо ва одамонро баъд аз марги Паёмбар Муҳаммад эътироф намекунанд;фикри хусусияти хоси Алӣ ва ҳуқуқи истиснoии наслҳои ӯро ба имомат рад мекунанд. Байни онҳо инчунин дар принсипҳои қарорҳои фиқҳӣ (қонунӣ), дар табиати иду маросимҳо, дар тафсилоти намозу ибодот ва ғ фарқиятҳо мавҷуданд.

Мафҳуми сунна(т) дар байни оммаи васеи мусулмонон- чӣ сунниён ва чӣ шиъаён, ҳамчунон, маънои анъана (яъне аз ислом ба анъанаву одат гузаштан)-ро дорад. Масалан, хатна- ҳарчанд хусусияти динӣ ҳам дошта бошад, бо дарназардошти ташаккули қолабҳои тафаккур (стереотип мышления) ва анъанаҳои халқӣ дар миёни мусалмонон ҳамчун як чизи ҳатмӣ дар қабули ислом ва мансубият ба мусулмонӣ қабул шудааст.

**Мазҳаб (аҳли суннат ва ҷамоъа)**

Мазҳаби суннӣ (ал-ақида) ба се ҷараёнҳои асосии баёнот ва фаҳмиши мазҳаб (калом) (таҳовия, матуридия ва ашъария) тақсим мешавад.

Дар Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Туркия, Русия (Тотористон, Бошқирдистон, Қабардину Балқар, Карачаеву Черкесс), Покистон ва Афғонистон исломи анъанавӣдар шакли таъбири матуридии мазҳаб/ имони исломӣ муаррифӣ шудааст.

Ҳамаи ин се мактаб амалан, аз якдигар фарқе намекунанд. Фарқият танҳо дар нисбатифаҳмиши таҳовиҳо оид ба имони исломӣ (ақида) вуҷуд дорад, зеро аввал шарҳи вай аз тарафи намояндагони Суфия ва танҳо баъд он аз тарафи Салафия дода шуданд. Шарҳи минбаъда (сонӣ) оид ба (доктрина) таълимоти таҳовии имон/ мазҳабаз тарафи Салафия (шайх-ул-Албонӣ ва дигарон) дар масъалаи сифатҳои Аллоҳ миёни тарафдорони намояндагони равияи Суфизм (матуридия, ашъария) ва равияи Салафия ба баҳсҳои тунди илоҳиётшиносӣ боис мегарданд. Ҳамчунин мавзӯи дигари асосии баҳс- масъалаҳои марбут ба гуноҳ ва имон буд.

**Фарқияти байни сунниҳо ва шиъаҳо дар чист (шиъаҳо кистанд?)?**

Тақсимоти мусулмонон ба ин ду фирқа ҳанӯз дар асри 7-дар мубориза барои ба даст гирифтани қудрат,ба вуқӯъ пайваста буд. Он замон дар Хилофат (давлати аз тарафи Паёмбар таъсисшуда, ки қаламрави имрӯзаи Ироқ, Арабистони Саудӣ, Сурия, Урдун ва Фаластинро дар бар мегирифт) Имом Алӣ- охирин аз чаҳор халифаҳои рошидин ҳукмрониву роҳбарӣ мекард. Баҳс миёни мусулмонон марбут ба интиқоли қудрат оғоз шуда буд. Як гурӯҳ чунин назарияи қудратро пешниҳод карданд. Худи ҳазрати Алӣ ба Расули Худо хешии дутарафа дошт: духтари вай завҷаи Расул буд; падараш амаки Паёмбар буд. Ин гурӯҳ мехост, ки ҳамин анъанаро давом додан даркор аст: яъне минбаъд ҳам танҳо наслҳо ё авлодони Алӣ (яъне ҳамзамон авлодони Паёмбар) бояд ба хилофат даст ёбанд. Ин барои сазовор ҳукумат кардани ҳокимон кафолати беҳтарин хоҳад буд. Чунки (ба ақидаи он фирқа) аз хуни Паёмбар будан маънои мерос доштани хусусиятҳои рӯҳии Паёмбарро низ дорад.

Ин гурӯҳ баъдтар чун Шиъаҳо (аз кал. арабии "шиъат-Алӣ"- ҳизби тарафдорониАлӣ) маъмул шуд. Гурӯҳи дигаре исрор мекард: ҳар як аъзои сазовори ҷомеаи мусулмонон метавонад тавассути овоздиҳӣ халифа интихоб шавад- чунон ки худи Паёмбар чунин мегуфт(агар ин ҳоло мебуд, ин принсипро “ҷумҳурихоҳон” меномиданд). Тарафдорони ин фирқаро минбаъд Суннӣҳономиданд- яъне одамоне ки сунна- гуфтаҳои Паёмбар ва пайравони вайро риоямекунанд.

Тақсимшавӣ дар ислом қаблан танҳо табиати сиёсӣ дошт. Танҳо дар охирҳои асрҳои миёна дар муқобилияти Шиъаҳо ва Сунниёнтобиши тамоюли идеологӣ пайдо шуд. Ин ду фирқаҳамдигарро барои фаҳмиши нодурусти ислом айбдор мекардагӣ шуданд ва ҳатто байни онҳо задкхӯрду низоъҳои ҷангӣҳам ба миён омаданд.

Фарқиятҳо байни Шиаву Сунниҳо имрӯзҳо ҳам вуҷуд доранд. Қабл аз ҳама-фарқиятҳои динӣ (теологӣ). Шиаҳо як қисми маълумотеро, ки аз ҷониби Паёмбар расидааст, эътироф намекунанд, зеро онҳо ба баъзе аз манбаъҳои он иттилоот бовар намекунанд. (масалан, ба яке аз занони Паёмбар- Оиша). Дар шиизм инчунин мафҳуми «суннат» мавҷуд нест. Ба ҷои он мафҳуми "ахбор"- яъне хабар аз Паёмбар истифода мешавад.

Боз як хусусияти асосии дигар. Дар шиизм (ташайюъ) аз замонҳои қадим мувофиқи назарияи худашон анъанаи имомдорӣ (пешвоёни динӣ, ки ҳамчун насли Паёмбар дониста мешаванд) мавҷуд аст. Мансаби имом- аз сохтори ҳукумати дунявӣ болотар буда, ҳатто имомон сохторҳои ҳукуматиро назорат мекунанд, ки қонунҳои шариатро риоя кунанд. Ана ҳамин "занҷира" дар асрҳои миёна, ба таври номаълум канда гаштааст. Имоми охирин ва дувоздаҳум- Муҳаммад ҳанӯз дар давари навҷавонияш якбора бедарак ғоиб шуд ва аз ин пас ҳеҷ кас на зинда ва на мурдаи вайро надидаву наёфтаанд. Шиъаҳо инро чунин хулоса карданд, ки Муҳаммадро Худо аз чашми одамон ниҳон кардааст, вале вай то ҳанӯз зинда ва дар байни мардум аст. Маҳз ҳамин "имоми ниҳон"**Маҳдӣ-** паёмбар ва роҳбари мусулмонон хоҳад шуд. Бино ба (эсхатология) охиратшиносии исломӣ (таълимот дар бораи оянда), ҳангоме ки Даҷҷол (Антихрист) меояд, Маҳдӣ барои ҷанг бо вай тамоми мусулмонон ва сипас масеҳиёнро ҳам муттаҳид мекунад. Ва ҳамроҳи Исо (ки аз осмон фуруд меояд) онҳо ин артишро ба Ҳармиҷидӯн- ба ҷанги зидди Даҷҷол мебаранд, ки дар он ҷанг Исо ӯро ба қатл мерасонад. Ба ин нукта сунниҳо ҳам бовар доранд.

Дар иҷрои маросимҳои динӣ ҳам байни шиъаҳо ва сунниҳо фарқиятҳо вуҷуд доранд. Дар маҷмӯъ тақрибан ҳабдаҳфарқият. Масалан, намозҳои панҷвақтаро шиъаҳо метавонанд севақта анҷом диҳанд. (чаҳор вакт намозро ба ду вақт муттаҳид мекунанд). Дар намозхонӣ шиъаҳо ба болои ҷойнамоз як лавҳачаи хурди гилин мегузоранд. Инро шарҳ медиҳанд, ки саҷдаро бояд ба ягон чизе кард, ки онро одам неву Худо офаридааст- яъне замин. Дар матни азон (даъват ба намоз) ҳам шиъаҳо якчанд ибораҳоро илова мекунанд, масалан: "шаҳодат медиҳем, ки Алӣ-ворис-имом (ал Валӣ)-и Худо баъд аз пайғамбар аст".

Дар шиизм ҳамчунин никоҳи муваққатӣ (завоҷу мутъа) низ истифода мешавад, ки дар суннат (ҳаром) манъ аст. Никоҳ миёни сунниву шиъаҳо мантиқан манъ карда нашудааст, вале бо дарназардошти баъзе ҳолатҳо (масалан, сунниҳо доим назорат мекунанд, ки духтаронашон шавҳари шиъа карда бошанд ҳам ба равияи онҳо нагузаранд). Дар амал, чунин издивоҷҳо хеле каманд.Хусусан, дар давлатҳои арабӣ, ки дар он ҷамоаҳои хурди шиа алоҳида зиндагӣ карда, бо дигар қавмҳо омехтанро намехоҳанд. Тазод, аммо дар ислом никоҳ бо намояндагони дигар динҳо аз ин никоҳи байни намояндагони ин ду фирқа сабуктар дониста мешавад.

Шиизм айни замон асосан дар Эрон, Лубнон, Баҳрайн, Ироқ (ва дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ- дар Озарбойҷон, тақрибан 60%-и мусулмононашшиа ҳастанд), паҳн шудааст. Суннизм дар ҳамаи дигар давлатҳои мусулмонӣ- аз уқёнуси Атлантик то Ором бартариро соҳиб аст.

## Мазҳабҳо чиянд?

**Мазҳаб** (калимаи арабӣمذهب)- дар тарҷима маънои "роҳ" ва дар маънои фиқҳӣ- "мактаб"-и фиқҳи қонунҳои Шариати Исломро дорад. Мувофиқи баъзе ақидаҳо 6 мазҳаб вуҷуд дорад. Дар айни замон миёни мусулмонони суннӣ чаҳор мазҳаб паҳн шудаанд: Ҳанафӣ, Маликӣ, Шафеъӣ ва Ҳанбалӣ. Яке аз мазҳабҳои суннӣ Зоҳирӣайни ҳол пурра аз байн рафтааст. Дар миёни шиъаҳо мазҳаби Ҷаъфарӣ хеле маъмул ва паҳншудамебошад.

Дар ибтидо, дар ислом ҳеҷ гуна мазҳабҳо (мактабҳои фиқҳӣ) вуҷуд надоштанд. Онҳо миёни асрҳои 7-12- замоне ки фиқҳ (қонун)-и исломӣ рушди босуръат мекард, ташаккул оғоз карданд. Гап сари он буд, ки Хилофат (давлати аз ҷониби Паёмбар таъсисёфта) босуръат густариш меёфт ва ба ҳайати он кишварҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳои нав ба нав ворид мешуданд. Илм инкишоф меёфт. Зарурати ҳалли проблемаҳои нав ба нав- аз проблемаҳои маишӣ сар карда, то проблемаҳои фалсафӣ ба миён меомад. Зарурати дарёфти роҳу усулҳои нави татбиқи меъёрҳои ислом ба миён омада буд.

Дар суннизм аз ҳама аввал **мазҳаби Ҳанафӣ**ба миён омада буд. Номи худро ин мазҳаб ба ифтихори асосгузори худ Имом Абу Ҳанифа (миллаташ Форс) гирифтааст. Хусусияти хоси ин мактаб он буд, ки дар он ба хулосаҳо ва тарҳҳои мантиқӣ аҳамияти калон дода мешуд. Аз сабаби он, ки қаламрави хилофат хеле васеъ буд, на ҳамаи ҳадисҳои аз Паёмбар мондаба ҳама гӯшаву канорҳои он рафта мерасид. Аз ин рӯ, ҳалли бисёр саволу мушкилотро аз рӯи мантиқ ёфтан зарур мешуд. Мазҳаби Ҳанафӣ бо таҳаммулпазирӣ ва тағйирпазирияш фарқ мекунад: хусусан дар муносибатҳои тиҷоратию молиявӣ ва иқтисодӣ, дар фиқҳ (қонун)- и мурофиавии гражданӣ ва ҷиноятӣ. Мазҳаби мазкур асосан миёни халқҳои ғайри араб паҳн шуд ва имрӯзҳобошад, ба ин мактабмусулмононисуннии Туркия, Покистон, шимоли Ҳиндустон ва Синзянтакйя ва онро риоя мекунанд. Дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тарафдорони мазҳаби ҳанафӣ як қисми мусулмонони Қафқоз (Ингушистон, Карачаево-Черкесск, Кабардину Балкар), Қрим, минтақаи назди Волга, Урал, Сибир (яъне, қариб ҳамаи Русия) ва инчунин Осиёи Марказӣ мебошанд.

Дуюмин **мазҳаби**ба миёномада- **Моликӣ** буд ки бунёдгузори он Имом Молик-ҳамасри имом Абу Ҳанифа буд. Хусусияти ин мактаб дар он аст, ки Молик дар таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣҳам ба андешаву хулосаҳо, ҳам ба мантиқ такйя мекард. Муҳокима дар ин ҷо ба кор намерафт: шогирдон танҳо он чизеро ки имом мегуфт, китобат мекарданд. Ин мактаб имрӯзҳо дар якчанд кишварҳои Халиҷи Форс ва Африқои Шимолӣ (ба ғайр аз Миср ва Судон) пайравонихудро дорад. Мазҳаби мазкур дар масъалаи хӯрок бештар тағйирпазирӣ нишон медиҳад. Масалан, мутобиқ ба мазҳаби Моликӣ он хӯрокае, ки дар матнҳои Қуръон ва суннати Паёмбар ҳамчун ҳаром номбар нашудааст, ҳаром ҳисобида намешавад. Ва барои шароити Африқо, ин мактаб/ мазҳаббештар мақбул аст, зеро он иҷозат медиҳад, ки ҳама чизи дар об шинокунанда ҳамчун хӯрока истифода шавад. Аз он ҷумла қурбоққа, сангпушт, тимсоҳ, ки "макрӯҳ" яъне номатлуб дониста шудаанд, на ҳаром.

**Мазҳаби Шофеъӣ** - пас аз мазҳаби Ҳанафӣ дуюмин мазҳаби дар ҷаҳон маъмул ва калонтарин ба шумор меравад. Пайравони онимрӯзҳо дар Ховари Миёна (Сурия, Урдун, Фаластин ва як қисмати Лубнон); дар баъзе қисматҳои Африқои Шимолӣ (Миср, Судон); дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (Индонезия ва Малайзия) зиндагӣ мекунанд. Дар қаламрави Русия пайравони ин мактаб мусулмонони Доғистон ва Чеченистон мебошанд. Хусусиятиин мазҳаб дар он аст, ки асосгузори он- Имом Шофеъӣ (дар омади гап гуфтан даркор аст, ки вай шогирди яке аз шогирдони Имом Абӯ Ҳанифа буд) ба теъдоди зиёди ҳадисҳои саҳеҳи аз Паёмбар расида (яъне аз санҷиши асолат гузашта)дастрасӣ дошт. Аз ин рӯ, дар мазҳаби мазкур масъалаҳои урфу одатии ислом- хусусан масоили иҷрои намоз хеле нозук дида баромада шудаанд.

Ва, ниҳоят, **мазҳаби Ҳанбалӣ.**Бунёдгузораш Имом Ҳанбал. Пайравонаш асосан дар Арабистони Саудӣ ва баъзе кишварҳои Халиҷи Форс мебошанд.Гуфтан мумкин аст, ки ин мактаб хеле консервативӣ (нигаҳдорандаи шаклу мундариҷаи аслӣ) ва серталаб аст. Он қатъан ба навиштаҳои Қуръон ва суннати Паёмбар такйя мекунад; тарҷимаи таҳтуллафзи онҳоро қабул дорад ва тафсироти онҳо дар асоси ақидаву хулосаҳоро қариб ки роҳ намедиҳад.

Ин чаҳор мазҳабҳои суннӣраванди ташаккулёбии худро қарибиҳои асри 14 ба охир расонданд. Олимониҳуқуқии ҳамаи ин мазҳабҳо (фақеҳон) он замон расман эълон карданд, ки таҳияи фиқҳи исломӣ ба анҷом расонида шуд: яъне ҳамаи саволу масъалаҳо ҳалли худро ёфтанд. Мувофиқи ақидаи бисёре аз донишмандони исломии муосир ин қарори онҳоро иштибоҳи калон меҳисобанд. Фиқҳи исломӣ ҳамон давра ба авҷи аълои рушди худ расида буд.

**Ҳамаи ин чор мактаби суннӣ комилан баробар дониста мешаванд ва ҳар мӯъмин (вобаста аз ақидаҳои фарҳангӣ, қавмӣ ва дигар) ҳуқуқи интихоби ҳар яке аз онҳоро дорад.** Аммо агар мӯъмин якеро интихоб кард, минбаъд аз як мазҳаб ба мазҳаби дигар муроҷиат кардану гаштан- ҳатто дар масоили ҷузъӣ ҳам маслиҳат нест. Ҳарчанд баъзе истисноҳо ҳам мавҷуданд: масалан, пайравони мазҳаби Шофеъӣ ҳангоми ҳаҷ ба пайравии

мазҳаби Ҳанафӣ майл мекунанд (тибқи мазҳаби Шофеъӣ агар дасти касе ба қисмати урён/ белибоси бадани дигар кас расад- масалан дасти занон ва мардон, таҳорат мешиканад).



**Ғояҳои асосии ин қисмат**

**1**. Таърихан, сабаби ба қисмҳо ҷудо шудани уммати ислом ба масъалаҳои ақидаву усули дин (догма) не, балки ба масъалаи тартиби интиқоли ҳукумат дар хилофат марбут буд (асри VII). Баҳсҳои ақидавӣ ва усулӣ нисбатан дертар оғоз шудаанд. Секта ё фирқаи аввалини ҷудоихоҳ Ҳориҷиён буда, баъдтар Сунниҳо ва Шиъаҳо аз худ дарак доданд.

**2.**Асоси дини исломро яктопарастӣ- имон ба Аллоҳ, ҳамчун ба Худо- Офаридгори ягона ташкил мекунад. Инкори бисёрхудоӣ (ширк) дар ибораи зерин ифода ёфтааст: “Ғайри Аллоҳ ягон худои дигар нест” (Ло Иллоҳа-ил-Аллоҳ»). Худо ҳама мавҷудотро офаридааст. Ӯ қодир, олими ҳама кор, бемакон (яъне дар ҳама ҷо) ва соҳиби мутлақи дунё аст, ки табиат ва ҷомеаро идора мекунад. Дар фарқият аз ақидаи масеҳиён, ки Худоро сегона медонанд, Ислом ба ақидаест, ки Худо ҳеҷ шарик надорад.

**3**. Ҳамаи ин чор мактаби суннӣ комилан баробар дониста мешаванд ва ҳар мӯъмин (вобаста аз ақидаҳои фарҳангӣ, қавмӣ ва дигар) ҳуқуқи интихоби ҳар яке аз онҳоро дорад.

## 3.2. Радикализатсияи динӣ: экстремизм ва терроризм

**Вазифаҳоимашғулият**

1. Иштирокчиён оид ба мафҳумҳои экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм, алоқамандии миёни онҳо ва аломатҳои онҳо фаҳмиш пайдо мекунанд;
2. Иштирокчиён оид ба мафҳуми ҳуқуқӣ: меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ дониш мегиранд;
3. Иштирокчиён муайян кардани нишондиҳандаҳои ифротгароӣ ва террористиро меомӯзанд.



**Мундариҷаи маводи асосӣ**

**1. "Экстремизм", "радикализм", "терроризм":** ҷанбаҳои консептуалӣ ва ҳуқуқӣ. Истилоҳи "экстремизм" дар солҳои охир дар фазои иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Бисёр мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ, (криминология) ҷурмшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва мардумшиносӣ (этнология) кӯшиш мекунанд, ки моҳияти ин падидаи хатарноки ҷамъиятиро фаҳманд ва мафҳуми онро муайян созанд. Бо вуҷуди ин, кӯшишҳои бисёркаратаи солҳои охир ки барои ошкор кардани моҳияти экстремизм (ифротгароӣ) ба амал бароварда шуданд, чун пештар баҳсбарангезанд. Ин вазъиятро фарқияти байни кишварҳо дар истифодаи ин мафҳум; ҳамроҳ бо мафҳуми экстремизм истифода бурдани сифатҳо аз қабили ифротгароии ҷангхоҳ ё ифротгароии хушунатӣ; радикализм ва терроризм мураккабтар гадондааст.

Калимаи ***"экстремизм"*** аз забони лотинӣ- маънои “аз ҳад зиёд/ ифрот”-ро медиҳад. Луғати тафсирии забони русӣ (С.И.Ожегов)баромади калимаи "экстремизм"-ро аз решаи калимаи лотинии “*extremus*”, ки “ифрот” ё “аз ҳад зиёд” тарҷима мешавад, дониста, шарҳ медиҳад, ки маънои экстремизм- ҷонибдории ақидаҳои тунд, асосан дар соҳаи сиёсӣ[14] аст. Дар луғати забони англисииОксфорд (Oxford English) калимаи "экстремист" шахсеро мефаҳмонад, ки нуқтаҳои назари тунд ё ифротии сиёсӣ ва диниро ҷонибдор аст. Луғати Кэмбриҷ "экстремист"-роҳамчун шахсе, ки ақидаҳои вай беасос ва ба аксарият қабулнашуданиянд, маънидод кардааст.

[14]Луғати тафсирии забони русӣ/ таҳти таҳрири С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. –М., 2003. саҳ. 908.

Экстремизм - мафҳуми сермаъно ва чун дигар мафҳумҳо, нисбӣ мебошад. Дар маънои умумӣ, экстремизм ин- ҳама гуна ифрот (ба ҳадди аъло расидан)-ест ки аз ҳадди эътирофи умум ва мақбули умум баромадааст. Он дар шаклҳои зиёд зуҳур меёбад. Равия ё тамоюлҳои экстремистиро дар сиёсат, фалсафа ва фарҳанг дидан мумкин аст. Ҳамчунин мусиқии экстремистӣ ва намудҳои экстремистии варзиш ҳам маъмуланд. Дар ҳама ҳолат, экстремизм-ин ҳад ё ҳудуд аст. Яъне нисбат ба миёна ва ё марказ-муқобил. Хусусияти хоси "экстремизми сиёсӣ"- самти равиши вай аст, ки ба дигар кардани сохтори давлатӣ бо роҳҳои ғайриқонунӣ ва истифодаи зӯр/ қувва нигаронида шудааст. Хусусиятҳои хоси "экстремизми динӣ" инҳо дониста шудаанд: таҳаммулнопазирӣ нисбати намояндагони дигар динҳо, тарафдории ақидаҳои тунди динӣ, инкори дигар идеалҳо ва ақидаҳо. Зери мафҳуми "ифротгароии миллӣ"-бо роҳи зӯроварӣ ҳимояи манфиатҳои як миллатва помол кардани ҳуқуқҳои қавмидигар фаҳмида мешавад[15].

Дар забони русӣ инчунин мафҳуми дигаре бо номи "радикализм" васеъ истифода мешавад. Луғатҳои мухталиф мафҳуми “радикализм”-ро чунин муайян мекунанд[16]:

- Маҷмӯи ақидаҳои сиёсӣ ва амалҳое, ки ба тағйирёбии радикалӣ (пурраи)-и сохторҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ равона шудаанд;
- (Аз лотинӣ"radio”- бунёдӣ/ решавӣ)- Кӯшиш ва майл ба чораҳои қатъӣ ва қарорҳои шадид;
- Принсипи ҷамъиятӣ- сиёсӣ, ки дар асоси он тарафдорони фаъолият ва ақидаҳои шадид ва қатъӣ муттаҳид мешаванд.

Дар ибтидо ин истилоҳ нисбати ҳаракатҳои мӯътадилиислоҳталабонае истифода мешуд, ки хамчун натиҷа дар ҳамзамонони худ таассуроти қавӣ мегузоштанд. Дар истифодаи муосир радикализм пеш аз ҳама маънои кӯшиши аён ва қавӣ барои пешбурди ғояҳои бунёдӣ, ва гузашта аз он, ба усулҳои расидан ба онҳо ва ҳамчунин, амалҳои ба ин ғояхо (идеяҳо) алоқамандандро дорад. Бо вуҷуди ин, на ҳама одамоне, ки худро радикал меноманд, дар асл чунинанд.

Чуноне ки аз таърифи дар боло додашуда аён мешавад, мафҳумҳои экстремизм ва терроризм амалан (тавъам) монананд. Дар адабиёти русзабон "ҷиҳати мӯҳтавоӣ ё мундариҷавӣ"-и ақидаҳо (-и бунёдӣ, шадид/ тунд, ҳарчанд на ҳама вақт ифротӣ) дар мадди аввал истода, усулҳои татбиқи онҳо дар мавкеи дуюм ҷой гирифтаанд[17]. Дар ин росто, радикализм дар фарқият аз экстремизм, ки ҳамеша амалӣ ва на ҳамеша назариявӣҳисобида мешавад, танҳо (ғоявӣ) "идеологӣ" ба назар мерасад. Шакли аз хама тунди радикализм- терроризм аст. Дар забони англисӣ радикализм на ҳамчун падидаи мустақил, балки ҳамчун раванде ки ифротгароӣ (экстремизм) ба самти экстремизми зуроварӣ ва терроризм мебарад, дониста мешавад.

Экстремизм дар санадҳои байналмилалӣ бори нахуст соли 1994, дар робита бо терроризм истифода шудааст. Қарори Ассамблеяи генералии СММ аз 22 декабри соли 2003, тахти рақами 58/174 ба экстремизм ҳамчун ба таҳдиди ҷиддӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва тартибот дар ҷаҳон характеристика/ тавсифи сифатан нав медиҳад. Бо вуҷуди ин, ахиран мубориза бо ифротгароӣ дар фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид самти нисбатан мустақилро соҳиб шуда истодааст.

Қарорҳои таи чор- панҷ соли охир дар ин самт қабулнамудаи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз қаблиҳо бо он фарқ мекунанд, ки дар онҳо як навъи нави

---

[15]Абашидзе А.Х., Мельшина К.Ю. Мубориза бо ифротгароӣ: масъалаи доғи рӯзномаи СММ//маҷаллаи ҳуқуқии Евразия– https://www.eurasialaw.ru/index.php?option=com_content&view=мақола/ article&id=8223:2016-06-20-08-20-31&catid=109:2010-06-17-09-48-32

[16] Радикализм //Луғатҳо ва энсиклопедияҳо дар Академика – https://terror.academic.ru/64/%D1%80%D0%B0%D0%B4%D0%B8%D0%BA%D0%B0%D0%BB%D0%B8%D0%B7%D0%BC

[17]Ольшанский Д.В. Психологияи терроризм. 2002 – http://texts.news/cotsialnaya-psihologiya-knigi/radikalizm-26481.html

экстремизм- ки бо забони англисӣ "ифротгароии ҷангҷӯӣ" ё "ифротгароии зуроварӣ" алоҳида қайд шудааст. Барои мисол, қатъномаи Ассамблеяи генералии №68/127, ки 18 декабри соли 2013 қабул шуда, унвони «Ҷаҳон бар зидди хушунат ва ифротгароии зуроварӣ"-ро гирифтааст, аввалин санади СММ ба шумор меравад, ки танҳо ба мубориза бар зидди экстремизм бахшида шудааст.

15 январи соли 2016 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ «Нақшаи амалиёт оид ба пешгирии ифротгароии ҷангӣ» қабул ва тасдиқ карда шуд. Дар санади мазкур қайд шудааст, ки "экстремизми ҷангӣ як падидаи бисёрҷабхаест, ки тавсифи ягонаву дақиқ надорад". Дар доираи Шӯрои Аврупо оид ба мубориза бо ифротгароӣ соли 2015 Нақшаи чорабиниҳо оид ба мубориза бо ифротгароии ҷангӣ ва радикалишавӣ, ки боиси пайдоиши терроризм шуда метавонад, таҳия карда шуда буд.

Санади ҳуқуқӣ- байналмилалии аввалине, ки давлатҳои аъзо, аз ҷумла Тоҷикистонро барои мубориза бо ифротгароӣ ӯҳдадор мекунад, Ахднома (Конвенсия)-и Шанхай оид ба мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ (сепаратизм) ва ифротгароӣ (экстремизм)-и СҲШ аст, ки 15 июни соли 2001 қабул карда шудааст. Ин ҳуҷҷат ҳамчун кӯшишест, ки кишвархо барои мубориза бо таҳдидҳое ба монанди "терроризм" ва "экстремизм" кардаанд. Дар он хамчунин алоқамандии миёни ин намудхои ҷиноят таъкид шуда, кӯшиши шарҳу тафсири ин мафҳумҳо ба ҷо оварда шудааст. Мутобиқи санади мазкур таҳти мафҳуми "экстремизм" маънои зерин фаҳмида мешавад:

***"Амалиёте ки ба ғасби маҷбурии ҳукумат ва ё бо зӯрӣ нигах доштани он, инчунин ба тағйири сохти конститутсионии давлат ва мутобиқан, ба қасди зӯракӣ халалдор кардани амнияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла бо мақсадҳои дар боло зикргардида ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва ё иштирок дар онхо, ки мутобики конунгузории миллии Тарафҳо (-и аъзо) ҳамчун амали ҷиноӣ дониста шудаанд".***

### 2. Нишондиҳандаҳои идеологияи экстремистӣ (исломгароӣ) ва ҷиходгароӣ[18]

Идеологияи (ифротӣ) экстремистии (радикалии) қисмати сиёсии ислом бо даъвати таъсиси давлати исломӣ, дар шакли халифат на дар шакли давлати дунявӣ, бунёд ёфтааст. Ва ин қабил даъватҳо тавассути ҳама воситахои имконпазир, аз ҷумла ВАО-и муосир, дар шаклҳои гуногун, вале бештар дар шакли матн паҳн карда мешаванд. Аз ин рӯ, бояд дар хотир дошт, ки:

- Идеологияи экстремистӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё (додгох) судиро ҳамчун муртад (мусулмононе, ки аз ислом баромадаанд ва бояд нобуд карда шаванд) намехисобад;
- Нисбати диндорони дигар хукми такфир намебарорад (онхоро маҳкум намекунад);
- Нисбати дигар мазхабхои динӣ зӯроварӣ ё нафратро тарғиб намекунад;
- Хосияташ он аст, ки қонунгузории дунявии миллӣ, табиати дунявии давлат ва системаи демократии ҳокимиятро эътироф намекунад;
- Ҳадафаш - бо роҳи эволютсионӣ (сулх) дигар кардани низоми ҳуқуқӣ ва сиёсии давлат буда, дар мавриди имконпазир, истифодаи усули инқилобӣ ва зӯроваронаи дигар кардани сохти конститутсиониро ҳам истисно намекунад;
- Дар тарғиботи худ ба дигар кардани сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзии давлат даъват мекунад. Дар айни замон, дар тарғиботи ошкори худ оид ба таъсиси давлати исломии сохти хилофат ё аморат, ҷиход ё ҷанги мусаллаҳонаро бар зидди мақомоти ҳокимияти давлати дунявӣ, дигар мазҳабҳо ё гурӯҳҳои этникӣ раво намедонад;
- Арзишҳои дунявии ҷомеа, демократияро қалбакӣ эълон мекунад;

[18] Дастурамалиметодӣоид ба доир намудани экспертизаи диншиносӣ ва психологӣ- лингвистии судии комплексӣ.– Бишкек, Макспринт, – 2017.

- Аз худ кардан (халъ)-и маҷбурии дороиҳои моддӣ ва молиявиро дар шакли роҳзанӣ ва ғорату дуздӣ (амалиёт) раво намедонад;
- Пинҳон кардани эътиқоди шахсӣ (туқайё) ё бо мақсади аз воқеият дур кардани атрофиён истифода кардани воситаҳои манънамудаи Шариат (рухса)-ро дуруст намешуморад;
- Ба кӯчонидани мусулмонон ба кишварҳои исломӣ ё сафарбаркунии онхо ба минтақаҳои мунокишахои мусаллаҳ (Ҳиҷра) даъват намекунад.

Барои муайян кардани идеологияи ҷиҳодӣ- такфирӣ аломатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- Идеологияи ҷиҳодӣ- такфирӣ ақида, даъват ва усул (манҳаҷ)-и худро рост ва ҳамаи дигар мазҳабхо, равияхо, гурӯҳҳо ва ҷомеаҳои мусалмононро гумроҳ ё нодуруст мешуморад;
- Ин гуна идеология давлати дунявӣ ва демократиро инкор мекунад. Дар баробари ин, тамоми кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти судӣ хамчун мусалмононе дониста мешаванд, ки аз Ислом баромадаанд  ва бояд ҷисман нобуд карда шаванд (муртадон);
- Дар нисбати онхое, ки ба идеологияи онхо норозиянд ва онро қабул намекунанд, хукми кофирӣ (такфир) мебароранд. Дар ин маврид, оилаҳо ва амволи онҳо ҳуқуқи дахолатнопазириашонро гум мекунанд;
- Инкори арзишҳои анъанавӣ ва миллӣ (бароъа), инкори ҷомеаи дунявӣ, буридани робитахои оилавӣ ва равобити хешутаборӣ бо касоне, ки ин идеяҳоро қабул надорад, талаб карда мешавад. Даъват карда мешавад, ки ба ҷомеаи дунявӣ ва давлат тарафдорӣ карда нашавад (гуробо);
- Баъзан, даъватҳо барои бадбинӣ ва истифодаи зӯроварӣ нисбат ба ҳаракатҳои дигари динӣ ба амал оварда мешаванд;
- Мақсад гузошта мешавад, ки бо зурӣ сохти конститутсионии давлат дигар карда шавад;
- Даъватҳо барои ҷиҳоди мусаллаҳона ва зери шиорҳои динӣ ба минтақаҳои мунокиша рафтан паҳн карда мешаванд;
- Ба ҷонибдоронашон даъват мекунанд, ки ба минтақаҳои таҳти назорати гурӯҳҳои террористибуда кӯчанд (ҳиҷра). Онҳо ҷаҳонро аз ду қисмат мебинанд: кишварҳои ҷанг(овар) (Дор-ул- ҳарб) ва кишварҳои исломӣ (Дор-ул- ислом).

**Сабабҳо барои радикализатсия**. Омили пешбарандаи ифротгароии зӯроварона "омилҳои дуркунанда" ва "омилҳои ҷазбкунанда" мебошанд (ба ҷадвали зер нигаред)[19]. "Омилҳои дуркунанда" аз шароитҳои сохторӣ дар кишвар пайдо мешаванд, ки одамонро ногузир ба самти экстремизми зӯроварона (ё хушунатбор) мебаранд- яъне шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ. Омилҳои«ҷалбкунанда» ҳам дорои аҳамияти калонанд. Онҳо барои истифодаи хушунату зӯроварӣ ё ҳамроҳ шудан ба созмонҳои экстремистӣ таъсир мерасонанд.  Онҳо метавонанд дар шакли шабакаҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои шахсӣ, таъсири раҳбари пешсафу бонуфуз, манфиатҳои модддиву иҷтимоии ба туфайли аъзогӣ дар гурӯҳи экстремистии зӯроварона бадастмеомада ва ё ақидаҳои ҷолиб зоҳир ёбанд.

| **Омилҳои “дуркунанда"** | |
| --- | --- |
| ***Ангезаҳои сиёсӣ:*** | • Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ;<br>• Вайрон кардани ҳуқуқҳои инсон;<br>• Фасод ва аз қонун берун зиндагӣ кардани табақаҳои |

[19]“Дастур оид ба ангезаҳои экстремизми зуроварона” (http://pdf.usaid.gov/pdf_docs/Pnadt978.pdf )

| | |
|---|---|
| | дорои маҳаллӣ;<br>• Минтақаҳои суст ва тамоман идоранашаванда;<br>• Мавҷудияти муноқишаҳо (-и хушунатбор);<br>• Ҳукуматҳои худкома, ки мухолифини суст доранд ё тамоман надоранд. |
| ***Ангезаҳои динӣ:*** | • Фаҳмиши манфӣ нисбат ба дин;<br>• Зарфияти заифи рӯҳониён;<br>• Такйя ба сарчашмаҳои “кӯҳна”;<br>• Ба табақаҳо ҷудо кардани ҷамъият;<br>• Бесаводии динӣ/мазҳабӣ. |
| ***Ангезаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ:*** | • Таъмини нокифояи хадамоти иҷтимоӣ;<br>• Идоракуниимаҳаллии заиф;<br>• Кандашавӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ;<br>• Камбизоатӣ;<br>• Муҳоҷират. |
| **Омилҳои “ҷазбкунанда":** | • Мавҷудияти роҳбари пешсафу бонуфуз,<br>• Шабакаҳои иҷтимоӣ;<br>• Муносибатҳои шахсӣ;<br>• Манфиатҳоимоддиву иҷтимоӣ;<br>• Ақидаҳоиҷолиб |

**Ғояҳои асосии ин боб/қисмат**



1. Олимон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз ҳам сари шарҳи мафҳуми “экстремизм” баҳсу мунозираро ба охир нарасонидаанд. Дар таҷрибаи Осиёи Марказӣ ва Русия экстремизмро ҳамчун ҷонибдорӣ аз ақида ва амалҳои муайян мешиносанд. Амалияи байналмилалӣ бошад, онро ҳамчун ҷонибдорӣ танҳо аз ғоя (идея) медонад. Дар айни замон махсус қайд карда мешавад, ки гуногунандешӣ дар ҷомеаи демократӣ метавонад ҷонибдорӣ аз фаҳмишҳои ифротгароиро дар бар гирифта, онро ҷиноят нашуморад. Барои ҷазо додан ва ба ҷавобгарӣ кашидан ***мавҷудияти амалҳои зӯроварона*** ва ё даъват ба чунин амалҳо асос шуда метавонад. Аз ин рӯ, чунин ифротгароӣ (экстремизм)-ро аз зуҳуроти шаклҳои зӯроваронаи он ҷудо донистан зарур аст.

2. Дар айни замон, ҳатто дар системаи Созмони Милали Муттаҳид, ягон таърифи дақиқи “экстремизм” вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, истилоҳи "экстремизм ё ифротгароии ҷангӣ/ зӯроварона", ки дар қарорҳои Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, Шӯрои Амнияти СММ ва ҳуҷҷатҳои Шӯрои Аврупо дида мешаванд, васеъ истифода карда мешавад.

3. Ташкилотҳои экстремистии исломӣ, ҳамчун қоида, дар заминаи таъсиси ғайризӯроварии хилофат асос ёфтаанд. Ташкилотҳои террористӣ (такфирӣ ва ҷиҳодӣ) бошанд, истифодаи зӯроварӣ ва террорробарои ба даст овардани мақсадҳои худ истисно намекунанд.

4. Омилҳои пешбарандаи ифротгароии зӯроварона дар худ таъсири якҷояи омилҳои "дуркунанда” (аз қабили шароитҳои«сохторӣ»-и кишвар, ки нисбати экстремизми зӯроварона муносибати гарм эъҷод мекунанд)ва омилҳои "ҷалбкунанда"-ро, ки бевосита ба истифодаи зӯроварӣ ё ҳамроҳшавӣ ба созмонҳои экстремистӣ муассиранд, муттаҳид менамоянд.

## 3.3.Идеологияи гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ

**Вазифаҳои машғулият**

1. Аз худ намудани аломатҳои асосии идеологияи (ифротгароӣ) экстремистӣ-террористӣ;
2. Фаҳмидани асосҳои идеологии экстремизм ва терроризмидинӣ ва сиёсӣ;
3. Ташаккули қобилияти истифодаи малакаҳои азхудкардашуда ҳангоми кор бо маҳкумшудагон аз ҷумлаи аъзоёни ташкилотҳои динӣ- экстремистӣ.

**Мазмуни асосии мавод**

1. **Аломатҳои идеологияи экстремистӣ-террористӣ**

- Тарҷимаи таҳтуллафз. Қуръон ва суханони Пайғамбар (бе шарҳ) таҳтуллафз, вобаста аз дараҷаи фаҳмиши муфассир, бе назардошти муҳити таърихӣ ва иҷтимоию сиёсӣ,маънидод карда мешаванд.
- Таҷсим (ҳамчун бадан ё ҷисм тасаввур кардани Аллоҳ). Пайравони ин равия мегӯянд, ки Аллоҳмафҳуми моддӣ ва ҷисмонӣ аст; дар боли Арш (Курсӣ) ҷойгир аст; дастҳо, пойҳо, рӯй ва узвҳои дигари бадан дорад. Дар фазо ҳаракат мекунад. Бо вуҷуди ин, онҳо қайд мекунанд, ки Вай ба ягон чиз ва ба ягон кас монанд нест.
- Фанатизм (мухлисии шадид). Онҳо ҳамаи мусулмононро гумроҳ ҳисоб мекунанд. Ягон фикру равияи дигарро қабул надоранд (худро баргузида ва наҷотёфта мешуморанд).
- Ҳадису гуфтаҳои саҳобагони Пайғамбар ва шахсиятҳои маъруфи исломро эътироф намекунанд. Танҳо шайхҳои худро, ки ба ваҳҳобия пайраванд, эътироф мекунанд.
- Мазҳабҳоро инкор мекунанд.
- Ҳамаи навовариҳои муосирро бидъат (навгонии зараровар) мешуморанд; ташрифу зиёрати қабристон ва эҳтироми бузургонро бутпарастӣ меҳисобанд.
- Худро ваҳҳобӣ намеҳисобанд, вале салафӣ меноманд. Нисбати равияҳои суфия ва шиъа муносибати хеле манфӣ доранд.

2. <u>Асосҳои идеологии экстремизм ва терроризми диниву сиёсӣ:</u>

- Ҷиҳод ва такфир (мусулмонони дигарро беимон эълон намудан);
- Эътирофнакардани давлати дунявӣ;
- Даъватбарои тағйир додани сохти конститутсионӣ;
- Даъватба сохтани хилофат дар асоси шариат бо роҳи сулҳ ва ё зӯрӣ;
- Тарҷумаи таҳтуллафзи оятҳои Қуръон.

3. <u>Идеологияи ҷиҳодӣ - такфирӣ (идеологияи ДИИШ, Ал-Қоида, Ҷайш-ул Маҳдӣ, ва ғайра</u>)

- Яке аз нуқоти асосии идеологияи ваҳҳобизми такфирӣ-ҳавасмандкунӣ ва ё гиромидории амалиётҳои тeрррористӣ тавассути худқурбонкунӣ(истишҳод) ба шумор меравад.
- Кӯшиш намудан ба ҳалокат дар ҷанг (ҷиҳод);
- Барои ба мақсад расидан хар восита раво аст (яъне дар ҷиход чизҳои шариат манъкарда ҳам иҷозат дода шудааст);
- Туқия (рухса) бо мақсади фиреби кофирон ва муртадон иҷозат дода мешавад;
- Онҳо салоҳияти судҳои дунявироневутанҳо додгоҳи шариатиро эътироф мекунанд;
- Имконияти дӯстӣ бо намояндагони дигар динҳоро рад мекунанд;
- Қонунҳо ва муқарраротии худро ҳар сол иваз ва тағйир мекунанд;

- Риоя карданиин тағйирот хеле мушкил аст. Умумияти ин тағйиротҳо он аст, ки дар ҳамаи онҳо хашму нафрат мавҷуд аст (боқӣ мемонад).

4. <u>Такфириҳо</u>

- Куштан, ғорат кардан, ба асирӣ гирифтан ва ҷанг кардан зидди беимонҳо (аз ҷумла мусулмононе, ки фикру ақидаҳои онҳоро пайравӣ намекунанд) иҷозат дода шудааст;
- Ҷангизидди давлатҳои номусулмониро вазифаи худ медонанд, ҳатто агар ин ватани худи онҳо бошад;
- Ҳамаро, аз ҷумла мусулмононроҳам, ки бадавлати кофирон (аз ҷумла давлати дунявӣ) хизмат мекунанд, душман ва кофир меҳисобанд. Махсусан, полис ва ҳарбиёнро;
- Такфир, амалиёт, тукйя ва хунрезӣиҷозат дода мешавад.



**Такфир** – аз Ислом баровардан (беимон ҳукм кардан).

Туқйя - пинҳон кардан. Дар шиизм барои пинҳон кардани ниятҳои ҳақиқӣ ва мазхаби худ дар муҳити бегона (миёни душманон) васеъ истифода мешавад.

5. <u>Хусусиятҳои берунӣ:</u>

- Сифати ҳатмии экстремист- ин риши вай аст (дар фарқият аз дигар мусулмонон, ки риш доштан ё надоштанро танҳо хуб мешуморанд, ваҳҳобиҳо чунин мешуморанд, ки риш мондан масъулияти ҳар як мард аст).

(Гарчанде, ки вақтҳои охир, барои худро ошкор накардан, метавонанд бо риши кӯтоҳ гарданд ва дар баъзе ҳолатҳатто тамоман бериш бошанд).

- Вақте ки сохторҳои амниятӣ (кудратӣ) ба онҳо фишор меоранд, онҳо осон зери ниқоб мераванд, тарзи рафтору суханрониашонро дигар мекунанд ва миёни дигар мусулмонониоддӣдаромада, дар байни онҳо ташвиқоти пинҳонӣ пеш мебаранд.
- Шимҳоикӯтоҳ(почааш аз буҷулаки пой боло) мепӯшанд;
- Мӯйсарашонро тамоман метарошанд ё бо мӯи кӯтоҳ мегарданд. Ё баръакс, мӯйҳои дароз мемонанд;
- Метавонанд бо либосҳои покистонӣ ва ё афғонӣ гарданд (бошанд);
- Тарзи ибодаткуниашон аз мусулмонҳо фарқияти назаррас дорад;
- Дармасҷид (чун дигар мусулмонон) тоқӣ намепӯшанд ва тасбеҳ намегардонанд.

**Ҷиҳод аз нуктаи назари гурӯҳҳои ҷиҳодӣ[20].** Дар давоми тамоми мавҷудияти ин мафҳум-сар карда аз даврони Пайғамбар ва ташаккули дини мусулмонӣ миёни обидони мусалмон (мутакаллимон), хаёлпарастон (суфиён) ва фақеҳон (ҳуқуқшиносони исломӣ) фаҳмишу шарҳҳои гуногуни консепсияи «ҷиҳод» маълум буд. Аз ҷумла, дар айни замон низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки нисбати ин мафҳум ҳанӯз ҳам фахмиши ягона ташаккул наёфтааст. Энсиклопедия/ донишномаҳои классикӣ, тадқиқотҳо оид ба ҷиҳодро (вобаста ба самт ва соҳаи равияҳои динӣ) аз назар гузаронда, дидан мумкин аст, ки шарҳҳои гуногуни маънои «ҷиҳод» вуҷуд доранд.

Барои мисол, дар фиқҳи шариати исломӣ (Ал-фиқҳ), мафхуми «ҷиҳод» ҳамчун ҷанги муқаддас бар зидди ҷомеаҳои ғайри исломӣ барои паҳн кардани ислом фаҳмида мешавад (нигаред ба ибни Қоим-ал-Ҷоузӣ, Ҷомеъ-ул Фиқҳ); дар фарҳанги исломии суфиён (ат-тасаввуф) мафҳуми «ҷиҳод» ё «муҷоҳида» маънои мубориза бо нафси худро дорад; Дар

[20]Челидзе Р., Денисенко Ю. Ҷабҳаҳои таърихии пайдоиши равияҳои суннӣ ва гурӯҳҳои радикалӣ. Дафтари корӣ. – Актобе, 2017.

илоҳиётидогматикӣ (илми Калом) "ҷиҳод" танхо маънои кӯшишу ғайрат дар даъвати одамон ба дини ҳақро дораду халос.

Дар энсиклопедияи забоншиносии Ал-Ҷурҷонӣ, дар тафсири ӯ мафҳуми ***«қитол»***маънои ***қасдан ва ё бе қасди пешакӣ куштанро дорад; «ҷиҳод» бошад, ҳамчункӯшишу ғайрат дар даъвати одамон ба дини ҳақ***шарҳ дода шудааст. (Нигаред ба Таърифот).

Сураву оятҳои Қуръонӣба ду қисм тақсим мешаванд: оятҳои мадинӣ ва маккӣ. Қариб ҳамаи оятҳои Қуръон, ки дар онхо дар бораи ҷиход гуфта шудааст, оятҳои МАККӢ мебошанд. Дар ягон сура ва ё ояти маккӣ дар бораи ҷанг ё задухӯрдҳои ҷисмонӣ сухане нест. Қайд кардан зарур аст, ки дар давраи маккии пайғамбарӣ ягон боре миёни мусалмонон ва ғайри мусалмонондаргириҳо ба вуқӯъ наомада буданд. Пайғамбарӣ дар Макка дар худ бештар табиати даъват ба дин ва даъват ба бартараф намудани мушкилоти дар роҳи даъват ба миёнмеомадаро дошт.

Масалан, дар ояти 52 сураи маккии Ал-Фурқон чунин омадааст: «Ба кофирон итоъат макун ва бо онҳо ҷиҳоди бузург кун". Оёти мадиние ки дар худистилоҳи «ҷиҳод» доранд, мутобиқи тафсири имом Ал- Матуридӣ, танҳо ба маънои ҷидду ҷаҳд ва кӯшиш кардан омадаанд. Дар оёти мадинии Қуръон бештар мафҳуми «қитол»-ро дидан мумкин аст. Масалан, дар ояти 190 сураи ал-Бақара чунин омадааст: ***“Ва дар роҳи Худо бо касоне, ки бо шумо ҷанг мекунанд, ҷанг кунед, вале аз ҳад (-и ҷоиз) нагузаред ...”;***ва ё масалан,дар ояти 20 сураи Муҳаммад: ***«Ва муъминон мегӯянд: чаро (дар боби ҷиход) сурае нозил нашуд! Пас чун сурае муҳкам нозил шавад ва дар он “ҷанг” зикр карда шавад, ононро, ки дар дилашон маразест, бибинӣ, ки монанди назар кардани касеки ба сабаби расидани марг ба ӯ беҳушӣ расида бошад, ба сӯи ту менигарад. Пас, вой бар онҳо”.***

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо ба хулосаемеоем, ки табдили мафҳуми аслан маккии «ҷиҳод» ба мафҳуми аслаш мадинии “қитол” маҳсули мушкилоти забонӣ ва истилоҳотӣбуда, ба фақеҳон ва забоншиносони мутахассиси забони арабӣсаволҳои зиёд пеш меорад.



**Ғояҳои асосии ин қисмат**

1. Ҳангоми муайян кардани узвият ва ё мансубияти касе ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва ё ҷиҳодӣ танҳо ба нишонаҳои берунӣ (либос, мавҷудияти аломатҳои динӣ, тарзи иҷрои фароизи динӣ ва ғайра) такя кардан хатост. Санҷишу мушоҳидаи ҳамаҷонибаро ба кор бурда, дар муоширати бевосита таҳқиқ кардан даркор аст, ки ҷаҳонбинии диниаш (идеология, муносибатшбо ҳокимияти дунявӣ, бо рӯҳониёни анъанавӣ, бо қонунҳои дунявӣ ва ғайра)чӣ гуна аст.
2. Аксар вақт ҳадафи хам равияҳои экстремистӣ ва хам ҷиҳодӣ-такфирӣяк аст (масалан, таъсиси хилофат), аммо ҳар яки онҳо метавонанд расидан ба худи хамон як ҳадафро тавассути идеология ва усулҳои гуногуникор ба нақша гиранд. Ин метавонад дар барномаҳои барои баргаштан аз радикализатсия ва рӯ гардондан аз хушунат (гузариш аз равияи ҷиҳоду такфирӣ ба экстремистӣ ва монанди ҳамин) истифода шавад.
3. Дар кормандоне, ки бо ин категорияи маҳкумшудагон кор мекунанд, тавассути омӯзиши заминаи таҳлилӣ (-и худошиносӣ), далелҳои тасдиқӣ ва радкунандаи далелҳои гурӯҳҳои террористӣ, «устувории идеологӣ»-ро ташаккул додан муҳим аст.

**ЗАМИМА**

**Саволҳо**

**барои мусоҳибаҳо бо маҳкумшудагон**

(Ҷавобхо ба саволҳои зерин барои тартиб додани портрети ичтимоии шахси маҳкумшуда маълумоти умумиротаъмин менамоянд;омилҳои таҳрикдиҳандаро барои ворид шудан ба ташкилотҳои тахрибкор ва ғайра муайян мекунанд. Гирифтани **розигии пурраи мусоҳиб**барои мусоҳиба шарти аз ҳама муҳим аст)

**Кисми 1. Азнавсозии ҳаёт**

1. Лутфан, дар бораи худ ва зиндагии худ то ба ин лаҳза каме маълумот медодед? Масалан: синну сол, вазъи оилавӣ, маълумот.
2. Соҳаи фаъолият.Чӣ дониш ва малакаҳо доред? Шумо чӣ кор карда метавонед? Шумо бокадом забонҳо гап зада метавонед?
3. Оё шумо солҳои охир намуди фаъолияти асосии худро иваз кардаед? Чӣба ин сабаб шуд?
4. Оё шумо дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа будед?
5. Хангоми боздошт шумо дар куҷо зиндагӣ мекардед? Ғайри он ҷо боз дар куҷоҳо зиндагӣ кардаед?
6. Вазъи молиявии шумо чӣ гуна буд? (ҳатто барои ғизо хам пул намерасид; пул барои хӯрока ва чизҳои аввалия мерасид; хариди аксар молҳо бе мушкил мумкин буд;норасоии молӣ надоштед; ҷавоби ин савол ба ман душвор аст).
7. Нақши дин дар ҳаёти шумо чӣ гуна буд ва оё дин ба ҳаёти шумо ягон тағйиротеовардааст?
8. Лутфан, дар бораи кӯдакӣ ва навҷавонии худ каме нақл мекардед? Шумо чӣ гуна кӯдак будед? Оё шумо бачаи "кӯча" будед? Шумо бо варзиш машғул мешудед?
9. Даркӯдакӣ чӣ орзуҳо доштед? Кӣ шудан мехостед? Оё шумо он орзуҳоятонро амалӣ кардед? Агар не, чӣ ба шумо халал расонид?
10. Лутфан ба мо дар бораи оилаатон, волидон, хешовандон ва дӯстонатон нақл кунед. Муносибатҳои шумо бо наздиконатон то кадом андоза хуб буданд? Аз чониби оила ва дӯстонатон башумо ягон дастгирӣ ва ё фаҳмиш ҳис карда мешуд? Онҳо қарори мусулмони фаъол шудани шуморо чӣ гуна қабул карданд?

**Кисми 2. Ҳувияти динӣ**

1. Дини Ислом барои шумо чӣ маъно дорад? Ва рисолати шумо ҳамчун мусулмон аз чӣ иборат аст?
2. Ба мо бигӯед, ки чӣ гуна шумо ба дин пайваст шудед? Шумо бо роҳнамоии кӣ ба диндорӣ омадед: дӯстон, хешовандон, шиносон?
3. Агар шумо худро мусулмон мешуморед, инро дар чӣ дидан мумкин аст?
4. Шумо худро пайрави кадом мазҳаб меҳисобед? Оё шумо медонед, ки «ақида» чист? Агар «ҳа», пас шумо тарафдори кадом ақида ҳастед? Барои чӣ маҳз ҳамин ақида?
5. Оё шумо ягон хел маълумоти динӣ доред?
6. Шумо забони арабиро медонед?
7. Оид бадин аз куҷо (кадом сарчашмаҳо) меомӯзед? Аз китобҳо? Аз Интернет?
8. Аз диндорон ки(ҳо)ро бештар эҳтиром мекунед? Чаро махз ҳамин олимонро? Оё дар байни диндорони маҳбуби шумо олимони маҳаллӣ ҳам ҳастанд?

**Кисми 3. Тахрик ва хавасмандихо барои ҳамроҳ шудан ба ташкилотҳои манъшуда**

1. Шумо аъзои ягон ташкилот ҳастед? Агар ин тавр бошад, шуморочӣ чиз ба ин созмон ҷалб намуд? Шумо дар бораи ташкилотатон чиро медонед? Шумо дар бораи он чӣ тавр маълумот пайдо кардед(тавассути кадом каналҳо)?
2. Чӣ тавр шумо аъзои ин ташкилот гаштед ва аз кай аъзо ҳастед?

3. То чӣ андоза шумо аз компютер ва дигар дастгоҳҳои алоқаи мобилӣ хуб истифода бурда метавонед?
4. Оё шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳузур доред? Оё шумо аз барномаҳои сухбатӣ (чат) истифода мебаред (масалан, WhatsApp & Telegram)?
5. Дар он ташкилот нақши шумо аз чӣ иборат буд? Кори асосии шумо дар он аз чӣ иборат буд?
6. Аъзогӣ дар ин ташкилот ба шумо чӣ дод? Чаро маҳз ҳамин созмонро интихоб кардед? Оё ин ташкилот аз ҷониби аъзоёни дигараш кӯмаки моддӣ ё маънавӣ мегирад?
7. Шумо аз ҳамроҳ шудан баин созмон чиро ба даст оварданӣ будед?
8. Шумо дар бораи давлатамон чӣ фикр доред? Оё шумо аз сиёсат, бахусус дар соҳаи дин қаноатмандед? Оё шумо оид башакли идоракунии мамлакат ягон пешниҳодоти алтернативӣ доред?
9. Ба фикри шумо, давлати мо барои заминаи рушди дин мусоидат мекунад?
10. Миёни давлат ва дин бояд чӣ гуна муносибатҳо бошад?

**Кисми 4. Ҷиноишавӣ дар маҳбасҳо.**

1. Ҳаётдар зиндон чӣ тавр мегузарад?
2. Оё шумо ягон доираи ҳамсӯҳбатон доред? Шумо бо кӣ зиёдтар ҳамсӯҳбатӣ мекунед ва аз кӣ дурӣ меҷӯед? Чаро?
3. Ба фикришумо ҳаёти ин ҷо ба шумо чӣ гуна таъсире расондааст?
4. Оё шумо пештар ҳам ҷиноятҳои маъмурӣ ё ҷиноӣ карда будед? Агар ҳа, мархамат, каме шарҳ диҳед.
5. Ин ҷо аз тарафи ҷинояткорон нисбати шумо ягон феълу таъсири баде карда мешавад? Шумо нисбати дигар маҳкумшудагон чӣ муносибате мекунед?

**Кисми 5. Масъалаҳои марбут басиёсат ва геополитика (сиёсатҳои арзиву минтақавӣ)**

1. Б афикри шумо, дар ҷаҳон ягон давлатехаст, ки низоми сиёсии вай бо меъёрхои Шариат мувофиқат дошта бошад?
2. Ба фикри шумо дар Сурия чӣ гап аст ва ҷонибҳои зиддунақиз кадомҳоянд (мунокиша байни кадом тарафҳо рафта истодааст)?
3. Оё сари қудрат омадан ҳадафи асосии мусулмон аст ва умуман, оё ин ҳадаф шуда метавонад?
4. Барои чӣ саридораи ҷабҳаи «Ҳизб-ут-таҳрир» дар пойтахти давлате аст,ки дар мунокишаҳои мусаллаҳонаи қаламравҳои мусулмоннишин иштироки бевосита мекунад (собиқ Вена, Австрия; собиқ Лондон, Англия, дар ҳоли ҳозир боз ш. Лондон)?
5. Дар ҳолате, ки ҷонибдорони шумо сари қудрат оянд, аввалин чизе, ки дар соҳахои сиёсат, иқтисод ва маориф ба амал меояд, чист? Ин рӯйдод чӣ тавр сиёсати мамлакатҳои калон ва иқтисодиёти ҷаҳониро нисбат ба XXXистон дигаргун мекунад? Ин дигаргунӣ барои аҳолии кишвар чӣ оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта метавонад?
6. Ба фикри шумо чаро дар Сурия ДИИШ, «Ан- Нусра» ва бисёр гурӯҳҳои дигар бо якдигар дар ҷанг ҳастанд? Ба фикри шумо ва мутобиқи баҳои динии шумо кадоме аз онхо ҳаққанд?
7. Ба фикри шумо, дар кучо; дар кадом давлати Осиёи Марказӣ мусулмонҳо ҳаёти бештар осоишта доранд ва чаро чунин аст?
8. Оё шумо мехостед, ки кишварро тамоман тарк ва ҷои истиқомататонро дигар кунед? Агар "ҳа", аз чӣ сабаб?

**Қисми 6. Пурсишҳои табиати психологӣ ва равонӣ дошта.**

1. Саволҳое, ки ба муайян кардани хусусиятҳои роҳбарӣ равона шудаанд.
2. Саволҳое, ки бамуайян кардани параноя, фанатизм ва рафтори беҷо равона шудаанд;
3. Саволҳо барои муайян кардани додашавӣбатаъсирот ва фиреб (манипулятсия).
4. Саволҳо дар бораи ниятҳо. Оё аз ҷониби маҳкумшуда зӯроварӣ истифода кардан мумкин аст?

**Пурсиш аз рӯи қисми 6-ро бо ёрии санҷишҳо (тест) ҳатман психотерапевт ё психолог мегузаронад.**

**Саволҳо барои мусоҳиба бо хешовандони маҳбусон**

Лутфан ба мо дар бораи писар, духтар, дӯст, шогирд, шавҳар, зани худ нақл мекардед?

1. Шумо бо ӯ чӣ гуна вохӯрда будед ва аллакай чанд вақтбоз шумо ҳамдигарро мешиносед? (Савол ба дӯстон ва дигар шиносҳо пешбинӣ шудааст).
2. Вай дар кудакӣ/ наврасӣ/ калонсолӣчӣ гуна буд?
3. Дар бораи дараҷаи маълумоти динии вай каме нақл мекунед?
4. Кай ва чӣ тавр ӯ диндориро сар кард?
5. Шумо аъзои оилаатон/ дӯсти худро чӣ гуна тасвир карда метавонед?
6. Шумо дар бораи дастгир шудани вай чӣ гуна фаҳмидед? Ва аксуламал ё вокуниши шумо чӣ гуна буд?
7. Оё шумо гумон доштед, ки вайба гурӯҳи мамнӯъе дохил мешавад ва ё ба Сурия меравад?
8. Оё шумо дар рафтори вай пеш аз дастгир шуданащ ягон тағйиротеро пай мебурдед?
9. Ба фикришумо чӣ ӯро ба ин роҳ бурд (ба ин кор водор кард)?
10. Аз ҳамроҳшавӣба ин созмон/ аз сафар ба Сурия мақсади вай чӣ буд?
11. Оё ӯ дӯстони бисёр дошт? Одатан, ӯ вақти холиашро бо кӣ мегузаронд?
12. Оё доираи ҳамсӯҳбатони вай вақтҳои охир- пеш аз дастгир шуданаш тағйире ёфта буд?
13. Оё вай аз ҷомеа худро каноргирифта буд? Оё аз тарафи вай ким-чӣ хел як нофаҳмиву бегонашавӣ нисбат баҷомеа ҳис карда мешуд?
14. Қабл аз дастгир шудан вай бо чӣ кор машғул буд?
15. Вазъи молиявии ӯ чӣ гуна буд?
16. Оё шумо бо вай дар бораи чунин мавзӯъҳо, аз қабили табъиз, таҳқири мусулмонон ва беинсофӣ дар ҷомеа сӯҳбат мекардед?
17. Фикри вай дар бораи давлат чӣ буд?
18. Оё вай қаблан хам ягон гуноҳи дигари маъмурӣ ё ҷиноӣ карда буд?
19. Шумо дар бораи барномаҳои офиятбахшӣ дар маҳбасҳо чӣмедонед?
20. Оё шумо барои иштирок дар чунин барномаҳо ваҳамкорӣбо мақомот дар бартараф кардани равандҳои радикализатсия омодаед?

**Саволҳо барои мусоҳибаҳо бо кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Лутфан ба мо дар бораи маҳбус «Х» каме нақл мекардед.

1. Аз кай боз шумо ӯро мешиносед?
3. Шумо ӯро чӣ гуна характеристика дода метавонед?
4. Вай дар ҷои маҳрумият аз озодӣ чӣ рафтор мекунад?
5. Аз лаҳзаи ба маҳбас омадан дар рафтори вай ягон дигаргунӣ дида мешавад? Агар «ҳа», чӣ дигаргуниҳо?
6. Муносибати ӯ бо ҳамҳуҷраҳояш ва умуман, бо дигар маҳбусон чӣ гуна аст?
7. Муносибатҳои ӯ бо нозирон ва маъмурияти маҳбас умуман, чӣ гунаанд?
8. Оё шумо дар бораи он ташкилоти динӣ, ки вай узви он аст, ягон чиз медонед? Агар «ҳа», мушаххасан, чӣ медонед?

9. Вай нисбат ба тартиботи системаи ҷазои ҷиноятӣ ва рафтори маҳбусон дар зиндонҳо чӣ ақида дорад?
10. Оё маҳбус «X» урфу одати дар маҳбас қабулшударо ба худ қабул карда, ба он мутобиқ шуда истодааст, ё не? Агар чунин бошад, кадом элементҳо аллакай қабул карда шудаанд?
11. Ба фикри шумо бо ин категорияи маҳбусон корҳои барқароркуниро чӣ тавр ба роҳ мондан зарур аст?
12. Оё шумо ягон усули шахсии табақабандии чунин маҳбусонродар сар доред? Агар «ҳа», аз рӯи кадом хусусиятҳо ва ба кадом гурӯҳҳо шумо онҳоро тақсим мекардед?
13. Оёақидаи вайро дигар карда, ӯро аз ифротгароӣ ва терроризм берун кашидан имконпазир ҳаст?
14. Шумо қобилияти барқарор шудани вайро чӣ гуна баҳо медиҳед (Оё, ба фикри шумо, вай барои ислоҳ шудан қобил аст)?
15. Ба фикришумо барои иҷрои хуби барномаи ислоҳӣ (барқарорсозӣ) бо вай кӣ бояд кор барад?

**ЛУҒАТ**

**Терроризм**- амалҳои ҷиноие, ки бо мақсадҳои сиёсӣ,барои ташкили фазои террор дар байни ҷамъият, ягон гурӯҳи шахсон ва ё нисбати шахсони алоҳида равона ё амалӣ карда шудаанд.

**Қоидаҳои Нелсон Мандела**- санади байналмилалиест, ки дар он ҳадди ақалиқоидаҳои (стандартӣ) меъёрии муносибат бо маҳбусон шарҳ дода шудаанд. Қоидаҳои мазкур аввалин бор дар соли 1955 дар нахустин анҷумани СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунон қабул карда шудаанд.

**Шиканҷа**(дарду азоб)- ҳама гуна амале, ки тавассути он аз ҷониби шахси мансабдори давлатӣ ё шахси дигари расмӣ, ё бо фармудаи онҳо ва ё огоҳии онҳо, ёрозигии хомӯши онҳо ба ягон нафар қасдан дарду азоби сахтиҷисмонӣ ё маънавӣ расонда мешавад. Мақсади ин- аз он нафар ва ё аз шахси сеюм ба даст овардани маълумот ё иқрори гуноҳе аст, ки он нафар ва ё шахси сеюм онро содир кардаанд ва ё дар содир кардан гумонбар шудаанд. Ҳамчунин, шиканҷабо мақсади тарсондан ё маҷбур сохтани ягон нафар ва ё нафари сеюм бо ягон сабабе, дар намуди ҳама гуна табъиз (дискриминатсия) истифода карда мешавад.

**Ифротгароӣ (экстремизм)**- зоҳир кардани шаклҳои шадиди амалиёт, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба амал омада, мақсадаш- даъват барои вайрон кардани суботи ҷамъиятӣ, дигар намудани сохти конститутсионӣ дар кишвар, ғасби ҳокимият ва тасарруфи ваколатҳои он, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, этникӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад.

**Ҳуқуқҳои инсон** - ҳуқуқҳои ҷудонопазири ҳар як инсон, сарфи назар аз миллат, ҷои истиқомат, ҷинс, қавмият, ранги пӯст, дин, забон ё ҳама гуна аломатҳои дигар.

- ***Озодии виҷдон***- ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд дар озодона ва мустақилона муайян кардани муносибати худ нисбат ба дин;алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон, пайравӣ кардан ва ё накардан ба ягон дин; озодона интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ; инчунин баён ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ;
- ***Озодиидин***- ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд дар озодона ва мустақилона интихоб ва пайравӣ кардан ба ягон дин, ҳуқуқи иштирок дар маросимҳои динӣ, қайди расму оинҳои динӣ ва таълимоту омӯзиши динӣ.

**Радикализм**- муносибат ва ё фаҳмиши фардӣ нисбат ба ҳалли радикалӣ, зуд ва қатъии проблемаҳо мебошад. Зери мафҳуми радикализми сиёсӣбаъзан даъват ба сарнагунсозии сохти сиёсии мавҷуда, қотеият ва таҳаммулнопазирии доктринаи идеологӣ; баъзан ифротгароии амалияи сиёсӣ фаҳмида мешавад. Пирӯзиирадикалҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ имконпазир мегардад. Дар чунин мавридҳо авзоъҳои пасипардагӣ (ва ё то ин вақт аз диққат берунбуда) фаъол гашта, боло ва бартарӣ мегиранд (дар сурати мавҷуд набудани чунин ҳолат он сунъӣ эҷод карда мешавад).

**Ҳамкории харобиовар**- (аз калимаи лотинии “destruktio”- яъне шикастан) шикастани структурӣ/ сохтории ягон чиз, сохт- пинҳонӣ ё ошкор помол кардани манфиатҳои як тарафба манфиат ё аз тарафи ҷониби дигар.

**Истифода ё фиреб (манипулятсия)-и равонӣ**-идоракунии пинҳонӣ аз болои амалҳо ва рафтори одамони дигар, бо истифода аз «нуқтаҳои заиф»-и онҳо, яъне комплексҳои бозтобнопазир (*неотрефлексированный)*ва нозарур.

**Тафаккури таҳлилӣ/ танқидӣ**- ҳамчун кӯшиши таҳлил кардан, арзёбӣ кардани ҳама чиз; зуд бовар накардан; қобилияти дуруст ва холисона баҳо додан ба амалҳои худ; қобилияти ёфтан ва муайян кардани хатоҳои худ; пешниҳодҳо ва фикрҳои дигаронро зери таҳлили интиқодӣ гирифтан шарҳ дода ва фаҳмида мешавад.

**Шахси "ҷалбшуда"**- шахсест, ки аъзои оддии ташкилоти радикалӣ ва ё зиддиҷамъиятӣ мебошад.

**Барқароркунӣ**–(аз лотинӣ “re”- аз нав/ боз;“habilis”- дуруст), барқарор ё ислоҳсозии ҳолати шахс; барқароркунии мавқеъ ва ё мақоми иҷтимоии шахс.

**Зӯроварии психологӣ-** таъсири иҷтимоию психологӣ;қаблан ва қасдан маҷбур кардани шахси дигар ё гурӯҳи одамон ба амал ва ё рафторе, ки худи онҳо нияти онро надоштанд; берун баромадан аз марзҳои психологии шахс ё гурӯҳи иҷтимоӣ, ки бе ризоият ва бе таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва равонӣ, инчунин бе таъмини ҳуқуқҳои қонунии шахси воқеӣ ё гурӯҳи одамон ба амал омадааст; таъсироте, ки ба хисороти иҷтимоӣ, равонӣ, ҷисмонӣ ё моддӣ оварда мерасонад.

**Сӯистеъмол**(манипулятсия)- як навъ таъсири психологӣ, ки истифодаи моҳиронаи он боиси дар шахси зери таъсирбудапайдо гаштани ниятҳое мегардад, ки бо хоҳишҳои воқеии худи он шахс мутобиқ нест (яъне ғайри иродаи худ метавонад кореро кунад, ки ба вай маъқул ва ё хос нест).

**Фирқа/ равия-** як гурӯҳе, ки дахолатнопазирии ҷисмонӣ ва равонӣ, ё вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандонро аз худ мекунад (соҳиб мешавад) ва ба ин васила, нисбат ба ҳуқуқҳои ҷамъият ва сокинон ба омили хатар(зо) табдил мегардад.

**Фаъолиятидинии харобиовар** (аз лотинӣ-"destructive"- шикананда)- фаъолияти динӣ асоснокшуда, ки ҳам нисбати шахс ва ҳам умуман ҷомеа харобиовар буда, зидди қонун мебарояд, ва ба давлатдорӣ хатар эъҷод мекунад ва ҳеҷ зарфияти созандагие надорад. Фаъолияти харобиовари динӣ ба фарҳанги анъанавии миллат, ба меъёрҳои иҷтимоии рафтор ва манфиатҳои шаҳрвандон мухолифат мекунад. Вай зӯроварии пинҳонии психологиро нисбат ба ақида ва рафтори аъзоёни худ истифода бурда, бо принсипҳои ахлоқӣ мувофиқат намекунад; барои ҳаёт ва саломати одамон хатар эҷод мекунад.

**Манипулятор**-мутахассиси таҳияи вазъиятҳое, ки дар он шахс гумроҳиҳояшро ба амал мебарорад.

**Техникаи безараргардонии таъсирот** (манипулятсия)- алгоритми муайяни амалҳо, рафтори инсоне, ки мавриди ҳамлаи (манипулятор) шахси таъсиррасон гардидааст. Чунинтехника дар марҳилаи аввал пурра вазъиятро ба даст гирифтани манипуляторро пешгирӣ мекунад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо худ метавонад ба воситаи таъсири сӯистифода (манипулятсия) табдил ёбад.

**Ислом** (аз арабӣ "таслим ба Худо», «бандагӣ»)- вобаста аз шумораи пайравонаш дуюмин дини ҷаҳонии яктопарастӣ.

**Каъба**-мавзеи ҳаҷ.

**Ҳиҷра-** сафар (муҳоҷират)

**Сунниҳо-**(аз арабӣ: أهلالسنة,аҳл-ал суннату) пайравони шохаи аз ҳама сершумортарини Ислом.

**Ма́зҳаб** (арабӣمذهب)— дар тарҷума аз забони арабӣ, калимаи "мазҳаб" маънои "роҳ"; дар маънои фиқҳӣ бошад, мактаби қонуншиносии қонунҳои шаръии Исломиро ифода мекунад.

## АДАБИЁТ

**Асосӣ:**


1. Модули таълимии кормандони Хадамоти давлатии иҷрои ҷазои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ташкили кор бо нафароне, ки бо ҷурми содиркунии ҷиноятҳои табиати террористӣ ва ифротигароидошта маҳкум шудаанд», Бишкек, с.2017
2. Нашри махсуси «Маҷаллаи психологи амалӣ» (2004, №6) «Психологияи фирқаҳои тахрибкор: таҳлили мушкилот ва ҳолатҳои мушаххас».
2. Лифтон Р. Технологияҳои “шустани мағзҳо": Психологияи худкомагӣ (тоталитаризм). - Санкт-Петербург: Prime-Euroznak, с. 2005.
3. Вершинин М. В. Хусусиятҳои психологии аъзоёни гурӯҳҳои тахрибкор ва террористӣ (радикалӣ), с 2003
4. Ҳассен С. Озодшавӣ аз зӯроварии психологӣ: назорати афкор/шуур, фирқаҳои харобиовар, усулҳои кӯмак. - Санкт-Петербург: "Prime-Euroznak", 2001-2003.
5. Волков Е Н. Машваратдиҳӣ ба қурбониёни таъсиррасонии шадиди психикӣ: принсипҳои асосӣ, хусусиятҳои амалия //Маҷаллаи психологи амалӣ. - Москва: “Фолиум”, 1997. - № 1 - Р. 102-109.
6. Дастур барои кор бо маҳбусоназ ҷумлаи ифротгароёни ҷангӣ ва кор оиди пешгирӣ кардани радикализатсияи хушунатзо дар маҳбасҳо. - Дафтари СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ, Вена, 2017.
7. Минияров, В.М. Психологияи тарбияи оила(вӣ) (ҷабҳаи ташхисӣ-ислоҳкунӣ) / В. Минияров. - Москва: Институти психологияю иҷтимоии Москва; - Воронеж: Нашрияи Ташкилоти ғайридавлатии «МОДЭК», соли 2000. – саҳ.256.
8. Лэнгле, А. Таҳрикҳои бунёдии ҳастӣ –ҳамчун сохт(ор)и муассири психотерапияи таҳлилӣ-ҳастӣ”, А. Лэнгле // Таҳлили ҳастӣ(ят). с 2009. - № 1 - саҳ. 9-29
9. Лэнгле А. Қабул намуди он чӣ ки таъсир дорад: илми таҳқиқи чизҳои нодир (phenomenology) дар амалияи таҳлили мавҷудият/ А. Лэнгле // Таҳлили мавҷудият, с. 2009. - № 1 - саҳ. 79-112
10. Джиамбалво К. Маслиҳат дар бораи натиҷаи ниҳоӣ: Таъсири оила. Чӣ тавр ба хешовандоне, ки ба фирқаи тахрибкор афтодаанд, кӯмак кардан мумкин/ зарур аст? – Ниж.Новгород, с 1995.
11. Шифо аз биҳишт: Барқарорсозӣ ва худтанзимкунӣ дар мавриди вобастагии иҷтимоӣ/ дар зери таҳрири илмии Е. Н. Волков. – Санкт Петербург: Суханронӣ, с 2008.
12. Нашри махсуси "Маҷаллаи психологии амалӣ" (2008, №4) "Амнияти психологӣ".
13. Маликов Қодир, Мухтасар дар бораи Ислом
14. Ализода. Феҳристи энсиклопедии исломӣ. Боку, с 2007.
15. Ислом. Луғати энсиклопедӣ. М., с 1991.
16. Таҳкими зарфият оид ба пешгирии экстремизми хушунатбор дар Ҷумҳурии Қирғизистон, муҳаррири масъул Н.У. Курбонова - Бишкек, с 2014
17. Осиёи Марказӣ дар пас манзари хатарҳои умумиҷаҳонӣ. Муҳаррири масъул И. Мирсаидов - Бишкек, соли 2016.
18. Роҳнамо бапешбарандагони экстремизми ифротгаро http://pdf.usaid.gov/pdf_docs/Pnadt978.pdf


**Иловагӣ:**


1. 11 савол дар бораи ислом - http://arzamas.academy/mag/388-islam
2. 5 китоб дар бораи ислом - http://arzamas.academy/mag/320-islam
3. Ислом дар 90 дақиқа / таҳияи У. Булаков. М, 2006.
4. Омӯзиши исломӣ / муҳаррир М.Ф. Муртазин. М, 2008.
5. Қурбонова Н.У. Ислом дар Қирғизистони муосир, Бишкек, 2009.

6. Омӯзиши динӣ барои донишгоҳҳои Қирғизистон. Бишкек, 2014.
7. Стаҳелски, Энтони. Террористҳо сохта шудаанд, на таваллуд: Тарбияи террористҳо тавассути истифодаи вазъиятҳои иҷтимоиипсихологӣ. Маҷаллаи амнияти дохилӣ, марти соли 2004. © Е. Н. Волков, тарҷума базабони русӣ ва шарҳҳо, 2007
8. Р. Чалдини, Психологияи таъсир. - Санкт-Петербург: “Питер”, 1999-2004.
9. Пратканис Э., Аронсон Э. Давраи тарғибот: механизмҳои талқин- истифода ва сӯистифодаи ҳаррӯза. - СПб.: Прайм Еврознак, с 2002-2003.
10. Дар бораи баррасии парвандаҳои ҷиноятии марбут ба экстремизм ва терроризм аз ҷониби судҳо, с2014// сомонаи расмии Додситонии Кулли Ҷумҳурии Қазоқистон- http://prokuror.gov.kz/rus/novosti/stati/o-rassmotrenii-sudami-ugolovnyh-del-ob-ekstremizme-i-terrorizme

- Сомонаи интернетии Евгений Волков - http://evolkov.net/
- Сомона ва ирсоли "Маркази тадқиқоти илтиҳобӣ" www.apologetika.ru
- Форум “Шуури кушода”- www.sektam.net/forum/
- Сомонаи интернетии "CultNEWS101" - www.CultNEWS101.com/
- Сомонаи англисзабони "ICSA" - www.icsahome.com/
- ЖЖ Лена Малая - lena-malaa.livejournal.com/